Юнус АЗИМОВ

# КИТОБИ ХОНИШ

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФҲОИ 3-ЮМИ МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ

Нашри шашум

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия кардааст*



ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2019

УЎК 811.228.8(075)+372.41
КБК 81.2 Тад-2008
А 54

**Муҳаррири масъул:**

**Ҷ. Ҳамроев** — доктори илмҳои филологӣ, профессор

**Муқарризон:**

1. **И. Эшонкулов** – доктор (PhD) – и улуми фалсафа роҷеъ ба фанҳои филологии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз;
2. **С. Хӯҷақулов** – омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзади улуми филологӣ;
3. **А. Шерназаров** – омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:



— савол ва супоришҳо


— охири дарс


— тестҳо


— зарбулмасалҳо


— чистонҳо


— вазифаи хонагӣ

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст**

ISBN 978-9943-01-277-6

© Ю. Азимов, 2008—2019.
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2008, 2010, 2012, 2014, 2016, 2019.

http://eduportal.uz

# *Фасли 1.* ЭЙ ВАТАН, МАЪВОИ МО, КИШВАРИ ЗЕБОИ МО



## *Дарси 1.* ЯКУМИ СЕНТЯБР – РӮЗИ ИДИ ИСТИҚЛОЛ

Озодӣ неъмати бебаҳост. Аз ин рӯ меарзад, ки санаи 31-уми августи соли 1991-ро дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои тиллоӣ навишта монем. Ҳамин рӯз мустақилии Республикаи Ӯзбекистон расман эълон гардида, 1-уми сентябри соли 1991 Рӯзи истиқлоли Республикаи Ӯзбекистон таъин шуд. Аз соли мазкур сар карда рӯзи якуми сентябр Иди истиқлол ва рӯзи дамгирӣ эълон гардид.

Истиқлол ба мо чӣ дод?

Истиқлол ба мо пеш аз ҳама озодии сиёсӣ-иқтисодӣ, маънавию маърифиро дод. Бо шарофати он мо имконияти озодона фикркунӣ,

мустақил ва ҷасурона амал намуданро соҳиб гаштем. Истиқлол ба мо суннатҳои миллии ба фаромӯшӣ маҳкумгаштаамонро баргардонд.

Ватани мо Ӯзбекистон кишвари сермиллат мебошад. Дар он халқҳои тоҷик, рус, қазоқ, туркман, қирғиз ва ғайра паҳлӯ ба паҳлӯ, дар ҳамкорию ҳамдилӣ бо халқи бародари ӯзбек меҳнату эҷод ва бунёдкориҳо мекунанд. Истиқлол ба ҳамаи онҳо низ худшиносию эҳёи миллӣ, забон ва суннатҳои бостониашонро баргардонд.

Истиқлол ба кишвари ҳамешабаҳорамон Ӯзбекистон қиёфаи нав бахшид. Дар тӯли солҳои мустақилӣ чунон бисёр корҳои ободонию бунёдкорӣ ба сомон расонда шудаанд, ки ҳисоби онро дарёфтан мушкил аст. Шаҳрҳои бостонии Бухоро, Самарқанд, Хива, Тошканд дар солҳои истиқлол даҳчанд ободу зебо гаштанд. Дар онҳо садҳо биноҳои бисёрошёнаи рӯҳи миллию замонавӣ дошта қомат афрохтанд. Ҳамин суханҳоро бо ифтихор дар бораи ҳама шаҳрҳои республикаамон низ гуфтан мумкин аст.

## Савол ва супоришҳо

1. Мо чаро 1-уми сентябрро ид мекунем?
2. Истиқлол ба мо чӣ дод? Дар ин бора накле тартиб диҳед.
3. Мо имсол чандсолагии истиқлолро ҷашн мегирем?



http://eduportal.uz

# КОРИ НЕК

Муаллима бипурсид
Рӯзи аввали таҳсил:
— Бачаҳо, чӣ кори нек
Кардед вақти таътил?
— Ман, — бигуфто Нигора, —
Дар таътили тобистон
Дасти ёрӣ бидодам
Ба момои Хиромон.
Момо — ҳамсояи мост,
Як пири барҷомонда...
— Хуб истироҳат кардам
Вақти таътил, — гуфт Ашӯр. —
Барои мевачинӣ
Рафтам ба деҳаи дур.
Бобои ман боғбон аст
Дар деҳаи Хамирҷӯ.





http://eduportal.uz

Дар чидани зардолу
Ёрӣ расондам ба ӯ.
Рустам гуфто: — Тағоям
Чӯпони ордендор аст...
Ба тағои чӯпонам
Ман ҳам мадад расондам.
Аспи ӯро давондам,
Рамаашро чарондам...
— Бале, бале, шогирдон! —
Муаллима шуд хурсанд. —
Ҳар яки шумо кардед
Кори хубу дилписанд...

*Алӣ Бобоҷон*

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ба истҳо риоя карда хонед.
2. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?
3. Шумо таътили тобистонаро чӣ тавр гузаронидед? Дар ин бора нақл карда диҳед.

## *Дарси 2.* ГИМН (СУРУДИ МИЛЛӢ)-И РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

Гимн асари мутантани шеърию мусиқӣ буда, дар баробари байрақ ва герби давлатӣ рамзи расмии давлат ба ҳисоб меравад. Вай асосан ҳангоми ҷамъомадҳои тантанавӣ, гузаронидани маросимҳои муҳиме, ки аҳамияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ доранд, ҳангоми мукофотонидани варзишгарон дар мусобиқаҳои байналхалқӣ ва амсоли инҳо иҷро карда мешавад. Гимни Республикаи Ӯзбекистон 10-

http://eduportal.uz



уми декабри соли 1992 тасдиқ гардидааст. Матни гимн аз тарафи Қаҳрамони Ўзбекистон Абдулло Орипов, мусиқии он аз ҷониби бастакори маъруфи ўзбек Мутал (Мутаваккил) Бурҳонов офарида шудаанд. Дар Қонун дар бораи гимн талаб ва қоидаҳои иҷрои он зикр гардидаанд.

Гимни Республикаи Ўзбекистонро на танҳо ўзбекон, балки тамоми халқҳои маскуни сарзаминамон бояд аз ёд донанд ва дар вақти зарурӣ сароянд. Аз ин рў, матни гимнро дар шакли аслиаш меорем:

Серқуёш ҳур ўлкам, элга бахт, нажот,
Сен ўзинг дўстларга йўлдош, меҳрибон!
Яшнагай то абад илму фан, ижод,
Шуҳратинг порласин токи бор жаҳон!

Олтин бу водийлар — жон Ўзбекистон,
Аждодлар мардона руҳи сенга ёр!



http://eduportal.uz

Улуғ халқ қудрати жўш урган замон,
Оламни маҳлиё айлаган диёр!

Бағри кенг ўзбекнинг ўчмас иймони,
Эркин, ёш авлодлар сенга зўр қанот!
Истиқлол машъали, тинчлик посбони,
Ҳақсевар, она юрт, мангу бўл обод!

Олтин бу водийлар — жон Ўзбекистон,
Аждодлар мардона руҳи сенга ёр!
Улуғ халқ қудрати жўш урган замон,
Оламни маҳлиё айлаган диёр!

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ўзбекистон»*

**Савол ва супоришҳо**

1. Гимн чист?
2. Дар бораи муаллифони гимн маълумот диҳед.
3. Матни гимнро бо кўмаки муаллиматон ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

## *Дарси 3.* БАЙРАҚИ ДАВЛАТИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

**Байрақ** калимаи туркӣ буда, дар тоҷикӣ маъноҳои алам, парчам, ливо, дирафшро дорад. Вай яке аз рамзҳои давлат мебошад. Байрақҳо аз матои якранга ё бисёрранга тайёр шуда, нишонҳои махсусро доранд. Як тарафи байрақ ба чўбдаста часпонда мешавад.

Мувофиқи ривоятҳо Коваи оҳангар пешдомани хешро байрақ намуда, бар зидди душманони Ватанаш бархостааст, ки онро «Дирафши Кова» мегўянд. Дар ҳамаи асрҳо дав-

http://eduportal.uz



латҳои ҷудогона байрақҳои хоси худро соҳиб будаанд.

Байрақҳои давлатӣ низ аз матои якранга ё бисёрранга тайёр шуда, рамзи расмии соҳиб-ихтиёрии давлат мебошанд. Намуди байрақи давлатӣ ба воситаи қонун ё конститутсия муқаррар карда мешавад. Вай дар болои биноҳои муассисаҳои давлатӣ, сафоратхонаҳо, вако-латхонаҳо, гумрукхонаҳо ва ғайра бардошта мешавад. Байрақи давлатӣ дар идҳои миллӣ, ҳангоми супоридани мукофотҳои байналхалқии варзишӣ низ партавфишонӣ мекунад.

Тасвири схематикӣ ва рангаи Байрақи давлатии Республикаи Ўзбекистон бо Қонун «Дар бораи Байрақи давлатии Республикаи Ўзбекистон» (18-уми ноябри соли 1991) тасдиқ карда шудааст.

Дарозии байрақ 250 см, бараш 125 см. мебошад. Он аз матои серангаи (кабуд, сафед, сабз) байнашон бо хати сурх ҷудокардашуда иборат мебошад. Дар қисми боло (чап)-и он расми Моҳ ва 12 ситора тасвир гаштааст.



Рангҳои байрақ чунин маъноҳоро дар худ муҷассам намудаанд:

1. *Ранги кабуд* — рамзи осмони мусаффоест, ки зиндагии пурнишот ва фаровонро дар худ таҷассум намудааст. Ин тимсолҳо некӣ ва ҳалолкориро ифода мекунанд.

2. *Ранги сафед* — рамзи муқаддаси сулҳу амният буда, бо равшании рӯз омезиш ёфтааст. Ранги мазкур тимсоли покӣ, беғуборӣ, тозагии орзую хаёлҳо ва хушрӯии ботинӣ мебошад.

3. *Ранги сабз* — рамзи зиндашавӣ ва эҳёи табиат. Он дар бисёр халқҳо тимсоли ҷавонӣ, орзую умедҳо ба ҳисоб меравад.

4. *Хатчаҳои сурх* — ишора ба қувваи ҳаётие, ки дар рагҳои ҳама мавҷудоти зинда ҷорӣ аст.

5. *Тасвири моҳи нав* ба анъанаҳои таърихии мо вобаста аст. Он ҳамчунин рамзи истиқлоли Ватани мост.

http://eduportal.uz

6. *Ситораҳо* барои ҳамаи халқҳо тимсоли рӯҳонист. Ситораҳое, ки дар байрақи давлатӣ акс ёфтаанд, бо анъанаҳои таърихӣ ва солномаи офтобии кишвари бостониамон сахт вобаста аст.

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ӯзбекистон»*

**Савол ва супоришҳо**

1. Байрақ чист?
2. Байрақи давлатии Республикаи Ӯзбекистон чӣ гуна аст?
3. Рангҳои Байрақ чиро ифода мекунад?
4. Дар бораи рангҳои дӯстдоштаатон нақл кунед.
5. Дар болои кадом биноҳо байрақи давлатамонро мушоҳида намудаед. Дар ин бора нақл кунед.

## *Дарси 4.* ГЕРБИ ДАВЛАТИИ РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН



**Герб** — аз калимаи полякии «ҳерб» ва немисии «ербе» гирифта шуда, маънои «мерос»-ро дорад. Дар замонҳои қадим авлодҳо, қабилаҳо, давлатҳо

http://eduportal.uz

сарҳади молу мулкашонро бо нишон — герб ифода мекарданд, ки гуногун буданд. Баъзеи онҳо дар шакли тамғаҳои мухталиф амал карда, аз авлод ба авлод мегузашт.

Дар гербҳо ҳар хел тасвирҳо ифода мегардиданд. Масалан, давлати Амир Темур ҳам герби худро дошт. Дар он се ҳалқа тасвир ёфта буд, ки аз ҳукмронии Амир Темур дар се иқлим — Шимол, Ҷануб ва Ғарб гувоҳӣ медод.

Герби давлатӣ яке аз рамзҳои давлатӣ мебошад. Дар он хусусиятҳои миллӣ-сиёсӣ ва иқтисодии давлат, сохти иҷтимоӣ ва давлатӣ, нишонаҳои географӣ ва ғайра ифода меёбад. Герб дар мӯҳрҳои давлатӣ, банкҳои расмӣ, ҳуҷҷатҳои муҳим, пул ва коғазҳои қиматбаҳои давлатӣ, баъзе биноҳо тасвир меёбад. Мазмуни Герби давлатӣ дар конститутсия ё қонуни махсус ифода меёбад. Тасвири ранга ва сафеду сиёҳи Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистон бо Қонун «Дар бораи Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистон» (2-юми июли соли 1992) тасдиқ шудааст.

Герби давлатии Республикаамон аз тасвири офтоби дурахшон, кӯҳҳои сарбаланд, водиҳои сарсабз, хӯшаҳои гандум (аз тарафи рост), пахтаҳои шукуфон (аз тарафи чап) иборат аст. Дар қисми болои герб миёни чанбари пахтаю гандум ситораи ҳаштгӯша тимсоли ягонагиву муттаҳидӣ бошад, моҳи наву ситора рамзҳои муқаддаси мусулмонианд. Дар маркази нишон бо болҳои кушод Мурғи афсонавии Ҳумо тасвир гардидааст. Мурғи Ҳумо тимсоли бахт ва



http://eduportal.uz

озодӣ мебошад. Дар қисми поёни нишон калимаи «Ӯзбекистон» навишта шудааст.

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ӯзбекистон»*

### Савол ва супоришҳо

1. Герби давлатӣ чист? Дар бораи хусусиятҳои вай маълумот диҳед.
2. Герби давлатии мо чӣ гуна аст?
3. Рамзҳои дар гербамон тасвирёфтаро як ба як шарҳ диҳед.



### ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Шифои нодонӣ пурсиш аст.

* * *

Босабр оқибат ба мурод мерасад.

## *Дарси 5.*

### ВАТАН

Чу офтоби шӯъларез,
Мисоли моҳи нурбез.
Ба сони модари анис,
Азизӣ, ай Ватан, азиз!

Баҳори ботароватӣ,
Канори босаховатӣ.
Зи халқи комгори хеш,
Диёри босаодатӣ.

Хушу ягонаӣ, Ватан!
Сурурхонаӣ, Ватан!
Чу модару чу меҳру моҳ,
Ту ҷовидонаӣ, Ватан!

*Паймон*

http://eduportal.uz



**Вазифаи хонагӣ:** Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.



## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Ҳар гул дар буттаи худ бӯй дорад.

* * *

Шахси беватан — булбули бечаман.

## ЧИСТОН





Як порча замин доштем,
Тухми сиёҳ коштем.
Бо чашми худ бидидем,
Бо ақли худ шинохтем.

### Савол ва супоришҳо

1. Зарбулмасалҳоро бодиққат хонед. Мазмунашро хуб дарк намоед.



2. Чистонро аз ёд кунед ва ҷавобашро ёбед.

## Дарси 6.

## ТАРОНАҲОИ ИСТИҚЛОЛ

Зи иқболат манам шод, Ӯзбекистон,
Зи озодӣ ту обод, Ӯзбекистон.
Ҳумои бахту истиқлол овард,
Ҳаёти тозабунёд, Ӯзбекистон.
Чӣ хуш, фарзанди дилсӯзи диёрам,
Зи истиқлоли кишвар бахтиёрам.
Қасам бар номи поки кишвари худ,

http://eduportal.uz

Ки тайёрам ба ҳифзаш ҷон супорам.
Агар фарзанди истиқлол бошӣ,
Ту доим соҳиби иқбол бошӣ.
Ҳамеша баҳри фардои Ватан кӯш,
Накӯному накӯаъмол бошӣ.

*Нормурод Каримзода*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро аввал беовоз ифоданок, сонӣ овоз баровarда хонед.
2. Шумо барои фарзанди муносиби Ватан шудан чӣ кор мекунед?



**ЧИСТОН**

Шаҳр ҳасту одам нест,
Баҳр ҳасту обаш нест. (харита)

## *Дарси 7.* ЗАБОНИ МАН — ҶАҲОНИ МАН

Забоне, ки мо бо он гап мезанем, бо ҳамдигар мулоқот мекунем, забони модариамон — тоҷикӣ аст. Забони тоҷикӣ ба мисли забони ӯзбекӣ ва дигар забонҳо яке аз забонҳои қадимтарин ва бойтарини дунё ба ҳисоб меравад. Забони мо асрҳои IX—X ташаккул ёфта, ҳама хусусиятҳои забони адабиро дар худ ҷамъ намудааст. Илова бар ин бо ин забони бостонӣ фолклори ниҳоят ғанӣ ва рангоранг, адабиёти бешумори бадеӣ, илмӣ ва таърихие офарида шудааст, ки бо салоҳияту қимати хеш мавқеи ба худ хос дорад.

http://eduportal.uz

Боиси ифтихор аст, ки асарҳои безаволи Абӯабдулло Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ (Фонӣ), Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршакар, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева ва ҳазорон дигар эҷодкорони соҳирқалам низ ба ин забони ширину гуворо таълиф шудаву ба дили ҳассоси миллионҳо хонандагон роҳ ёфтааст.

Дар айни замон забони тоҷикӣ аз сарчашмаҳои гуногун ғизо гирифта, таркиби луғавии худро бой кардааст.

Мо бояд забони модарии худ — забони тоҷикиро чун забони давлатӣ чуқур омӯзему ҳурмат намоем. Чунки забони хешро мукаммал надониста, забони дигарро омӯхтан душвор аст.



## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Зебоии сухан ба кӯтоҳӣ ва ихтисор аст.

* * *

Беҳтарини садақаҳо садақаи забон аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Мо ба кадом забон сухан мекунем?
2. Кадом эҷодкорони машҳур бо забони тоҷикӣ эҷод кардаанд.
3. Чаро забонамонро забони модарӣ мегӯем? Дар ин бора фикратонро баён кунед.



http://eduportal.uz

## Дарси 8.

# МОДАР

Гӯянд маро чу зод модар,
Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо бари гоҳвораи ман,
Бедор нишасту хуфтан* омӯхт.
Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам,
Алфоз* ниҳоду гуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан* омӯхт.
Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

*Эраҷ Мирзо*



---

* *хуфтан* — хоб рафтан.
* *алфоз* — ҳарф задан, гап задан.
* *шеваи роҳ рафтан* — тарзи роҳ рафтан.



http://eduportal.uz



**Вазифаи хонагӣ:**

1. Шеърро ифоданок хонед. Мазмунашро нақл кунед.
2. Дар хона дар бораи модаратон ҳикоячае нависед.

## ҲАР КӢ ЗАБОН ГУМ КУНАД

Ҳар кӣ забон гум кунад,
Ному нишон гум кунад.
Зӯру тавон гум кунад,
Ҷону ҷаҳон гум кунад.
Дурру садаф гум кунад,
Бахт зи каф гум кунад.
Ишқи чаман гум кунад,
Меҳри Ватан гум кунад.
Ёри чу ҷон гум кунад,
Модари ҷон гум кунад.

*Салим Кенҷа*



**Вазифаи хонагӣ:** Шеърро хонед ва аз ёд кунед.



## ЧИСТОНҲО

Гуле дидам, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар бозор бошад.
На ӯро кас харад, не кас фурӯшад,
Ҳамеша дар сараш бозор бошад.
(Илм)



Субҳ дамид,
Боғ сермева шуд. (Мактаб)

http://eduportal.uz

*Дарси 9.*

## МОДАР — ВАТАН

Ватан чист ва чаро мо онро дӯст медорем? Ватан ифтихор, шаъну шараф, нангу номус, виҷдон ва обрӯю эътибори мост. Ватан азизтарин ва ноёбтарин неъмат, сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чизе наметавон иваз кард. Ватанро интихоб ва ё хариду фурӯш намекунанд. Вай чун волидайну бародару хоҳари ҳамтан як бор ва барои ҷовидон дода мешавад. Ватан сарнавишту қисмати ҳар як фард аст, ки аз ибтидо ба бошандагонаш ба мерос гузошта мешавад.

Ватан модари меҳрубон, ғамхору навозишкор аст. Модари аслӣ моро тавлид кардаю бо шири сафед парвариш намудааст. Вай нахустин ҳарфу ҳиҷои забонро ёд додаю аслу насабамонро ба мо шиносонидаю нахустин сифатҳои неки одамиро омӯзонида аст. Ватан ба сарамон дасти тавонои навозишкорашро гузошта, моро аз ҳамаи офатҳо, аз ҳама гуна ҳамлаю таҷовузи аҷнабӣ эмин дошта аст. Вай моро дар зери болҳои азимаш паноҳонида ба сифати фарди ҷамъиятӣ тарбия мекунад. Агар ватан орому осудаю дар саросари он сулҳу салоҳ, амну амонӣ ҳукмрон бошад, нозу неъмат фаровону модарон осудаю ором фарзандонашонро парвариш ва тарбия мекунанд. Аз ин рӯ ватанро ҳампояю ҳамрадифи модар медонанд ва бо ифтихори тамом мегӯянд: «Модар — Ватан»,



http://eduportal.uz



«Ватан модари мушфиқ ва навозишкор аст» ва ғайра.

Ҳама чиз дар зиндагӣ такрор ва пайдо мешавад, ба ҷуз модару Ватан. Аз ин рӯ Ватану модар пеши ҳар кадоми мо қадру қимати беандоза ва бебаҳо доранд. Дар ин бора шоири маҳбуби мо Лоиқ чунин гуфта буд:

Вале баҳри ҳама Модар — Ватан яктост,
Ту ҳам аз баҳри мо мисли Ватан яктоӣ,
эй модар.

Ту яктоиву дар ҳар ҷо,
Ту танҳоиву ту бо мо...

Аз ин ҷост, ки меҳру муҳаббат ба Модар — Ватан, эҳсоси ватандӯстию ватанхоҳӣ дар қалби ҳар фарди некном аз овони ҷавонӣ шурӯъ мешавад.

*Юсуф Акбаров*

**Ҳикмат:** Ҳифзи ҷон воҷиб* аст, ҳифзи ватан аз он воҷибтар.

## Савол ва супоришҳо

1. Чаро мо Ватанамон Ӯзбекистонро дӯст медорем?
2. Маънои ҷумлаи «Ватан модари мушфиқ ва навозишкор аст»-ро фаҳмонед.
3. Шаҳрҳои бостонии Ватани бепоёнамонро номбар кунед.

### ТЕЗГӮЯК

Ин тутча читу тутча,
Дар ҳавлича ду тутча.

## *Дарси 10.* ӮЗБЕКИСТОН — ВАТАНИ ЯГОНА ВА ЗЕБОИ МО

Ватан калимаи арабӣ буда, маъноҳои зодгоҳ, ҷойи таваллуд ва нашъунаморо мефаҳмонад. Ватан макон, мамлакатест, ки одамон таваллуд шуда, ба камол расидаанд, ҳудудест, ки таърихан ба халқи муайяне мансуб аст, ҳамчунин маҷмӯи табиат, аҳолӣ, тараққиёти ба худ хос, забон, маданият ва урфу одатҳои он халқ мебошад. Аз ин рӯ, Ватан мисли Модар ягона ва муқаддас аст. Масъулият ва ҳисси қарздорӣ дар назди Ватан хусусияти хоси ҳама гуна инсонҳои комил мебошад. Ватанро дӯст доштан

* *воҷиб* — зарур, ҳатмӣ.



http://eduportal.uz



дар ватанпарварии ҳар як инсон намоён мегардад.

Насли наврас низ Ватани худ — Ӯзбекистонро аз дилу ҷон бояд дӯст дорад. Бахри нашъунамо ва тараққиёти ӯ кӯшишҳо намояд. Ифтихори ватандӯстӣ бояд аз иҷрои сари вақту хушсифати ҳар кор, қатъи назар аз ҷисмонӣ ва ё фикрӣ будани он, аз хониши аъло ва амиқ омӯхтану донистани таърихи тамаддуни халқи хеш оғоз ёбад.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳатто як каф хоки ватан низ барои инсон аҳамияти калон дорад. Зеро хоки ватан азиз асту муқаддас, гарм асту табаррук. Хоки ватан ва забони модарӣ дар як радифанд. Онҳоро ба ҳеҷ чиз иваз кардан ва ё бо кадом чизи дигаре баробар кардан нодуруст аст. Аз қадимулайём, вақте ки одамон ба ин ё он сабаб ватани маҳбубашонро

ноилоҷ тарк карда ба кишварҳои бегона сафар мекарданд, ҳамроҳи худ як каф хоки ватанро мебурданд. Устод Айнӣ дар очерки таърихии худ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» овардааст, ки дар миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар вай як каф хок ва як порча коғази хатнок буд. Дар коғаз чунин навишта шуда буд: «Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст!».

Дар ҳақиқат, инсон бояд ҳар як каф хок, ҳар як зарраи ватани азизашро дӯст дорад. Ҳама вақт барои ҳимояи кишвараш тайёр бошад. Ҳамон вақт вай фарзанди арзандаи ватанаш ба шумор меравад.

## Савол ва супоришҳо

1. Мафҳуми ватанро шарҳ диҳед.
2. Ватандӯсти ҷавон чӣ гуна бояд бошад?
3. Чаро гузаштагони мо хоки Ватанро азизу муқаддас донистаанд?
4. Дар бораи қиёфаи ҳозираи Ватани ҷоноҷонамон — Ӯзбекистон иншо нависед.



## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Қурбони ватан бош, ки қурбонат шаванд.

* * *

Хоки ватан аз мулки Сулаймон беҳтар.

## *Дарси 11.*

# ТЕШАИ ПАДАР

Нисфирӯз ба хона Ҳусейнбобо омада амаки Бобиро пурсон шуд.

— Падарам дар кор, — ҷавоб дод Қурбоналӣ ва пурсид:

— Ягон хизмат буд, бобоҷон?

— Ҳа, писарам. Дирӯз аз дӯкон як деги калони ошпазӣ овардам. Барои ҳамон сарпӯш лозим. Падарат устои гулдаст. Агар як сарпӯш сохта медод, миннатдор мешудам.

— Дегатонро як бинам-чӣ? — гуён Қурбоналӣ ҳамроҳи мӯйсафед рафт. Даҳони дегро чен карду зуд ба хона баргашт. Тешаю табар ва арраи устоиро ба даст гирифта ба кор сар кард. Баъди муддате аз ғӯлачӯби сафедор сарпӯши зебое сохта ба хонаи мӯйсафед бурд.

— Дадот омаданд? — сарпӯши тайёрро дар дасти Қурбоналӣ дида пурсид муйсафед.

— Не, худам сохтам.

— Наход? — ҳайрон шуд муйсафед.

Падари Қурбоналӣ — Бобиамак усто аст. Устои номдор. Чуноне ки мегӯянд, «даҳ ангушташ ҳунар». Ӯ асосан устои хонасоз аст ва дар идораи сохтмони ноҳия ҳамчун бинокори гулдаст машҳур аст. Вақтҳои холиашро ба сохтани асбобҳои гуногуни рӯзгор сарф мекунад.

Косаю табақ, қошуқ, шона, дутору рубоб ва дигар асбобҳои гуногуни миллие, ки бо



http://eduportal.uz



дастони ӯ сохта мешаванд, ба ҳама писанд омадаанд.

Қошуқ, гаҳвора, дару тиреза, сарпӯши дег, кафлес, рубоб чизҳоест, ки Қурбоналӣ сохтани онҳоро аз падараш омӯхтааст. Вақтҳои охир на танҳо Бобиамак, балки писари ӯ Қурбоналиро низ корафтодагон суроғ карда меоянд.

Вақтҳои холӣ ба устохонаи падараш медарояд. Пеш аз ҳама ба асбобҳои гуногун, ки як гӯшаи дӯконро оро медиҳад, чашм медавонад. Бо ҳаяҷон ҳисоб мекунад. Як, ду, се... даҳҳо... садҳо номгӯи асбобҳои гуногуни миллӣ, ҳамаи онҳо маҳсули дастони Бобиамаканд. Қурбоналӣ низ орзу дорад, ки чун падар устои гулдаст шавад. Бо ҳамин мақсад теша ба даст мегирад... .

*С. Искандаров*

### Савол ва супоришҳо

1. Матнро бо диққат ва ифоданок хонед.
2. Усто Бобиро чаро хурду калон ҳурмату иззат мекардаанд?
3. Чаро Ҳусейнбобо аз кори Қурбоналӣ хурсанд шуд? Вай чӣ кори писандида кард?
4. Шумо ба кадом ҳунар шавқу ҳавас доред?
5. Дар деҳа ва ё шаҳри Шумо ҳам оё устоҳои номдор ҳастанд? Дар бораи онҳо нақл кунед.



## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Ба як ҷавон чил ҳунар кам.

http://eduportal.uz

* * *

Марди боҳунар хор намешавад,
Ба дӯсту душман зор намешавад.

* * *

Ҳунар аз нуқраю тиллою зар беҳ,
Ҳунар аз мулку мероси падар беҳ.

* * *

Ҳунар дорӣ, хазинаи зар дорӣ.

## ТЕЗГӮЯКҲО

Мо ҳамагӣ чор бача,
Замини мо як парча.

* * *

Шохи сада серсоя.

## ЧИСТОН





Чист минқори ӯ чун лаклак,
Чашмҳояш чу гардиши айнак?
Вақти хӯрдан ҳамекунад ҳақ-ҳақ,
Ноф дорад зи пешу пас бешак.

## Дарси 12.

## ОҲАНГАР

Бобои ман оҳангар,
Додои ман оҳангар,
Ман дил бастаам бисёр,
Ба ин касбу ин ҳунар.
Оҳанро тафсон кунам,
Болои сандон кунам.



http://eduportal.uz

Занҷиру оташгирак,
Ҳам зулфини дар созам.
Магӯ, ки хурдастам ман,
Тешаву табар созам.
Биё ба дӯкони мо,
Ҳар чӣ хоҳӣ, бифармо.

*Нӯъмон Розиқ*



## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Шоир дар шеъраш соҳиби кадом ҳунарро васф кардааст?
3. Дар зодгоҳи Шумо ҳам оё устохонаи оҳангарӣ ҳаст? Дар бораи он нақл кунед.

**Дарси 13.**

# МОДАРИ МАН ДӮЗАНДА

Модари ман дӯзанда,
Устои овозадор.
Ҷойи кори ӯ «Гулдаст»,
Шогирди ӯ бешумор.



Бурру дӯзи модарам,
Бар ҳама кас хуш ояд.
Ҳарчи хоҳӣ медӯзад,
Модарам аз бароят.

Ҳусни нав гирад матоъ,
Зери дасти модарам.
Ба модарам пайраванд,
Хоҳараму додарам.



http://eduportal.uz

Худи ман ҳам дӯзанда,
Ҳарчи хоҳӣ медӯзам.
Бовар надорӣ, бипурс,
Аз модари дилсӯзам.

*Убайд Раҷаб*

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро овоз бароварда ифоданок хонед.
2. Мазмуни шеърро ба ҳампартаатон гуфта диҳед.
3. Дар оилаи Шумо ҳам дӯзандаҳо ҳастанд ё не? Агар бошанд, дар бораи онҳо ҳикоя кунед.

## *Дарси 14.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ЧИСТОНҲО

Аҷоиб лӯъбате дидам,
Пой дораду панҷа не,
Даҳон дорад, калла не,
Дандон дорад, забон не

(Амбӯр)

* * *

Як чиз дорам, чоргӯша,
Бақар-букур меҷӯшад.

(Дег)



### ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Нон ҳам нону нонреза ҳам нон.

* * *

Дурр дар таги лой ҳам дурр аст.



http://eduportal.uz

## Одоби сухан

Калтак ба гӯшт расад, сухан ба устухон.
Сухани ҳақ талх аст.

## Андешаву тадбир

Аввал пурсиш, баъд кушиш.
Дароз бур, боз бур.
Намак хӯрдӣ, намакдон машикан.
Шутура савор шаву дура андеша кун.

## Хоксорӣ ва дурандешӣ

Сари хамро шамшер намебурад.
Шохи дарахти мевадор хам аст.
Кам хӯру ғам махӯр.
Камбағалӣ айб нест.
Санги вазнинро об намебарад.
Одам аз гул нозук, аз санг сахт.
Ҷуволи холӣ рост намеистад.

## ЧИСТОНҲО





Чақ-чуқ мекунад, забон надорад,
Раҳ меравад, дилу ҷон надорад.

Кампири миёнбаста,
Рӯ-рӯйи хона ҷаста.



Шутури қатори гулдур,
Баландовози мағрур.

http://eduportal.uz

Не чав хӯрад, не гандум,
Кашонад моли мардум.




Чист он лӯъбати писандида,
Атласи ранг-ранг пӯшида?







## ТЕСТҲО

**1. Калимаи «байрақ» аз кадом забон гирифта шудааст?**

А) тоҷикӣ; Б) русӣ; В) туркӣ.

**2. Байрақи давлатии Республикаи Ӯзбекистон кай тасдиқ шудааст?**

А) 18-уми сентябри соли 1991;



http://eduportal.uz

Б) 18-уми ноябри соли 1991;
В) 1-уми сентябри соли 1991.

**3. Микдори ситораҳое, ки дар байраки Ӯзбекистон тасвир ёфтаанд, чандтоянд?**

А) 12-то; Б) 10-то; В) 8-то.

**4. Калимаи «герб» кадом маъноро ифода мекунад?**

А) мерос; Б) қонун; В) ҳуҷҷат.

**5. Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистон кай тасдиқ шудааст?**

А) 2-юми июли соли 1992;
Б) 18-уми ноябри соли 1991;
В) 2-юми сентябри соли 2000.

**6. Дар герби Ӯзбекистон тимсоли бахт ва озодӣ бо чӣ ифода ёфтааст?**

А) кӯҳҳо; Б) хӯшаҳои гандум;
В) мурғи Ҳумо.

**7. Забони модарии мо кадом аст?**

А) ӯзбекӣ; Б) русӣ; В) тоҷикӣ.

**8. Кадоме аз эҷодкорони зерин асарҳои худро бо забони тоҷикӣ навиштаанд?**

А) Навоӣ, Фузулӣ, Фурқат;
Б) Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Айнӣ;
В) Пушкин, Крилов, Айтматов.



http://eduportal.uz

**9. Кадоме аз зарбулмасалҳои поёнӣ ба мавзӯи «Хоксорӣ» бахшида шудааст?**

А) Дароз бур, боз бур;
Б) Сухани ҳақ талх аст;
В) Шохи дарахти мевадор хам аст.

**10. Муаллифи шеъри «Оҳангар»-ро ёбед.**

А) Нӯъмон Розиқ;
Б) Эраҷ Мирзо;
В) Убайд Раҷаб.

# Фасли 2. АЗ ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚ

## Дарси 15. СУРУД ВА ТАРОНАҲОИ ХАЛҚӢ

### БАҲОР ОМАД

*(Халқӣ)*

Баҳор омад, баҳор омад,
Гули савсан қатор омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори лолазор омад!



http://eduportal.uz

Ба рӯйи сабза борон шуд,
Ҳама олам гулистон шуд,
Камарҳо ҷумла бӯстон шуд,
Баҳори лолазор омад!

Баҳор омад ба некрӯзӣ,
Бичин гулҳои наврӯзӣ,
Бипӯш тоқии гулдӯзӣ,
Баҳори лолазор омад!

Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Ҳамеша дар сараш чанг аст.
Аз ин дилҳо чӣ хурсанд аст,
Баҳори лолазор омад!

Гули сияҳгӯш лабгардон,
Камарбанди ҷавонмардон.
Аз ин рӯ ҳар марду зан хандон,
Баҳори лолазор омад!

Чу лайлак дар ҳисор омад,
Ба ҳар шохи чинор омад,
Зимистон буд, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад!

Баҳор омад ба меҳмонӣ,
Ба таърифаш суруд хонӣ,
Ту қадри гул намедонӣ?
Баҳори лолазор омад!



http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед ва 8 байти онро аз ёд кунед.
2. Дар шеър чӣ гуна хусусиятҳои баҳор ифода ёфтааст?
3. Ба Шумо кадом ҷиҳатҳои фасли баҳор маъқул аст? Ин фасл аз дигар фаслҳо бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?



**Дарси 16.**

# СОЛИ НАВ

*(Халқӣ)*

Лайлак омадаст дина
Дар ҳавлии Одина.
Одина хамир кардаст,
Келинаш фатир кардаст.
Ҳезумаш камӣ кардаст,
Камтарак намӣ кардаст,
Бобош ба ҳезум рафтаст,
Арғамчина гум кардаст.
Арғамчин дар боғи мо,
Себи сурх анори мо.
Себи сурхи оташин,
Гул баромад аз замин...

# МУРОДА ДОД

*(Халқӣ)*

Аҳӯ, аҳӯ сулфа дорем,
Модгави думкалта дорем.
Модгава бурдем ба оғил,
Оғил ба мо нурия дод.



http://eduportal.uz

Нурия бурдем ба замин,
Замин ба мо гандума дод.
Гандума бурдем ба харос*,
Харос ба мо ордака дод.
Ордака бурдем ба лаган,
Лаган ба мо хамира дод.
Хамира бурдем ба пӯстак,
Пӯстак ба мо заволая дод.
Заволая бурдем ба танӯр,
Танӯр ба мо кулчая дод.
Кулчая бурдем ба чӯпон,
Чӯпон ба мо баррая дод.
Баррая бурдем ба мулло,
Мулло ба мо китоба дод.
Китоба бурдем ба худо,
Худо ба мо мурода дод.

**Савол ва супоришҳо**

1. Банди ба худатон маъқули сурудҳоро аз ёд кунед.

## Дарси 17.



### БАЛЕ МУРҒАК



Бале мурғак, бале,
Бечора мурғак, бале.
Шағол мурғакро хӯрда буд,
Кадом мурғакро хӯрда буд?

Ҳамон мурғаки болсурхи пӯпидори чӯҷадори думсафеде, ки бобом ба сад динор харида буд.

* *харос* — осиё.

Бале мурғак, бале,
Бечора мурғак, бале.
Сагак шағолро хӯрда буд,
Кадом шағолро хӯрда буд?

Ҳамон шағолро, ки мурғаки болсурхи пӯпидори чӯҷадори думсафеди бобом ба сад динор харидаро хӯрда буд.

Бале мурғак, бале,
Бечора мурғак, бале.
Чӯбак сагакро зада буд,
Кадом сагакро зада буд?

Ҳамон сагак, ки шағолро хӯрда буд,

Ҳамон шағолро, ки мурғаки болсурхи пӯпидори чӯҷадори думсафеди бобом ба сад динор харидаро хӯрда буд.

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ба истҳо риоя намуда, ифоданок хонед.
2. Кадом хусусияти шеър ба шумо маъқул шуд?

## *Дарсҳои 18—19.* ОЛАМИ РАНГИНИ АФСОНАҲО

## ГУНҶИШКИ ГАПНОДАРО

(*Афсона*)

Буд набуд, як замоне дар як маконе як зоғу як гунҷишк буд. Зоғу гунҷишк ошно буданд, ҳар куҷо ҳамроҳ мерафтанд, ҳар чӣ ёбанд, ҳамроҳ мехӯрданд.

Баҳору тобистону аввали тирамоҳ ғаме надоштанд, аз як ҷо ба ҷойи дигар, аз як боғ



http://eduportal.uz



ба боғи дигар парида мерафтанду ангуру малах, туту зардолу, пашшаву олу хӯрда, кайф карда мегаштанд.

Айёми гармо рафта, фасли сармо расида буд, ки зоғ ба гунҷишк гуфт:

— Эй дӯсти меҳрубон, ҳаво хунук шуда истодааст, дере нагузашта борон меборад, барф мезанад, ба мо ягон ҷойи сарпаноҳ даркор, биё ҳамроҳ хонае созем, ки гармакаку нармакак бошад.

— Ба ман ташвиш кашида, хона сохтан чӣ даркор? — гуфт гунҷишк. — Ҳар зери пардаи боми хонаи мардум сарпаноҳам мешавад. Ба ягонтааш медарояму то баҳор баҳузур хоб мекунам.

— Ихтиёрат, — гуфт зоғ, — модоме ки ба ман шарик шуда, меҳнат карда, хона сохтан нахоҳӣ, ман барои як худам хона месозам.



http://eduportal.uz

Зоғ машғули хонасозӣ шуду гунҷишк то расидани зимистон кайфу сафо карда гашт.

Ҳамон сол барфи бисёр бориду ҳаво ниҳоят хунук шуд, ҳама ҷо ях баст.

Гунҷишк аз як бом ба боми дигар парида, ҷойи гарм мекофт, ёфта наметавонист. Охир маҷбур шуд, ки ба пеши зоғ омада, илтимос кунад, ки ба хонааш ҷой диҳад.

— Ту ошнои ман, дӯсти манӣ, — гуфт зоғ, — лекин ту нахостӣ, ки ҳамроҳ хона созем. Ман ин хонаро фақат барои худам сохтаам, мо ду кас намеғунҷем.

Гунҷишк зорию тавалло карда гуфт:

— Умрат дароз шавад, зоғҷон, ҳеҷ рӯзи бадиро набинӣ, ба ман раҳм кун, ба хонаат роҳ деҳ! Ба гапи ту надаромадам, пушаймон шудам, агар ба хонаат роҳ надиҳӣ, аз хунукӣ мемурам.

— Хайр, даро! — гуфт зоғ, — мана ҳозир худат мебинӣ, ки дар ин ҷо ҳардуи мо хоб карда наметавонем.

Гунҷишк даромад. Шаб шуд, вақти хоб шуд, гуфтагии зоғ барин дар хонаи вай ба гунҷишк ҷой ёфт нашуд.

— Хайр, чӣ илоҷ, ба таги поям даромада хоб кун! — гуфт зоғ ба гунҷишк.

Гунҷишк ба таги пои зоғ даромад. Нохунҳои зоғ хор барин ба тани гунҷишк халидан гирифтанд.

— Биё ба таги сарам даро! — гуфт зоғ.

Гунҷишк ба пешгаҳи хона гузашта, ба таги сари зоғ даромад. Ин дафъа ба рӯю гарданаш нӯли зоғ халид.

Зоғ гуфт: — Ҷойи дигар нест, агар хоҳӣ ба даруни оташдон даромада хоб кун!

Дар оташдони зоғ сари гунҷишк ғунҷиду танаш не. Сару рӯю даҳонаш пур аз хокистар шуд.

— Эй гунҷишки якрав! — гуфт зоғ, — ту аз нодоният ҳам маро ба азоб монондию ҳам худатро. Хоб кун! Мон, ки ман ҳам хоб равам!

Гунҷишк ҳарчанд кард дар хонаи танги зоғ ба худ ҷойи хоб наёфт ва хобаш набурд. Дамаш гирифта, бетоқат шуда, берун баромад. Зоғ пагоҳӣ хеста дид, ки гунҷишкаки гапнодаро дар таги дар шах шуда мурда мондааст. Вай ба ҳоли дӯсти қарину деринааш зор-зор гиряҳо кард, аммо акнун ҳар чӣ қадар гиряву нола накунад, фоидае надошт.

## Савол ва супоришҳо

1. Зоғ ва гунҷишк чӣ гуна дӯст буданд?
2. Зоғ ба дӯсташ чӣ таклиф кард? Чаро гунҷишк таклифи дӯсташро рад намуд?
3. Зоғ чаро боз ба дӯсти нодонаш аз хонааш ҷой дод?
4. Гунҷишк чаро мурд?
5. Хислатҳои зоғ ва гунҷишкро як ба як номбар карда, ба онҳо баҳо диҳед.

http://eduportal.uz

## Дарси 20.

# РӮБОҲ ВА ЛАКЛАК

*(Афсона)*

Замоне Рӯбоҳу Лаклак ба ҳам дӯст буданд.

— Дидори ту барои ман як олам лаззат дорад, — мегуфт Рӯбоҳ ба Лаклак. — Ҳар бор туро бинам, ҷонам ҳаловат мебарад, — мегуфт Лаклак ба Рӯбоҳ.

Як рӯз Лаклак ба хонаи Рӯбоҳ меҳмон шуда омад. Рӯбоҳ хурсанд шуду зуд шӯла (шавла) пухта, ба табақ кашида ба пеши меҳмонаш гузошт.

— Марҳамат, ҷӯраҷон, бо иштиҳо бихӯр, ки ман шод шавам, — гуфт Рӯбоҳ ба Лаклак.

Лаклаки бечора ба табақ нӯл зад, аммо бо нӯли борику дарозаш натавонист қадре бошад ҳам шӯла хӯрад.

Рӯбоҳ бошад, шӯларо дар як дам хӯрду табақро лесида, ба Лаклак гуфт:



http://eduportal.uz



— Ҷӯраҷон, ками маро ба ҷойи мӯл қабул кун, ҳар чӣ доштам, пешат гузоштам.

— Маро иззат карда, заҳмат кашида, таом пухтӣ, сад ташаккур, — гуфт Лаклак, — фардо, албатта, ба хонаи ман биё.

Рӯбоҳ «аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан» — гуфта, рӯзи дигар ба хонаи Лаклак меҳмон шуда омад. Лаклак хуш қабулаш карду ба пешаш як кӯзачаи дарози гарданборик оварда монд.

— Ҷӯраҷон, — гуфт, — саҳарӣ хеста оши угро пухтам, аҷаб балаззат аст ин ош, бихӯр, кайф кун!

Рӯбоҳ ҳарчанд кард аз кӯзаи гарданборик қадре ҳам хӯрда натавонист.

Лаклак бошад, нӯли дарозашро ба даруни кӯза даровarда, ба осонӣ кӯзаро холӣ кард. Рӯбоҳ бо шиками гушна ба хонааш баргашту бо ҳамин дӯстии Рӯбоҳу Лаклак қатъ шуд.



http://eduportal.uz

Зоғе қиссаро шуниду гуфт:

— Дӯстӣ ҷое пойдор мемонад, ки кори яке ба зарари дигаре набошад, дӯст манфиати дӯстро фаромӯш накунад.

### Савол ва супоришҳо

1. Афсонаро хонед ва мазмунашро нақл карда диҳед.
2. Рӯбоҳ Лаклакро чӣ гуна меҳмон кард?
3. Лаклак Рӯбоҳро чӣ гуна меҳмон кард?
4. Чаро дӯстии Лаклаку Рӯбоҳ хотима ёфт?

## *Дарси 21.* ҲОСИЛИ НИҲОЛИ НОКИШТА

Подшоҳи мамлакат, ки дар ҳалқаи надимону пешхидматонаш аз назди деҳае мегузашт, дар канори замине пирамарди қоматхамидаву чеҳрапажмурдаеро дид, ки каланд дар даст заҳмат мекашид. Подшоҳ лаҷоми аспашро кашид, асп бозистод. Чанд лаҳза кори пирамардро тамошо карду гуфт:

Эй марди худо, пирӣ, бемадорӣ, бо сад азоб каланд мезанӣ, аз ҳар тори ришат арақ мечакад, дар ҳамин ҳол замин меканӣ…

— Мехоҳам, ниҳол шинонам, — гуфт пирамард.

Подшоҳ тааҷҷуб кард:

— Ниҳол мешинонӣ? Поят ба лаби гӯр расидааст, то ин ниҳолҳо калон мешаванду ҳосил мекунанд, ки зери хок меравӣ, чӣ ҳоҷат ба заҳмат, ки аз он манфиат намебинӣ ва баҳра намебардорӣ!

http://eduportal.uz



Мӯйсафед ҷавоб дод:

— Дигарҳо заҳмат кашида дарахт сабз карданд, мо ҳосилашро хӯрдем, алҳол мо заҳмат мекашем, то ки ҳосилашро дигарон хӯранд.

Подшоҳ ба ин гап завқ карду ба вазираш фармуд, ки ба пирамард сад тангаи тилло диҳад.

Мӯйсафед тиллоро гирифта, онро ба подшоҳ нишон дода гуфт:

— Эй подшоҳи муаззам ва султони бокарам, ин аст нахустин ҳосили заҳмати мо, ки гирифтем.

Подшоҳро ҳозирҷавобии деҳқони пир мафтун кард, ба вазираш фармуд, ки боз сад тангаи тилло ба ӯ диҳад.

Деҳқони пир боз сад тиллоро гирифта, гуфт:

— Аҷаб дарахте мо сабз мекунем, ки дар як он ду бор ҳосил дод.

Аз ин суханон завқи подшоҳ афзуд, ӯ ба вазираш рӯ оварда, мехост бигӯяд, ки боз сад тиллои дигар ба пирамард диҳад, вазир шитобон гуфт:

— Подшоҳам, агар аз пеши ин пирамард зуд наравем, дар хазинаи подшоҳӣ чизе намемонад.

Подшоҳ хандиду аспашро пеш ронд.

## Савол ва супоришҳо

1. Подшоҳ дар роҳ киро дида монд?
2. Вай ба пирамард чӣ гуфт?
3. Пирамарди қоматхамида ба подшоҳ чӣ ҷавоб дод?
4. Вазир чаро аз ҳозирҷавобии пирамард тарсид?
5. Аз ин ҳикоя чӣ гуна хулоса баровардед? Шумо ҳам ягон маротиба ниҳол шинондаед ё не?



6. Ниҳолшинонӣ чӣ фоида дорад? Дар ин бора аз падару модар ва бобоятон пурсида гиред.

***Дарси 22.***

# ЛАТИФАҲО

## Себҳо афтоданд

Пирамарде аз гӯши писарбачае дошта гуфт:

— Чаро ба боғи ман даромадаӣ?

— Аз дарахт себҳо афтоданд ва ман хостам, ки онҳоро ба ҷояшон монам, — ҷавоб дод писарбача.

## Вай метарсад

Муаллима аз Турсуналӣ мепурсад:

— Барои чӣ аз тухм чӯҷа мебарояд?

— Вай метарсад. Агар набарояд, тухмбирён мекунанд.

http://eduportal.uz

## Халал мерасонанд

Ҳангоми назорати тиббӣ ҳаким (табиб) аз хонандае пурсид:

— Аз гӯш ва биниат шикояте дорӣ ё не?

— Ҳа. Онҳо ба ман ҳангоми ҷимперпӯшӣ халал мерасонанд.

## Меҳрубонӣ

— Модарҷон, аз ҷӯй об биёрам, ҳавлӣ рӯбам, додарчаамро тамошо барам?

— Боз «2» гирифтӣ, писарам?

## Ман нагуфтаам

Омӯзгор аз хонандае пурсид:

— Ту чӣ хел исбот мекунӣ, ки замин курашакл аст?

— Бубахшед, муаллим, ман заминро курашакл нагуфтам, — зуд ҷавоб дод хонанда.

### Савол ва супоришҳо

1. Латифаҳоро ифоданок хонед.
2. Аз ҳаёти худатон ва ҳамсинфонатон воқеаҳои латифамонандро ба хотир оварда, гуфта диҳед.
3. Аз хониши латифаҳо чӣ хулоса баровардед?



## *Дарси 23.*

## ЧИСТОН МЕДОНАМ, КӢ МЕЁБАД?



Як чодари зангорӣ,
Шаб пур асту рӯз холӣ.

http://eduportal.uz

Мепараду параш нест,
Мешинаду шинаш нест,
Сарпӯпаку ҷонаш нест.



Даҳон дораду забон надорад,
Садто бизанӣ, фиғон надорад.





Тобистон ҷамъ меоранд,
Зимистон ғам надоранд.



Амакам дар дарун,
Ришашон дар берун.



## ЧАРХИ ЗАБОН — ТЕЗГӮЯК

Аспам лойолуд,
Ёли аспам лойолуд.

Кафтар бача кард,
Бачаи кафтар бача кард.

Барги шалғам шапалоқ,
Бехи шалғам шумталоқ.

Шаст сада шинондем,
Шаст шамшод.

Бобом бодом овард,
Котиб китоб овард.

Аз як дара себ омад, аз як дара сел.

### Савол ва супоришҳо

1. Чистонҳоро бодиққат хонда бароед ва ҷавобашонро ёбед.
2. Тезгӯякҳоро хонед ва аз ёд кунед.



http://eduportal.uz

## *Дарси 24.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ТЕСТҲО

**1. Зарбулмасали «Заминро об вайрон мекунад, одамро одам» ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?**

А) саховатмандӣ; Б) одоби сухан;
В) феъли бад.

**2. Ҷавоби чистони «Даҳон дораду забон надорад, Садто бизанӣ, фиғон надорад»-ро ёбед.**

А) барф; Б) сангпушт; В) моҳӣ.

**3. Ҷавоби чистони «Осмони ранга, дарунаш пури танга»-ро ёбед.**

А) анор; Б) танӯр; В) тарбуз.

**4. «Ҳар бор туро бинам, ҷонам ҳаловат мебарад» аз кадом афсона гирифта шудааст?**

А) аз афсонаи «Бузаки ҷингилапо»;
Б) аз афсонаи «Ҳезумкаш ва хирс»;
В) аз афсонаи «Рӯбоҳу Лаклак».

# *Фасли 3.* ТИРАМОҲИ ЗАРРИН, ФУРСАТ ЁБУ ҲОСИЛ ЧИН

## *Дарси 25.* ТИРАМОҲИ ЗАРРИН

Тирамоҳ. Фасли мазкур моҳҳои сентябр, октябр ва ноябрро дар бар мегирад. Тирамоҳро фасли «заррин» мегӯянд. Дар ин фасл



http://eduportal.uz

деҳқон самараи меҳнати дар баҳор кардаашро мегирад. Дар аввали ин фасл шабҳо салқин шудан мегирад. Баргҳои дарахтон ба зардшавӣ сар мекунанд ва хазонрезӣ оғоз меёбад. Зери дарахтон аз хазонрезӣ мисли кӯрпача ғафс мешаванд. Пагоҳиҳо шабнам афтидан мегирад ва рӯйи алафҳою растаниҳоро қирав мепӯшад.

Баробари фарорасии фасли тирамоҳ овози шилдироси ҷӯйчаҳои кӯҳӣ паст мешаванд, яхҳои кӯҳна аз обшавӣ бозмеистанд, дар дарёчаҳои кӯҳӣ об кам мешавад. Ранги меваи хуч сурх мешавад. Пудинаи кӯҳӣ пиру шахшӯл шуда, латофати аввалаашро гум карда, ранги худро як андоза тағйир медиҳад.

Дар ин вақт дар пахтазорҳо манзараҳои аҷиброо мушоҳида намудан мумкин аст. Кӯракҳои калон-калон кушодашуда ба дили кас як олам завқу хурсандӣ мебахшанд. Пахтазорҳо пури чинакчиён, дар роҳҳо карвони тракторҳои пахтакашон тез-тез ба назар мерасанд. Дар манзилҳои пахтақабулкунӣ хирмани пахтаҳо мисли кӯҳҳои сарсафед қад рост мекунанд.

Дар ин фасли нуқрафом ҳар замон дар осмон анбӯҳи зоғонро дидан мумкин аст, ки қарқаркунон парвоз мекунанд. Парастуҳо, дарозқанотҳо ва қарғаҳои гармипарвар аввалин шуда ба кишварҳои гарм парида мераванд.

Дар фасли тирамоҳ дар заминҳои обчакории деҳқонон тарбузу харбузаҳои хурду калон, ки аз худ бӯи хуше метарованд, ба чашм мерасанд. Себҳои калон-калони тирамоҳӣ, ки ранги



сабзи ба зард моилӣ доранд, ба пухтан шурӯъ менамоянд.

Дар ин фасл дар токзорҳо низ ҳоло ҳосил бисёр аст. Навъҳои дерпазаки ангур — ангури сиёҳ, бахтиёрӣ, биҳиштӣ, зардангур, тирамоҳӣ ва тоифӣ дар байни баргҳои паҳни тару тоза ҳанӯз бешуморанд.

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ӯзбекистон»*

## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

1. Аз офтоби баҳор баҳра бардор, аз офтоби тирамоҳ худро нигаҳ дор.
2. Дона-дона ҷамъ шавад, хирман шавад.
3. Баракаи чош дар таги чош.
4. Савр бе сар не, ҷавзо — бе дарав.

## Савол ва супоришҳо

1. Дар фасли тирамоҳ дар табиат чӣ гуна дигаргуниҳо мушоҳида мешаванд? Дар ин бора ҳикоя карда диҳед.



http://eduportal.uz

2. Дар фасли тирамоҳ кадом парандаҳо ба кишварҳои гарм парида мераванд?
3. Оиди меҳнати деҳқонон дар тирамоҳ ҳикоя карда диҳед.



4. Дар бораи тирамоҳ боз чӣ гуна зарбулмасалҳоро медонед?

## *Дарси 26.*

### АНГУР

Меваи токро ангур мегӯянд. Ҳоло дар тамоми дунё бештар аз ҳашт ҳазор навъи ангур парвариш меёбад. Ангур барои тархӯрӣ, мавиз кардан, пухтани мураббо, ширинӣ ва машрубот ба кор меояд.

Баъди пухтани ангур мавсими ангурканӣ оғоз меёбад. Мардум ангурҳои кандашударо ба каҷова ва сабадҳо андохта ба мавизҷо мекашонанд. Баъзе навҳои ангурро дар офтобрӯя, баъзеи дигарашро дар соя мехушконанд. Аз ин рӯ, таъми онҳо низ ҳар хел мешавад.

Ангур барои муоличаи касалиҳои сил, иллати дил, ҷигар, меъда, гурда, шуш, асаб ва ғайра фоиданок аст. Илми тиб муқаррар кардааст, ки ҳар кас бояд рӯзе 300—500 г ангур хӯрад.

Навъҳои ангур аз ҷиҳати мӯҳлати пухтан ба се гурӯҳ ҷудо мешавад: а) навъҳои пешпазак: халилӣ, чиллагӣ, обӣ, дороӣ ва ғайра; б) навъҳои миёнапазак: ҳусайнӣ, кишмиши сафед, кишмиши сиёҳ (шибирғонӣ), тагобӣ, чарос ва ҳоказо; в) навъҳои дерпазак: ангури сиёҳ, бахтиёрӣ, биҳиштӣ, зардангур, тирамоҳӣ, тоифӣ ва ҳоказо.

http://eduportal.uz



## Савол ва супоришҳо

1. Ангур чӣ гуна мева аст?
2. Аз ангур чиҳо тайёр мекунанд? Шумо низ чараёни тайёркунии онҳоро мушоҳида кардаед ё не?
3. Дар боғи Шумо чӣ гуна ангурҳо ҳаст? Кадом навъи ангурро нағз мебинед? Чаро?



http://eduportal.uz

## Дарси 27.

# ТИРАМОҲ

Кӯҳу камар зарнигор,
Теппаву ҷар зарнигор,
Деҳаи хушбаҳри мо
Ҳама, нигар, зарнигор.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Шамоли серун вазид,
Ранги сабзаҳо парид.
Деҳаи мо аз дигар
Пур шуд аз бӯи санҷид.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Лаклаки мо куҷо рафт?
Чун абре дар ҳаво рафт.
Бори дигар болашро
Афшонда сӯйи мо рафт.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Момои шабзиндадор
Бофад ҷӯроби гулдор,
Зинда кунад бо ҳавас
Ранги гули навбаҳор.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Ҳар ҷо хирман пайдо шуд,
Кӯҳи пахта боло шуд,
Роҳи калони деҳа
Ҷойи серрафтуо шуд.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

http://eduportal.uz

Аз сари кӯҳу камар
Ҳар сӯ мекунам назар,
Бо деҳаи зарринам
Деҳе бошад баробар?!
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

*Гулчеҳра Сулаймонова*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар он чӣ гуна сифатҳои тирамоҳ ифода гардидааст?

## Дарсҳои 28—29.

### ГУРГ ВА РӮБОҲ

*(Афсона)*

Будааст, набудааст, як гургу як рӯбоҳ будааст, онҳо ҳамсояи девордармиён будаанд. Гурги ноинсоф ба рӯбоҳ рӯз нишон намедодааст: хӯрокашро аз даҳонаш зада мегирифтааст, ба ӯ дӯғ мезадааст, ӯро таҳқир мекардааст.

Рӯбоҳ аз тарс ба гург чизе намегуфтааст, шабу рӯз фикр мекардааст ва илоҷ меҷустааст, ки аз ин ҳамсояи бераҳм чӣ хел халос шавад.

Як рӯз гург пеши роҳи рӯбоҳро гирифта намондааст, ки ба хонааш дарояд. Рӯбоҳ тарсидаю ларзида:

— Гургпаҳлавон, салом! — гуфтааст.

Гург ҷавоб надода, рӯйи худро ба тарафи дигар гардондааст.

— Гургпаҳлавон, ба шумо чӣ шуд?

http://eduportal.uz



— Ду рӯз боз хӯрок нахӯрдаам, — ҷавоб додааст гург, — сахт гуруснаам, агар илоҷе наёбӣ, худи туро мехӯрам.

— Илоҷ, ҳаст! — гуфтааст рӯбоҳ. — Ман ҳозир шуморо ба як боғ мебарам, он ҷо пур аз ангурҳои рангорангу себу шафтолу, дар ҷӯякҳои токаш бедонаҳо бозӣ карда гаштаанд, дар як канори боғ бузу гӯсфанд баста мондагӣ, бемалол мехӯред.

Рӯбоҳ пеш даромада, гургро ба як боғи деворҳояш баланд бурдаасту ҳарду аз обмӯрӣ ба даруни боғ даромадаанд.

— Ана бинед, чӣ қадар нозу неъмат, — гуфтааст рӯбоҳ ба гург. — Шикаматонро сер кунед, ғаматонро дур кунед.

Рӯбоҳ ба як тарафи боғ рафта, як сар ангур канда, камтар хӯрдаасту ду ғуҷум ангурро ба сӯрохиҳои биниаш тиққонда, андак истода, ба пеши гург омада гуфтааст:

— Ман чунон бисёр ангур хӯрдам, ки аз биниам баромада истодааст.

Гург ба рӯбоҳ тақлид карда ҳар чӣ пешаш оят, мурданивор хӯрда, шикамашро чунон пур кардааст, ки мисли каҷова шудааст.

Рӯбоҳ ҳамин вақт фурсатро ғанимат дониста, ба болои девор баромада:

— Эй, боғбон, боғатро гург тороҷ кард, — гӯён доду фарёд бардоштааст.

Гург гурехтанӣ шуда, худро ба обмӯрӣ андохтааст, ҳарчанд зӯр задааст, ба обмӯрӣ нағунҷидаасту ба дасти боғбон афтодааст.

Рӯбоҳ бо ҳамин ҳила аз ҳамсояи ноинсофаш як умр халос шудааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Муносибати гург ва рӯбоҳ чӣ гуна буд?
2. Барои аз дасти гурги золим халос шудан рӯбоҳ чӣ ҳиллае андешид?
3. Сабабҳои ба дасти боғбон афтодани гургро гуфта диҳед.
4. Аз афсона чӣ хулоса баровардед?



*Дарсҳои 30—31.*

## ПАХТА — САРВАТИ ВАТАНИ МО

Сентябр. Моҳи аввали фасли зарринмӯ — тирамоҳ. Замини пахтазори назди мактаб намуди ба худ хосеро касб кардааст. Пахтаҳои сап-сафед шукуфта ба дили кас як олам завқу сурур мебахшад.

Омӯзгор Карим Шарифзода шогирдонашро сӯйи пахтазор ҳидоят намуд. Хонандагон гӯё ки бори аввал пахтазорро медида бошанд, бо

http://eduportal.uz

чашмони аз ҳайрат бозшуда ба кӯракҳои сад фоиз шукуфтаи ғӯза менигаристанд. Пахтазор гӯё сеҳре дошту бачаҳоро сӯйи худ мекашид. Онҳо беихтиёр ба пахтаҳои шукуфта наздик шуда як дастагӣ пахта чиданд. Омӯзгор ҳаракатҳои онҳоро бо диққат мушоҳида намуда, бо нимтабассуми ба худ зебандае дар канори замин рост меистод. Хонандагон пахтазорро ҳаматарафа тамошо карда назди устодашон ғун шуданд. Сӯҳбат дар атрофи пахта авҷ гирифт. Шарифзода ба онҳо нигариста гуфт:

— Ман ба шумоён дар бораи пахта ва хусусиятҳои он мухтасар маълумот медиҳам. Ин маълумотҳо ба шумо як рӯз ба кор омаданаш мумкин. Умуман айб аст, ки мо дар бораи яке аз боигариҳои асосии Ватанамон — «тиллои сафед» тасаввуроти кофӣ надошта бошем. Пахта, ғӯза — буттаест аз оилаи тугмачагулҳо. Пахта аз қадимтарин ва муҳимтарин растаниҳои нахдор мебошад. Дар шароити киштукор растании яксола



аст. Дар ноҳияҳои тропикӣ ва суптропикии Осиё, Африка, Америка ва Австралия 35 намуди пахта месабзад. Дар кишвари офтобрӯяи мо — Ӯзбекистон бошад, асосан ду навъи пахта — муқаррарӣ ва мисрӣ кишт карда мешавад.

Пахта боигарии асосии ватани мо мебошад. Шумо оё медонед, чаро дар мамлакати мо ба пахтакорӣ ин қадар диққати махсус дода мешавад?

— Пахта дар бозори ҷаҳонӣ қимат меистад, — гуфт Шерпӯлод пахтаи дасташро бозикунон.

— Аз пахта матоъҳои гуногун тайёр мекунанд, — ба гап ҳамроҳ шуд Нилуфар.

— Равған ҳам асосан аз пахта тайёр карда мешавад, — илова намуд Фаррух.

— Ҳамаи гапҳоятон дуруст аст. Бояд таъкид намуд, ки пахта аз муҳимтарин зироатҳои техникист. Аз 100 кг пахта 27—30 кг нах, 58—60 кг чигит, 5—12 кг линт («тибити пахта»), 16—20 кг равған мегиранд. Аз 1 кг пахта 10—12 $м^2$ (20—24 м) сатин ё 20 $м^2$ (40 м) батист ё 130—150 ғалтак ришта ҳосил мешавад. Равғани пахтаро ба сифати хӯроквории, инчунин барои истеҳсоли маргарин, глитсерин, собун, стеарин ва ғайра ба кор мебаранд. Кунҷораи чигит, ки то 40% сафеда дорад, хӯроки серғизои чорвост. Аз барги пахта ҷавҳари себу лимӯ, сирко ва дигар моддаҳои органикӣ ҳосил мекунанд. Шумоён агар мушоҳида намуда бошед, ҳангоми гулкунии ғӯза дар пахтазор занбӯрҳои асал бисёр мешаванд. Сабаби ин

ҳолро оё медонед? Дар хотир нигоҳ доред: гули пахта хеле сершаҳд аст; занбӯри асал аз шаҳди гули 1 га пахтазор то 300 кг асал тайёр мекунад.

### Савол ва супоришҳо

1. Пахта чӣ гуна растанӣ аст?
2. Чаро пахта боигарии асосии Ватани мо мебошад?
3. Аз пахта чӣ гуна маҳсулот мегиранд?
4. Шумо ҳам пахта чидаед? Дар ин бора нақл карда диҳед.

## *Дарси 32.*

## СӮҲБАТ БО ПАХТА

Ҳар пахта аз ҳар ҷӯяке
Хандида мегӯяд ба ман:
— Чобук биёву пахта чин,
Бишкуфтаам мисли чаман.

Ҳар пахта хандон аз саҳар
Роҳи маро поидааст.
Ман дастро кардам дароз,
Чун боли қу омад ба даст.

Бар чидани ту омадам
Аз шаҳр ман шодикунон.
Бар пешдоман ҷо диҳам
Ҳар пахтаатро, пахтаҷон...

Эй пахтаҷон, дониста мон,
Ман нағз мебинам туро.
Нокарда ғозеро талаф,
Ман тоза мечинам туро...



http://eduportal.uz

Моро азизӣ, пахтаҷон,
Чун обу чун нони ҳалол.
Бо шавқ мечинам туро,
Ҳар лаҳза бишкуф бемалол!..

Бинмо табассум бештар,
Аз хонаи кӯрак баро!
Ман бо ту дорам ҷӯрагӣ,
Бовар бикун ҳарфи маро.

Гар ту фаровонтар шавӣ,
Эй пахтаи мо, ганҷи мо,
Мисли ту афзун мешавад
Ҳам «чор»-и мо, ҳам «панҷ»-и мо.

*Пӯлод Мӯъмин*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Кадом бандҳои шеър ба шумо маъқул шуд? Чаро?
3. Дар бораи пахта боз чӣ гуна шеърҳо медонед?



## Дарси 33.

# ҲУНАР ЧИСТ?

*(Афсона)*

Буд, набуд, як мӯрча буд, мӯрчаи нооромии меҳнатдӯст буд. Як рӯз каргасе дид, ки ҳамон мӯрча як дона гандумро кашида бурда истодааст у дона аз худаш калон. «Мӯрча зӯр, ба вай қоил шудан даркор» — аз дил гузаронид каргас. Баъди ин фикрашро ба мӯрча гуфту илова кард:



http://eduportal.uz

— Ман ҳам беҳунар не. Ман як дона арзанро аз як фарсанг мебинам, тасаввур кун, чашмонам чӣ андоза тезанд. Мехоҳӣ худ инро бубинӣ?

Мӯрча гуфт:

— Чунин тамошо лаззате дорад.

Каргасу мӯрча ба баландӣ баромаданд. Каргас мӯрчаро ба болои қаноташ гирифту гуфт:

— Бичасп, ки наафтӣ!

Каргас ҳафт фарсанг боло париду аз авҷи осмон ба ҳар тараф назар андохта, баъд ба як нуқта чашм дӯхта гуфт:

— Ҳӯ, зери он бутта як тӯда дон ҳаст.

Мӯрча ба поён назар кард, дон он тараф истад, ҳатто буттаро надид. Каргас бошиддат сарозер омада, аз зери бутта донро ба даҳан мегирам гуфта хам шуду фарёдаш баромад.

— Ба ту чӣ шуд? — пурсид мӯрча.

— Ба дом афтодам, — гуфт каргас.

— Дар ин зиндагӣ фақат донро не, домро ҳам дидан даркор, — гуфт мӯрча аз болои қаноти каргас фаромада, — донро дидану домро надидан ҳунар не.

## Савол ва супоришҳо

1. Каргас кадом хислати мӯрчаро дида ба ӯ қоил шуд?
2. Каргас ба мӯрча чӣ ҳунар нишон доданӣ шуду аз ӯҳдааш набаромад?
3. Мӯрча ба каргас чӣ гуфт?
4. Аз афсона чӣ хулоса баровардед.

http://eduportal.uz

# *Дарси 34.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ

## Ҳикматҳо

Нона калон газу гапа калон назан.

* * *

Гапи хона ба бозор рост намеояд.

* * *

Ҷони нодон дар азоб.

* * *

Кори нодон — таваккал.



## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Борон равғани замин, барф — кӯрпаи замин.

* * *

Ба полиз ҳар рӯз рав, ба ғалла гоҳ-гоҳ.

* * *

Барака дар сари як дона.

* * *

Шамоли баҳор барг месабзонаду шамоли тирамоҳ барг мерезонад.

### Савол ва супоришҳо

1. Зарбулмасалҳоро аз ёд кунед. Мазмуни онҳоро нағз фаҳмида гиред.
2. Зарбулмасалҳо ба кадом фасли сол бахшида шудаанд?

http://eduportal.uz

# ТЕСТҲО

**1. Фасли тирамоҳ кадом моҳҳоро дар бар мегирад?**

А) январ, феврал, март;
Б) сентябр, октябр, ноябр;
В) август, сентябр, октябр;
Г) октябр, ноябр, декабр.

**2. Шеъри «Тирамоҳ» ба қалами кӣ мансуб аст?**

А) М. Миршакар; Б) У. Раҷаб;
В) Г. Сулаймонова; Г) Н. Розиқ.

**3. Маънои калимаи «филфавр»-ро ёбед.**

А) зуд, дарҳол;
Б) озод;
В) оҳиста;
Г) дер мондан, қафо мондан.

**4. Сӯҳбати омӯзгор Карим Шарифзода бо хонандагон дар кадом матн оварда шудааст?**

А) «Тирамоҳи заррин»;
Б) «Пахта — сарвати ватани мо»;
В) «Чинакчии хурдсол»;
Г) «Арки Бухоро».

**5. Сифатҳои заррин, зарринмӯ, нуқрафом ба кадом фасли сол мансуб аст?**

А) баҳор; Б) зимистон;
В) тирамоҳ; Г) тобистон.

http://eduportal.uz

**6. Байти «Шамоли серун вазид, Ранги сабзаҳо парид» аз кадом шеър гирифта шудааст?**

А) «Мурода дод» (халқӣ);
Б) «Тирамоҳ»-и Г. Сулаймонова;
В) «Сӯҳбат бо пахта»-и П. Мӯъмин;
Г) «Соли нав» (халқӣ).

**7. Суханони ҳикматомези «Донро дидану домро надидан ҳунар не» ҳамчун хулосаи кадом афсона оварда шудааст?**

А) афсонаи «Гург ва рӯбоҳ»;
Б) афсонаи «Ҳунар чист?»;
В) афсонаи «Рӯбоҳу Лаклак».

**8. Ҷумлаи «Каргасу мӯрча ба баландӣ баромаданд» аз кадом афсона гирифта шудааст?**

А) аз афсонаи «Рӯбоҳу лаклак»;
Б) аз афсонаи «Ҳунар чист?»;
В) аз афсонаи «Гург ва рӯбоҳ».

**9. Моҳи асад кадом рӯзҳоро дар бар мегирад?**

А) моҳи панҷуми шамсӣ, ки ба тоҷикӣ шер меноманд. Вай ба 21-уми июл — 20-уми август рост меояд;
Б) моҳи дуюми шамсӣ, ки ба тоҷикӣ гӯсола меноманд. Вай ба 21-уми апрел — 20-уми май рост меояд;
В) моҳи сеюми шамсӣ, ки ба тоҷикӣ Дупайкар меноманд. Вай ба 21-уми май — 20-уми июн рост меояд.



http://eduportal.uz

# *Фасли 4.* ДИРӮЗИ ХАЛҚАТРО БОЯД БИДОНӢ, ТАЪРИХИ ОНРО БОЯД БИХОНӢ

## *Дарси 35.* ҚАҲРАМОНИИ ШЕРАК

Қариб се ҳазор сол пеш аз ин ба сарзамини Суғд подшоҳи ҳахоманишӣ Дорои I ҳуҷум кард. Халқ ба душманони ғоратгар сахт зиддият нишон дод.

Дорои I бо лашкари бешумор ба гирифтани яке аз шаҳрҳо тайёрии сахт медид. Аз ин ҳодиса Шерак ном чӯпонписаре хабардор шуд. Вай зуд ба шаҳр омада, одамонро аз ин нияти Дорои I огоҳ намуд.

Лашкари Доро калон ва пурқувват буд. Ҳама роҳи аз ин балои азим халос шуданро ҷустуҷӯ мекарданд. Чӯпонписар Шерак ба як қарор омада гуфт:

— Барои бисёр фикр кардан вақт кам аст. Ман як ҳила ба кор мебарам. Шумо бинию гӯшҳои маро бурида, сару рӯямро хуншор карда, аз шаҳр дуртар, ба сари роҳи лашкари Дорои I партоед. Он тарафи корро ба ман гузоред.

Рӯзи дигар одамони Дорои I ба Шерак дучор омаданд. Рӯю бадани вай пур аз захм ва хуншор, гӯшу биниаш бурида буд. Шерак ба Дорои I гуфт:

— Одамони шаҳри худам маро дар ҷосусӣ гунаҳкор намуда, бинию гӯшҳоямро буриданд

ва аз хоки ватанам берун сохтанд. Ин барои ман ҳақорат аст. Қасос гирифтан мехоҳам. Ман аскарони туро аз пайраҳаҳои номаълум гирифта мебарам ва ту ин шаҳрро ба осонӣ гирифта метавонӣ.

Доро ба гапҳои Шерак бовар кард ва тамоми аскарони Дорои I аз пайи чӯпонписар рафтанд. Пас аз ҳафтрӯза роҳи пуразоб онҳо ба чӯли беобу гиёҳе расиданд. Аскарон ҳама гушнаю ташна буданд. Ба онҳо маҷоли роҳ гаштан намонда буд. На пеш рафта метавонистанду на қафо. Дар ин чӯли бепоён аз гушнагӣ ва ташнагӣ мурдан лозим меомад.

Дорои I ҳилаи Шеракро пай бурд, вале акнун фоидае надошт.

Шеракро назди шоҳ оварданд. Шерак ба рӯи пурғазаби Дорои I нигоҳ карда, далерона гуфт:

— Шумо барои ғулом кардани ҳамватанони ман омадед. Ман ба ин роҳ намедиҳам. Лашкари туро ба ҷое овардам, ки дар ин ҷо аз гушнагӣ ва ташнагӣ ҳамаашон мемуранд.

Чӯпонписар Шерак барои ҳимояи Ватани азизу ҷонаҷонаш худро ба азоб андохт ва қаҳрамонона ҳалол шуд. Аммо чандин ҳазор аскари Дорои I-ро ба ҳалокат расонида, Ватани худро аз азобу кулфат озод кард.

**Луғат:**

**Захм** — ҷароҳат
**Азим** — калон
**Маҷол** — қувват

## Савол ва супоришҳо

1. Дорои I кӣ буд ва бо кадом мақсад ба сарзамини мо ҳуҷум овард?
2. Шерак кӣ буд? Вай баҳри озодии ватанаш чӣ чора андешид?
3. Шерак лашкари Дорои I-ро чӣ гуна ба дами ҳалокат бурд?
4. Шумо ҳам ба мисли Шерак худатонро барои Ватанатон қурбон карда метавонед ё не? Дар ин бора андеша кунед.

## Дарси 36.

### БУХОРО

Дар кафи дашту саҳро,
Шаҳри қадим Бухоро.
Қасрҳои пуршукӯҳ,
Аз гаҷу санги хоро.
Нақши дару деворат,
Зебо асту дилрабо.
Шаҳруди пури обат,
Гӯё кони қаҳрабо.
Манораи Калонат,
Зи абри гардун боло.
Намуди хоса дорад,
Ширбадану Дилкушо,
Ситораи Маҳоса
Гашта Ҷаҳоноро.
Лаби Ҳавзи нотакрор
Фақат хоси Бухоро.

http://eduportal.uz



Ҳар гӯшаи Ҳисорат
Зебо зи мулки Доро.

*Асад Гулзода*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ба истҳо риоя намуда, ифоданок хонед.
2. Дар шеър кадом сифатҳои ба худ хоси Бухоро ба қалам гирифта шудааст?
3. Дар бораи шаҳри бостонии Бухоро чиҳоро медонед?



## Дарси 37.

# ШЕРДОРИ САМАРҚАНД

Ду оҳуи хиромон дар миёна,
Ду шер аз ду тараф чун посбонанд.
Ду рӯйи шамси дилҷӯи саҳархез
Ҷаҳони нур бар дилҳо фишонанд.



http://eduportal.uz



Ҳамин сурат ба тоқи Шердор аст,
Зи рассоми бузурге ёдгор аст.
Чунин маънӣ аз он тасвир равшан,
Ҳамон маънӣ, ки ҳусни рӯзгор аст.

Ду оҳу — рамзи лутфу чеҳра дилкаш,
Ду шераш аз тавоноӣ нишона.
Рухи хуршед рамзи меҳру покӣ,
Зи дилҳою дилороӣ нишона.

Ҳамон рассомро ин буда армон,
Ки бошанд ин сифатҳо дар ҳар инсон.

*Акбар Пирӯзӣ*

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро бо диққат хонед.
2. Дар шеър оиди кадом ёдгории таърихии шаҳри Самарқанди бостонӣ сухан рафтааст?



http://eduportal.uz

## Дарси 38.

### СПИТАМЕН

*(Омӯзгор нақл мекунад)*

Тақрибан дуним ҳазор сол пеш аз ин лашкари юнону македонӣ бо сардории Искандари Мақдунӣ зӯртарин давлати он давра — давлати ҳахоманишинҳоро мағлуб карда, ба Суғд дохил мешавад.

Халқи Суғд ба истилогарон таслим намешавад. Вай бо раҳбарии ватандӯсти бузург — Спитамен барои озодӣ ва истиқлоли ватанаш бармехезад. Халқи ба мубориза бархоста, ба истилогарон сахт муқобилият мекунад. Ин аввалин муқобилияти сахте буд, ки лашкари Искандар дар давоми ҳаракатҳои истилогаронааш дучор гардид. Ин муқобилият тамоми муваффақияти ба даст овардаи ӯро зери хавф гузошта буд.

Аввалин задухӯрд бо аскарони Искандар дар наздикии пойтахти Суғд Мароқанд (Самарқанд) ба вуқӯъ омад. Суғдҳо ба истилогарон зарбаи сахт заданд. Искандар бо як азоб ба гирифтани Мароқанд муяссар гардид. Онҳо шаҳрро ғорат карданд ва деҳоти атрофро оташ заданд.

Искандар фаҳмид, ки тобеъ кардани халқи озодихоҳи Суғд осон нест. Вай дар Мароқанд вакилони худро гузошта, сӯи дарёи Сир ҳаракат кард. Аскарони Искандар дар роҳи худ ҳамаи шаҳру қишлоқҳоро помолу хароб мекарданд.



http://eduportal.uz

Нафрати аҳолӣ нисбат ба истилогарон беш аз пеш зиёд мешуд. Онҳо бисёр аскарони македониҳоро нест карданд.

Дар ақибгоҳи Искандар — дар маҳалҳои забткардаи ӯ шӯришгарон бо сардории Спитамен аз паҳлӯи лашкари Искандар дохил шуда, ба аскарони ӯ як қатор зарбаҳои сахт мезаданд. Спитамен дастаҳои дар ҷойҳои гуногун гузоштаи Искандарро торумор карда, Мароқандро ишғол мекунад. Македониҳои дар шаҳр буда, маҷбур мешаванд, ки дар қалъа пинҳон шаванд.

Вақте ки Искандар бо қувваи асосии худ ба Мароқанд омад, Спитамен ҷанг накарда, қувваи худро ба тарафи саҳро ақиб кашид. Лашкари душман аз қафои ӯ меравад. Ба ҳамин тартиб Спитамен лашкари Искандарро ба ҷое мебарад, ки он ҷо қувваи ҳарбии душман бомуваффақият ҷанг карда наметавонад. Дар соҳилҳои дарёи Зарафшон Спитамен ба македониҳо ҳуҷум карда, чандин ҳазор аскари онҳоро несту нобуд мекунад ва аз нав Мароқандро ишғол мекунад.

Баъд аз ин худи Искандари Мақдунӣ маҷбур мешавад, ки ба ҷанги Спитамен роҳбарӣ кунад. Вай бо лашкари худ ба сӯйи Мароқанд ҳаракат мекунад. Аммо Спитамен ҷангро қабул накарда, бе талафот қафо мегардад. Спитамен дар ҳама ҷо дастаҳои душманро торумор кардан мегирад.

Ҳамин тариқ, Искандар барои мутеъ кардани Суғд тақрибан се сол ҷанг карда, талафоти калон медиҳад.

Гузаштагонамон бо сардории марди қаҳрамон, Спитамен барои истиқлоли ватани худ ҳамин хел мубориза мебурданд...

*Бобоҷон Ғафуров*

(Матн ба синну соли хонандагон то дараҷае мувофиқ гардонида шуд)

**Луғат:**

**Истило** — ба зўрӣ ба даст овардани чизе
**Муқобилият** — зиддият нишон додан
**Вуқўъ** — рўйдиҳӣ
**Ғорат** — толон, тороҷ
**Забткарда** — ишғолкарда
**Талафот** — зарар
**Мутеъ** — тобеъ

## Савол ва супоришҳо

1. Искандар кӣ буд?
2. Спитамен чаро ба муқобили ў мубориза бурд?

## Дарси 39.



# ҚАҲРАМОНИИ МУҚАННАЪ

*(Омўзгор нақл мекунад)*

Номи Муқаннаъ Ҳошим бинни Ҳаким буда, падараш Ҳаким аз ҷумлаи сардорони аскарии Хуросон буд.

Муқаннаъ дар ҷавонии худ шустагарӣ мекард. Азбаски дар он вақтҳо дар Хуросон ва Мовароуннаҳр касби бофандагӣ тараққӣ карда буд, бисёр одамҳо аз пушти шустагарӣ нон мехўрданд.

http://eduportal.uz

Муқаннаъ баъд аз шустагарӣ мустақилона илмомӯзӣ карда, ниҳоят яке аз олимони бузурги замони худ шудааст.

Арабҳо ба Осиёи Миёна ҳуҷум карданд. Халқҳои маҳаллӣ бар зидди онҳо мубориза озодихоҳонаро сар карданд. Ин мубориза солҳои зиёд давом кард. Сардори яке аз ин гуна шӯришҳои озодихоҳӣ Муқаннаъ буд. Муқаннаи далеру нотарс аз аҳолии маҳалӣ аскари бисёре ҷамъ намуд ва ба муқобили арабҳо муборизаро сар кард. Тарафдорони ӯ ҷомаи сафед мепӯшиданд ва аз ин рӯ дар таърих онҳо бо номи «сафедҷомагон» машҳур шудаанд.

Сафедҷомагон (пайравони Муқаннаъ) дар деҳаҳои Бухоро бисёр шуда буданд, аввал онҳо деҳаи Кумучқаторро, ки ҳоло Кумушкент мегӯянд, ба даст дароварда он ҷоро ба худ марказ қарор дода буданд. Баъд аз он деҳаи Наршахро (ҳоло дар тарафи ғарбии райони Вобканд бо ҳамин ном мавҷуд аст) ба даст гирифта дар он ҷо қалъаи мустаҳкаме бино карданд.

Сафедҷомагон дар ҳама ҷойи деҳоти Бухоро ҳокимиятро ба дасти худ гирифта буданд. Дар ин ҷо ва дар Самарқанд низ ҷанги арабҳо ва тарафдорони Муқаннаъ бисёр тӯл кашид. Дар охир Муқаннаъ шикаст хӯрд, ӯ ба қалъаи кӯҳи Сиём паноҳ ёфта, он ҷо ҳамчун ватанпарвари ҳақиқӣ то нафаси охиринаш бо душманони халқаш ҷангид. Муқаннаъ бо мақсади зинда ба

дасти душман асир нашудан худро ба оташи даргирифтаистода андохтааст.

*(Аз китоби «Исёни Муқаннаъ»-и Садриддин Айнӣ мазмунан гирифта шуд).*

**Луғат:**

**Қалъа** — бинои баланд ва мустаҳкам, ки барои ҳимоя аз душман сохта шудааст.

**Паноҳ ёфт** — ҳимоя ёфт.

### Савол ва супоришҳо

1. Муқаннаъ кӣ буд? Дар бораи ҷавонии ӯ нақл кунед.
2. Арабҳо киҳо буданд? Онҳо бо кадом мақсад ба ватани мо ҳуҷум карданд?
3. Матнро ба қисмҳо тақсим карда, ифоданок хонед, сонӣ мазмунашро нақл кунед.

## Дарси 40.

## МАҲМУДИ ТОРОБӢ

Дар давраи ҳукмронии муғулҳо аҳволи оммаи меҳнаткаш хеле бад шуда буд. Халқ борҳо зидди золимон шӯриш бардоштааст.

Шӯриши Маҳмуди Торобӣ намунаи равшани муборизаи халқ бар муқобили истилогарони хориҷӣ, муқобили истисморгарон мебошад.

Маҳмуди Торобӣ косиб (элакбоф), одами далер ва боақл буд. Вай дар мубориза барои манфиати меҳнаткашон тарсу ваҳмро намедонист ва дар мубориза танҳо як мақсад дошт: аз зулми бениҳоят вазнин озод кардани халқ.

http://eduportal.uz

Маҳмуди Торобӣ нисбат ба золимон нафрати беандоза дошт. Вай халқро ба мубориза бар зидди истилогарони хориҷа ва истисморгарони дохилӣ даъват менамуд. Халқ ҳам зери роҳбарии ӯ мардонавор ҷангида, ба истилогарон зарбаҳои сахт зад.

Ҳукуматдорони Бухоро Маҳмуди Торобиро куштанӣ шуда, ӯро ба Бухоро ҷеғ заданд. Дар ҷавоби ин мақсади онҳо, Маҳмуди Торобӣ тарафдорони худро дар наздики Бухоро ғун мекунад ва ҷабрдидагонро ба мубориза даъват менамояд.

Тамоми халқи атроф ба шӯришгарон ҳамроҳ мешаванд. Бухоро ба дасти шӯришгарон мегузарад.

Маҳмуди Торобӣ хуб медонист, ки ҳукуматдорони Бухоро бо ёрии муғулон қувваи бисёре ба муқобили шӯриш ғун мекунанд. Вале халқ таҳти роҳбарии Маҳмуди Торобӣ сахт ҷангид. Маҳмуди Торобӣ пешопеши ҷанговарон мерафт. Ҷанг бо парешон ва торумор гардидани душманони халқ тамом шуд. Вале дар ин ҷанг пешвои халқ Маҳмуди Торобӣ ҳалок гардид.

Шӯришчиёни бе пешво монда барои боз ҳам пурқувват кардани шӯриш чора надиданд, дар натиҷа душманон ба муқобили шӯришчиён бо аскару силоҳи зиёде омада шӯришро пахш карданд.

Маҳмуди Торобӣ ҳамчун одами далер, ватандӯст, доно ва халқпарвар дар ёди халқамон абадӣ мондааст.

*Раҳим Воҳидов*

**Луғат:**

**Хориҷӣ** — беруна
**Манфиати меҳнаткашон** — фоидаи меҳнаткашон
**Пешво** — раҳбар

## Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи ҳуҷуми муғулҳо ба кишвари мо чиҳоро медонед?
2. Маҳмуди Торобӣ кӣ буд? Вай чаро бар зидди муғулҳо мубориза бурд?

## *Дарси 41.*

# ИМОМ БУХОРӢ

*(Омӯзгор нақл мекунад)*

Имом ал-Бухорӣ (номи аслиаш Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ) 21-уми июли соли 810 дар Бухоро таваллуд шудааст.

Падараш Исмоил бо савдо машғул шудааст. Модараш низ зани оқила буд. Баъди вафоти падараш бо тарбияи ӯ модараш машғул гардидааст. Вай аз хурдсолиаш ба илму ҳикмат меҳр мондааст. Хусусан ҳадисҳоро бо шавқи тамом мешуниду аз ёд мекард. Аз ҳадисшиносони машҳур — ал-Дохилӣ, Муҳаммад ибн Салом ал-Пойкандӣ, Муҳаммад ибн Юсуф ал-Пойкандӣ, Абдуллоҳ ибн Муҳаммад ал-Маснадӣ ва ғайраҳо сабақҳо гирифтааст.

http://eduportal.uz

 

Соли 825 Имом Бухорӣ бо бародар ва модараш ба Макка меояд. Сонӣ бародар ва модарашро ба Бухоро мегардонад. Худаш зиёда аз шаш сол ба шаҳрҳои Ҳиҷоз, Макка, Мадина, Тоиф, Ҷидда, Басра, Куфа, Марв, Балх, Ҳирот, Нишопур сафар намуда ҳадис ҷамъ меоварад. Ба Бухоро баргашта ба тарғиби илми ҳадис машғул мешавад. Ин кори ӯ ба ҳокими онвақтаи Бухоро Холид ибн Аҳмад аз-Зуҳлӣ маъқул намешавад. Аз ин сабаб Имом Бухорӣ Бухороро тарк карда, аввал ба Пойкент, сонӣ ба яке аз деҳаҳои наздики Самарқанд Хартанг мекӯчад ва то охири умраш (31 августи соли 870) дар ҳамон ҷо зиндагӣ мекунад.

Имом Бухорӣ зиёда аз 20-то китоб навиштааст. Машҳуртарини онҳо инҳоянд — «Ал-Ҷомеъ ас-саҳеҳ» («Маҷмӯаи боварибахш»), «Ал-Адаб ал-муфрад» (Дундонаҳои адаб»), «Ат-Таърих ал-кабир» («Таърихи калон»), «Тафсир ал-Қуръон» («Тафсири Қуръон»).

Дар манбаъҳо қайд карда мешаванд, ки Имом Бухорӣ қариб 600 000 ҳадисро аз ёд карда будааст. Вай ҳамин ҳадисҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, боварибахштарини онҳоро дар китобаш — «Ал-Ҷомеъ ас-саҳиҳ» дохил намудааст.

Дар яке аз рӯзҳо амир Холид ибн Аҳмад ба Имом Бухорӣ одам фиристонда, чунин мефармояд: «Рафта гӯй, китобҳояш «Ал-Ҷомеъ ас-саҳиҳ» ва «Ат-Таърих»-ро оварда, ба ман хонда диҳад». Имом Бухорӣ ба шахси ин хабарро оварда нигоҳ карда мегӯяд: «Ту ба вай рафта гӯй, ман илмро хор намуда, ба таги дари ҳокимон гирифта намебарам. Ба кӣ илм даркор бошад, худаш ҷустуҷӯ кунад. Агар ин суханам маъқул наояд, фармони амир дар дасти худаш». Амир инро фаҳмида, фармудааст, ки муҳаддиси маъруф аз шаҳр баромада равад.

Баъди соҳибистиқлол гаштани Ватани бостониамон дар қатори як гурӯҳ алломаҳои кишварамон номи Имом Бухорӣ ҳам аз нав зинда карда шуд. Ҳадисҳои ҷамъовардаи ӯ нашр карда шуданд. 1225-солагии таваллуди аллома васеъ ҷашн гирифта шуд. Мақбараи дар қишлоқи Хартанги Самарқанд будаи ӯ аз нав таъмир гардида, ба зиёратгоҳ табдил дода шуд.

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ӯзбекистон»*

**Луғат:**

**Ҳадис** — суханҳои пандомезе, ки аз Муҳаммад (с) ба мо мерос мондааст.

**Сабақ** — таълим.

**Муҳаддиси маъруф** — донандаи машҳури илми ҳадис, ҳадисдони машҳур.

**Бостонӣ** — қадимӣ.

**Аллома** — донандаи илмҳо, донишманд.

## Намунаҳо аз ҳадисҳои ҷамъовардаи Имом ал-Бухорӣ

1. Одаме, ки ҳангоми ҷаҳлаш баромадан ҳам худашро нигоҳ дошта метавонад, шахси бақувват аст.

2. Фазилати беҳтарини ба инсонҳо додашуда ахлоқ аст.

3. Ба одамони бад муомилаи нағз кардан пеши балоро гирифтан аст.

4. Ҳақиқатро, сухани ростро эътироф накардан ва дигаронро аз худ паст ҳисоб кардан кибр аст.

5. Падар ва модарро ҳақорат додан гуноҳи калон аст.

6. Ба падарат нағзӣ кардан хоҳӣ, бо наздикони ӯ алоқаро накан.

### Савол ва супоришҳо

1. Имом ал-Бухорӣ кӣ буд? Дар бораи ҷавонии вай маълумот диҳед.
2. Имом ал-Бухорӣ чаро ба ҷамъоварии ҳадисҳо шурӯъ намуд?
3. Китобҳои навиштаи Имом ал-Бухориро номбар кунед.
4. Мақбараи Имом ал-Бухорӣ дар куҷо ҷойгир шудааст?



http://eduportal.uz

## Дарси 42. ЗАРБУЛМАСАЛҲО

1. Забони амал аз забони сухан фаҳмотар аст.
2. Фикри забондароз кӯтоҳ аст.
3. Лағжидани забон бадтар аст аз лағжидани пой.
4. Ҳар сухан ҷавоб дорад.
5. Агар сухан нуқра бошад, хомӯшӣ тиллост.
6. Хомӯшӣ низ ҷавоб аст.
7. Ҳайвонро аз гӯш медоранд, инсонро аз забон.
8. Ғайрат муваффақияти аввалин аст.
9. Замин модари ҳама.
10. Марди таҷрибадор — беҳ аз марди хирадманд.
11. Қатра-қатра кӯл мешавад.
12. Ҳар кор охир дорад.
13. Агар ба касе некӣ кардӣ, хомӯш ист, агар ба ту некӣ кунанд, ба дигарон нақл кун.
14. Некӣ куну ба дарё андоз.
15. Некӯӣ одамро зинат медиҳад.
16. Дарахтеро, ки ба ту соя меафканад, набур.

### Савол ва супоришҳо

1. Зарбулмасалҳоро хонед ва аз ёд кунед.
2. Мазмуни онҳоро аз устодатон пурсида гиред.

http://eduportal.uz

## *Дарси 43.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ

### ТЕСТҲО



**1. Қаҳрамонписареро нишон диҳед, ки бар зидди лашкари Дорои I мардонавор ҷангидааст.**

А) Спитамен; Б) Тороби̣; В) Шерак.

**2. Кадоме аз ин ёдгориҳои таърихӣ дар Бухоро ҷойгир шудааст?**

А) Арк; Б) Бибихоним; В) Тиллокорӣ.

**3. Кадоме аз қаҳрамонҳои зер бар зидди Искандари Макдунӣ мубориза бурда буд?**

А) Шерак; Б) Маҳмуди Торобӣ;
В) Спитамен.

**4. Кадом қаҳрамони ватанпарвар барои Ватан ба бурида шудани бинию гӯшҳояш розӣ шуда буд?**

А) Темурмалик; Б) Шерак: В) Торобӣ.

**5. Китоби «Ал-Ҷомеъ ас-саҳиҳ» ба қалами кӣ мансуб аст?**

А) Ибни Сино; Б) Садриддин Айнӣ;
В) Имом Бухорӣ.

**6. Муқаннаъ бар зидди кӣ мардонавор мубориза бурдааст?**

А) муғулҳо; Б) арабҳо; В) македониҳо.

**7. Маҳмуди Торобӣ бар зидди кадом истилогарон мардонавор ҷангида буд?**

А) арабҳо; Б) муғулҳо; В) македониҳо.

http://eduportal.uz

**8. Имом ал-Бухорӣ кӣ буд?**

А) ҷанговар; Б) шоир;
В) ҳадисҷамъкунанда.

**9. Зарбулмасали «Ҳар кор охир дорад» ба кадом мавзӯъ мансуб аст?**

А) некӣ; Б) меҳнат; В) сухан.



# *Фасли 5.* БАРФИ НУҚРАФОМ ОЯД, ҲАМ СУБҲУ ҲАМ ШОМ ОЯД

## *Дарси 44.* ЗИМИСТОНИ ДИЛРАБО

Шамол бо шиддат мевазад. Ин шамоли хунуки зимистон буд. Шамол баргҳои охирини дарахтҳоро низ ба замин мерезонд. Ҳаво салқин аст. Аз атроф ҳар вақт овози ғурриши шамол меояд. Дарахтон меҷунбанд. Борон борида меистад.



http://eduportal.uz

Бегоҳӣ ҳаво сахт хунук шуд. Шаби дароз барф борид, ҷӯйҳо ях бастанд. Ҳамаи дарахтон либоси сафед пӯшиданд. Рӯи ҳавлӣ ва бому деворҳо сафед шуданд.

Бачагон, ки аллакай либосҳои зимистонаашонро пӯшида буданд, баъд аз дарс дар майдони мактаб барфбозӣ мекарданд. Онҳо «зимистон, зимистон!» — гӯён фарёд менамуданд. Онҳо аз барф одам сохтанд. Одами барфӣ хеле зебо баромад. Чашмҳои одами барфиро аз ангишт сохтанд. Ба ҷойи бинӣ картошка монданд. Мӯи он аз шохи дарахту дандонҳояш аз сангчаҳо буд. Бачагон ба дасти одами барфӣ бел ва ҷорӯб доданд. Баъд аз бозӣ онҳо шоду хурсанд ба хона рафтанд.

### Савол ва супоришҳо

1. Фасли зимистон кадом моҳҳоро дар бар мегирад?
2. Ин фасл бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад?
3. Кадом бозиҳои зимистонаро медонед? Оё шумо ҳам Бобои барфӣ сохтаед?
4. Дар хона оиди сифатҳои фасли зимистон ҳикоячае навишта оед.

## Дарси 45.

### ЯНВАР

Ҳар боре соли нав
Аз январ сар мешавад,
Календар ҳам инчунин
Аз январ сар мешавад.

http://eduportal.uz

Дар водию дар кӯҳсор
Меборад барфи бисёр,
Дар кишварҳои шимол
Дашту саҳрою кӯҳсор
Мехобад дар зери барф
То худи фасли баҳор...

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл карда диҳед.

## *Дарси 46.*

## МӮРЧАҲО ВА ЧИРЧИРАК

(*Масал*)

Дар яке аз рӯзҳои офтобии зимистон гурӯҳе аз мӯрчагон машғули хушк сохтани донаҳои гандум буданд, ки дар хонаашон аз тарафи онҳо ҷамъ шуда буд. Чирчираке, ки гуруснагӣ ба ҷонаш расида буд, аз он ҷо мегузашт. Мӯрчагонро дид, ки бо хушҳолӣ кор мекарданд, наздашон рафта илтимос кард, ки ба ӯ каме ғизо диҳанд. Мӯрчагон аз ӯ пурсиданд:

— Чаро ғизои худро дар тобистон захира накардӣ?

Чирчирак гуфт:

— Ман он қадар фурсат надоштам. Рӯзу шаби ман дар тобистон бо сароидан мегузашт.

Мӯрчагон бо истеҳзо ба ӯ гуфтанд:

http://eduportal.uz

— Вақте ту он қадар аҳмак будӣ, ки тамоми тобистонро ба сароидан тамом кардӣ, беҳтар аст ҳоло бо шиками гурусна ба рақс машғул шавӣ.

**Ҳикмат:** Оқибатандешӣ шарти ақл аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Мӯрчаҳо бо чӣ кор машғул буданд.
2. Чирчирак аз онҳо чӣ илтимос кард?
3. Мӯрчаҳо чӣ ҷавоб доданд? Аз ҳикояча чӣ хулоса баровардед?

***Дарси 47.***

## АЗ ҲУНАРИ ХУД ШОДЕМ

Зимистон, дар зери барф
Пинҳон гардида замин...
Бо дасти худ месозем
Хоначаи нозанин!
Дару девори онро
Месозем аз барф.
Даҳлезашу айвон
Месозем аз барф.
Бобои хонабонро
Месозем аз барф.
Бузаку бузғоларо
Месозем аз барф.
Говаку гӯсоларо
Месозем аз барф.
Сагбачаҳову харгӯш
Месозем аз барф.



http://eduportal.uz

Ҳар чӣ ояд ба мо хуш
Месозем аз барф.
Бинокори устодем,
Аз ҳунари худ шодем.

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Дар шеър оиди кадом «ҳунар»-и бачаҳо сухан меравад?
3. Шумо ҳам оё ин «ҳунар»-ро соҳибед?

## *Дарси 48.*

## ПАЙРАҲА

Ҷалоламакро на фақат Муҳаббат, балки тамоми бачаҳои маҳалла дӯст медоштанд. Вай баъзе рӯзҳо онҳоро ба мошин савор карда, шаҳрро тамошо медод.

Ҷалоламак ба борону лой нигоҳ накарда, ба ҷойи кораш мерафт. Муҳаббат, ки дар паси тиреза нишаста буд, Ҷалоламакро дида, даст афшонд, вале ӯ духтарчаро надид.

Муҳаббат боз даст афшонд, вале дар ҳамин вақт пои Ҷалоламак лағжид ва ӯ бо тамоми ҷасади бузурги худ ба лой афтид.

Муҳаббат давида берун баромад, аммо Ҷалоламакро надид. Ӯ дер фикр карда наистода, ба хонаашон омад ва сатилчаашро гирифта берун баромад. Сатилчаашро аз рег пур карду

http://eduportal.uz



ба назди ҳавлии Ҷалоламак бурда рехтан гирифт. Ин кори ӯро бачаҳои маҳалла диданд ва сабабашро пурсида, аз воқеаи рӯйдода бохабар гардиданд. Пас аз ин онҳо ҳам бо ҳар чиз рег оварда, ба пеши хонаи Ҷалоламак рехтан гирифтанд.

Бегоҳӣ Ҷалоламак аз кор омада, пайраҳаро диду бо тааҷҷуб худ ба худ гуфт:

— Кӣ ба ин ҷо рег оварда рехтааст?

— Мо, — ҷавоб дод Муҳаббат, ки дар назди тиреза менишаст ва суханони ӯро шунида буд.

— Чаро?

— Хостем, ки шумо дигар налағжед.

Ҷалоламак афтиданашро ба хотир оварда, хандид ва ба дӯстони хурдтараки худ таҳсин гуфт.

*А. Ғафуров*

**Ҳикмат:** Аз хубон — шарофат.



http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Ҷалоламак кӣ буд ва чаро бачаҳо вайро дӯст медоштанд?
2. Муҳаббат ба чӣ гуна воқеа шоҳид шуд?
3. Чаро бачагон ба Муҳаббат ёрӣ расонданд?
4. Аз ҳикояча чӣ хулоса баровардед?

## *Дарси 49.*

### ХУШ ОМАДӢ, СОЛИ НАВ

Биё, биё Соли нав,
Табрики моро шунав.
Мо аз ту розӣ ҳастем,
Саргарми бозӣ ҳастем.
Чу ҳалқа саф бастаем,
Арчаро оростаем.
Бобои барфин омад,
Ба кифташ хӯрҷин омад.
Савғои бисёр овард,
Чормағзу анор овард.
Ба ҳама озодӣ шуд,
Ҷаҳон пур аз шодӣ шуд.
Муборак соли нав, — гуфт,
Бахту иқболи нав, — гуфт.
Иди калон ба по шуд,
Соли кӯҳан адо шуд.

*Асад Гулзода*

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.



http://eduportal.uz

## Дарси 50.

# ҲИКМАТИ ЯКДИЛӢ

(*Ҳикоя*)

Ҳикоят мекунанд, ки пирамарде якчанд писар доштааст. Писаронаш ба якдигар дӯсту якдил набудаанд ва аз ин рӯ, миёни онҳо ҳар рӯз як нохушие сар мезадааст. Пирамард аз ин ҳол дилгиру хафа шудааст. Фикр карда оқибат чорае андешидааст. Вай як рӯз писаронашро ба наздаш даъват намуда, ба дасти онҳо як даста навдаро додааст. Сонӣ фармудааст, ки онро шикананд. Писарон ҳарчанд зӯр задаанд, дастаи навдаро шикаста натавонистаанд. Пирамард дастаи навдаҳоро кушода, ба писаронаш яктоӣ тақсим карда додааст. Писарон онро ба осонӣ шикастаанд.

Пирамард ба писаронаш чунин гуфтааст:

— Ана худатон дар амал дидед, агар дӯсту иттифоқ бошед, шуморо ҳеҷ кас шикаст дода наметавонад. Агар якдигарро бад дида, аз ҳам ҷудо бошед, шуморо ба осонӣ шикаста нобуд мекунанд. Фаромӯш накунед, ки дар якдилию дӯстӣ ҳикмат бисёр аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Пирамард аз писаронаш чаро хафа буд?
2. Вай барои аҳлу якдил кардани писаронаш чӣ чора андешид?
3. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед?



http://eduportal.uz

## Дарси 51.

# ДАР ГИРДИ АРЧА

Соли нав омад,
Шоду ғазалхон.
Табрик созем
Онро рафиқон.

Имрӯз — рӯзи
Якуми Январ,
Рӯзи муборак,
Рӯзи мунаввар.

Чун одамони
Ин мулки аъзам,
Бин, арчаи мо
Сарсабзу хуррам.

Дар кор чобук,
Дар хондан аъло —
Мо насли хушбахт,
Мо насли доно.

Гардем фардо
Донотар аз ин.
Оядаи мо
Зеботар аз ин.

Дар қуллаи кӯҳ
Барф аст тобон,
Лек хонаи мо
Гарму чароғон.

Рақсему бозем
Дар гирди арча,
Хурсандӣ созем
Дар гирди арча.

*Абдумалик Баҳорӣ*



### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро аз ёд кунед.
2. Мазмуни шеърро нақл карда диҳед.



http://eduportal.uz

## Дарсҳои 52—53.

# ЧИСТОНҲО



Садуқчаи зулбиё,
Худбандаку худкушо (хʁ)

Сандуқчаи зарбандӣ
Худкушою худбандӣ. (хʁ)

Аз осмон ғалтад, намешиканад,
Аз дарахт ғалтад, мешиканад.

Аз осмон афтад, намешиканад,
Аз бом афтад, мешиканад.

Мепараду параш не,
Мешинаду пояш не.

### Савол ва супоришҳо



1. Чистонҳоро хонед ва ҷавобашро ёбед.
2. Дар бораи зимистон боз чӣ гуна чистонҳоро медонед?



# ЗАРБУЛМАСАЛҲО

1. Дидадаро шав, ба дида ҷо шав.
2. Дил кушода бошад, дар кушода.
3. Дил ёбу қанд хӯр.
4. Хонаам коза бошад,
   Дилакам тоза бошад.



http://eduportal.uz

5. На сих сӯзаду на кабоб.
6. Аввал бубин ҷойи худ,
Баъд бимон пои худ.
7. Ба бом бароӣ, фаромаданашро ҳам андеша кун.
8. Бори каҷ ба манзил намерасад.
9. Девор муш дорад, муш гӯш.
10. Кӯр асояшро як бор гум мекунад.
11. Санги даркорӣ вазнинӣ надорад.
12. Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.
13. Аз худ рафтӣ, аз халқ рафтӣ.
14. То риш набарорӣ ба кӯса наханд.
15. Нона калон газу гапа калон назан.
16. Буруташро табар намебурад.

## Савол ва супоришҳо

1. Зарбулмасалҳоро хонед.
2. Мазмуни ҳар як зарбулмасалро шарҳ диҳед.
3. Дар мавзӯъҳои болоӣ худатон ҳам зарбулмасалҳо гӯед.



## *Дарси 54.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ТЕСТҲО

**1. Фасли зимистон кадом моҳҳоро дар бар мегирад?**

А) декабр, январ, феврал;
Б) январ, феврал, март;
В) ноябр, декабр, январ.



http://eduportal.uz

**2. Муаллифи шеъри «Январ»-ро ёбед.**

А) Гулчеҳра Сулаймонова;
Б) Нӯъмон Розиқ;
В) Мирсаид Миршакар.

**3. Ҷалоламак қаҳрамони кадом ҳикоя аст?**

А) «Пайраҳа»;
Б) «Мӯрчаҳо ва чирчирак»;
В) «Ҳикмати якдилӣ».

**4. Байти «Соли нав омад, Шоду ғазалхон» аз кадом шеър гирифта шудааст?**

А) «Дар гирди арча»-и А. Баҳорӣ;
Б) «Аз ҳунари худ шодем»-и М. Миршакар;
В) «Барфи аввал»-и Г. Сулаймонова.

**5. Зарбулмасали «На сих сӯзаду на кабоб» ба кадом мавзӯъ мансуб аст?**

А) кибру ғурур; Б) эҳтиёткорӣ; В) дилҷӯӣ.

**6. Ҷавоби чистони зерро ёбед:**

Аз осмон афтад, намешиканад,
Аз бом афтад, мешиканад.

А) ях; Б) барф; В) шиша.

# *Фасли 6.* МО ВАТАНРО ПОСБОНЕМ, ТОЛИБИ СУЛҲИ ҶАҲОНЕМ

## *Дарси 55.*

### ДАР ПОСБОНИИ ВАТАН

Дар посбонии Ватан
Истодагӣ мо марду зан.



http://eduportal.uz



Сарҳади моён, эй хушо,
Қулфасту маҳкам доимо...
Гар душман аз роҳи ҳаво
Созад ҳуҷум бар зидди мо,
Аэропланҳо мепаранд,
Андар ҳаво саф мекашанд...
Бо бомҳои саршикан
Аз роҳи хушкӣ гар ба мо
Душман ҳуҷум орад, бидон —
Танкистҳову тӯпчиён,
Сарҳадчию снайперон,
Созанд ӯро торумор...

Ҷӯяндаи сулҳем мо,
Бар зидди ҷангем доимо,
Аммо агар абри siyaҳ
Хоҳад бипӯшад рӯйи маҳ,
Он дам тамоми қувваҳо
Тӯфон барин андар ҳаво —
Созанд ӯро торумор!

*Мирсаид Миршакар*

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар шеър кадом сифатҳои сарҳадчиён ифода гаштааст?
3. Мо чаро посбонони сарҳади ватанамонро ин қадар ҳурмат мекунем?

**Дарси 56.**

## ВАТАНАМ

(*Суруд*)

Аз ҳама зебо Ватанам,
Мулки дилоро Ватанам,
Боби тамошо Ватанам.
Умеди фардо Ватанам.

Хотири ҷамъи модарон,
Хонаи ёру дӯстон,
Ба дӯши худ гирифтаӣ,
Ташвиши дунё, Ватанам!

Ба сӯйи ту чашми ҷаҳон
Ки бо умеде нигарон,

http://eduportal.uz

Хушо, ки ту зодгаҳӣ
Сулҳи мадоро, Ватанам!

Олами барҳавои мо,
Боиси шодиҳои мо,
Ҷарангоси садои мо
Туӣ, ту, якто Ватанам!

*Гулчеҳра Сулаймонова*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар бораи Ватан боз чӣ гуна шеърҳо медонед?

## *Дарси 57.*

### БАЧАИ ЗИРАК

Назаршоҳ писарчаи миёнақади тезҳаракат буда, чеҳраи гандумгун дорад. Аз чашмони дурахшонаш ҳамеша аломати фароҳмандӣ намоён аст.

Назаршоҳ имсол дар синфи сеюм мехонад. Ӯ дар бораи сарҳадчиён бисёр ҳикояҳо шунидааст.

Боре Назаршоҳ ба мактаб мерафт. Ногоҳ дар ҷояш истода монд. Ӯ тахминан сад метр дуртар аз роҳи қишлоқ марди ношиносро дид.

— Ин одами ношинос аз куҷо пайдо шуд? — фикр кард Назаршоҳ. — Барои чӣ ба гирду атроф парешонҳолона назар меандозад? Дар қишлоқи мо ин тавр одам нест. Эҳтимол ӯ вайронкунандаи сарҳад бошад. Рафта ба бобоям хабар медиҳам.

http://eduportal.uz

Писарбача ба кадом тараф рафта истодани шахси номаълумро як бори дигар аз назар гузаронду ба тарафи ҳавлиашон давид.

Бобо ва акаи ӯ дар ҳавлӣ буданд. Назаршоҳ ба онҳо воқеаро гуфт ва онҳоро ба ҷойи воқеа бурд.

Онҳо ҷасурона амал карда, душманро дастгир карданд ва ба сарҳадчиён супурданд.

Пас аз даҳ рӯз ба қишлоқ афсари сарҳадчиён омад. Ӯ писарбачаро ба оғӯш гирифта бӯсид ва мукофоти қиматбаҳои командири заставаро супурд. Вай боз таъкид намуд, ки Назаршоҳ бачаи зирак аст ва аз ӯ сарҳадчии моҳире мебарояд.

### Савол ва супоришҳо

1. Назаршоҳ кӣ буд?
2. Одами бегона ба чашми писарбача чаро шубҳанок намуд? Вай чӣ кор кард? Агар Шумо ба ҷойи Назаршоҳ мебудед, чӣ кор мекардед?



3. Афсари сарҳадчиён ба Назаршоҳ чаро тӯҳфа дод?

## Дарси 58.

## ЭЙ МУЛКИ ХУРРАМ

Эй мулки хуррам,
Эй гулшани мо,
Ту ин қадар ҳам
Сарсабзу зебо!

Ман дар бари ту
Дилшод ҳастам.

Бикшодаи ту
Дарҳои мактаб,
То дар намонам
Дар роҳи матлаб.

Фардо, ки ман ҳам
Мешавам калон,

http://eduportal.uz

Мисли кабӯтар
Озод ҳастам.

Хизмати туро
Мекунам аз ҷон.

*Алӣ Бобоҷон*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро овоз бароварда хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар синфи сеюм Шумо боз кадом шеърҳои Алӣ Бобоҷонро хондаед? Шеърҳои ин шоир бо кадом хусусияташ ба Шумо маъқул мешаванд?



## Дарси 59.

# ОРЗУИ ҚОДИРБОБО

(*Ҳикоя*)

«Касби ӯро кӣ интихоб мекарда бошад?». Дар рӯзҳои охир ҳамин хаёл Қодирбоборо каме ба андеша андохта монд. Имсол ба ҳаштод медарояд. Умр мисли дарё даргузар аст, то як чашм кушода пӯшондан ба ҳамин синну сол расид. Ватани озоду мустақилро дида ҳазорҳо шукр мекунаду аммо ҳамон фикру андешаҳо ӯро ором намегузоранд.

Вақте ки дар шаҳри Асака сохтмони заводи коркарди мошинҳои сабукрав сар шуд, вай ҳоло хеле чаққон ва бақувват буд.

Бо шавқу завқ дар қатори аввалинҳо ба кор омад. Акнун автомобилҳои худамон мешавад гуфтагӣ фикру хаёлҳои ширин ба ӯ қанот бахшида, ба як хурсандиаш даҳ хурсандӣ зам намуд. Вакте ки турнақатор шуда баромадани автомобилҳои ӯзбек — «Tiko», «Damas», «Nek-

http://eduportal.uz

siya»-ҳоро дид, худашро одами бахтноктарини дунё ҳис намуд. Ӯ хеле мамнун буд, ки мустақилӣ ба ӯ чунин имкониятро дод.

Вай ба набераааш, ки расм мекашид нигоҳ кард. Корашро кӣ давом медиҳад акнун? Писари калониаш аз роҳи иқтисод рафт, ду духтараш омӯзгор. Агар боз як писараш мешуд, балки касби падарашро интихоб менамуд?! Одам пир шавад ҳам хотирҷамъ зиндагӣ карда наметавонистааст-да ...

Вай беихтиёр ба тарафи набераааш хам шуд.

— Расми чиҳоро кашида истодаӣ, Пӯлодҷон?

— Мошинаҳои худамонро! Мана инаш — «Neksiya», инаш — «Matiz»!

Аз гулӯи Қодирбобо як чиз лағжида гузашт.

— «Касбамро ҳамин набераам давом медода бошад-мӣ?!» — гуфта фикр кард ва ба расмҳои кашидаи ӯ нигоҳ карда дилаш гум зад.

— Монанд шудааст. Хушрӯй кашидӣ!

— Шумо ҳам ҳамин хел мошинаҳо кашидаедмӣ, бобоҷон?

Қодирбобо чуқур нафас гирифт:

— Не, бачем, ман ин гуна расмҳо накашидаам. Давраи ҷавониам ба солҳои гушнагӣ рост омадааст. Барои як пора нон ёфтан шабу рӯз меҳнат кардаам! – Вай гапро ба дигар тараф тофт.

— Ин расмҳоро барои чӣ кашидӣ, бачем?

— Калон шавам, бобоҷон, мошинаҳои зӯр месозам!



http://eduportal.uz

Қодирбобо, гӯё ки дилаш ба қолабаш афтида бошад, якбора хотирҷамъ шуд. Интизориҳои кашидааш ҳамин нест магар?! Вай беихтиёр набераашро ба оғӯшаш кашида, чашму рӯяшро бӯса кард.

— Офарин, бачем! Дар оянда ҳамин хел машинаҳо соз, ки ҳама қоил монанд!

— Бобо номи машинаи навбаромада чӣ буд?

— «Spark», бачем, «Spark»!

— Аз они ман «Samo» мешавад, furthermoreбобоҷон!

Қодирбобо ӯро ба оғӯшаш сахттар кашид.

— Орзу кардан айб нест, бачем, «нияти нағз — ними давлат!». Ихтироъгари зӯри машинаҳои ӯзбек шав! Илоҳо, машинаҳои ту ба мардуми тамоми дунё хизмат кунанд!

— Маро ба заводи Асака гирифта баред, бобоҷон!

— Шуд, баъди ба таътил баромаданат ба ту заводро нишон медиҳам. То он вақт «панҷ»-ҳоро зиёд кардан гир!

Пӯлодҷон имрӯзҳо бо баҳои аъло хонда, мехоҳад тезтар ба таътил барояд.

*Тӯлқин Ҳайит*

**Луғат:**

**Зам** — илова кардан, пайвастан.

## Савол ва супоришҳо

1. Дар Ӯзбекистон чӣ гуна машинаҳо истеҳсол мешаванд?
2. Фарқи онҳо аз дигар автомобилҳо дар чист?

3. Қодирбобо соҳиби чӣ гуна касб аст?
4. Вай чӣ орзу дошт? Орзуи ӯ амалӣ мешавад ё не?
5. Дар бораи Пӯлодҷон нақл карда диҳед.

## Дарси 60.

### ӮЗБЕКИСТОН

Ӯзбекистон, сарзаминат пурсаховат, пуршараф,
Рафтааст овозаи ту ҳар кучову ҳар тараф.
Оламиён дидаанд, эй кишвари ман, аз ту нафъ,
Фахрмандам, ман аз ин рӯ Ӯзбекистон, шод бош!

Рӯдакию Ал-Бухорӣ, Яссавию Нақшбанд,
Ибни Сино, ҳам Улуғбек, Айнӣ фарзанди туанд.
Номи ту боло бибурданду баранд имрӯз чанд,
Баҳри ободии халқи ҳеш боз обод бош!

Зери хокат кони ганҷу рӯйи он пурнеъмат аст,
Пахтазори беканорат шӯҳратори миллат аст.
Обу нони ту маро аз дурри дарё қимат аст,
Шод бош, эй кишвари озодмардон, шод бош!

Халқҳо ин дам ба ту гардид бас ёру қарин,
Рӯ ба рӯ гардида гӯянд: Ӯзбекистон офарин!
Дар мақоми раҳбарӣ кори мардонро бубин,
Ӯзбекистони муқаддас, то абад озод бош!

*Холназар Худоназаров*

### Савол ва супоришҳо

1. Шоир чаро Ватанамон — Ӯзбекистонро ин қадар дӯст медорад?

http://eduportal.uz

2. Ӯзбекистон бо кадом фарзандонаш фахр мекунад? Дар бораи онҳо чиҳоро медонед?
3. Шеърро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл карда диҳед.



## Дарси 61.

### ДАР ОДОБИ СУХАН ГУФТАН

Инсон бояд:

— Дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад.

— Дар вақти сухан гуфтан ба чапу рост нигоҳ накунад.

— То фикр накунад, сухан нагӯяд, то пушаймон нашавад.

— Дар вақти сухан гуфтан ба рӯйи шунаванда наҷаҳад ва сухани сахт нагӯяд.

— Дар миёни сухани мардум сухан нагӯяд ва сухани гӯяндаро набурад.

— Бисёр гап назанад, ки бисёр гуфтан нишонаи камақлӣ аст.

### Дар одоби салом додан

— Савора ба пиёда салом диҳад.

— Рост истода бар нишаста салом диҳад.

— Хурдсол ба калонсол салом бояд диҳад.

— Ҳангоми салом додан рӯй хандон ва пешонӣ кушода бояд бошад.

— Бо ишорат салом надиҳанд, балки овоз бароварда «Ассалому алайкум» ё «Салому алайкум» гӯянд, агар ба ҷамоа салом додан лозимояд, «Ассалому алайкум» мегӯянд.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Талабҳои ба одоби сухан гуфтан ва салом додан гузошташударо аз ёд кунед.



2. Дар бораи сабабҳои ба миён гузошта шудани талабҳои болоӣ фикр кунед ва онро ёбед.

## *Дарси 62.*

### ХОКИ ВАТАН

Орад ҳавои намнок,
Ба димоғам бӯи хок.
Бӯяки хоки Ватан,
Беҳ аз сад мушки Хутан.
Хоки Ватан дармонам,
Бо ӯ ман дар намонам.
Ба сад тиллою дирам,
Ба садҳо боғи Ирам.
Ҳаргиз намедиҳам ман,
Зарраи хоки Ватан.

*Маҳбуба Неъматзода*

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед.

## *Дарси 63.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ТЕСТҲО

**1. Муаллифи шеъри «Дар посбонии Ватан»-ро ёбед.**

http://eduportal.uz

А) Мирсаид Миршакар; Б) Убайд Раҷаб; В) Нӯъмон Розиқ.

**2. Муаллифи шеъри «Хоки ватан»-ро ёбед.**

А) Г. Сулаймонова; Б) М. Неъматзода; В) М. Миршакар.

**3. Дар кадом ҷавоб яке аз рукнҳои одоби саломдиҳӣ дуруст нишон дода шудааст?**

А) нишаста ба рост истода салом медиҳад;
Б) рост истода ба нишаста салом медиҳад;
В) пиёда ба савора салом медиҳад.

# *Фасли 7.* ҲАМСОЛИ МАН — ҲАМБОЛИ МАН



*Дарси 64.*

## ПАНДИ КИТОБ

Хоҳӣ, ки доно шавӣ,
Шахси тавоно шавӣ,

http://kitob.uz

Бош зи ман баҳраёб,
Ҳикмати ман беҳисоб.

Гиру зи дастат намон,
Гаштаю баргашта хон!

Лек фақат зинҳор
Тоза нигоҳам бидор!

Хат нанавис ту ба ман,
Аз варақам ҳам накан!

Ман ба ту ҳастам рафиқ,
Бош ба фикрам шарик!

*Алӣ Бобоҷон*

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Шумо китобҳоятонро тоза нигоҳ медоред ё не?
3. Пандҳои китобро ҳама вақт дар ёд нигоҳ доред.

## Дарси 65.

# ДАР ОДОБИ ТАОМ ХӮРДАН ВА ОБ НӮШИДАН

— Пеш аз таом хӯрдан даст шустан.

— Таом ба дасти рост хӯрдан.

— Ҳангоми таом хӯрдан ба луқмаи касе нанигаристан.

— Таомро аз гӯшаи коса хӯрдан.

— Ҳангоми таом хӯрдан агар луқма аз даст биафтад, бардоштан ва агар олуда шуда бошад, пок кардан ва хӯрдан.

http://eduportal.uz

— Дар вақти таом хӯрдан ба ҷое такя накардан.
— Дар вақти таом хӯрдан сар нахоридан.
— Дар вақти таом хӯрдан бинӣ пок накардан.
— Таом дар даҳон ба касе сухан нагуфтан.
— Баъд аз таом хӯрдан дастро шустан.

* * *

— Ҳангоми об нӯшидан ба се дам об бихӯрдан.
— Ҳар бор зарфи об аз даҳон боз гирифтан.
— Нишаста об хӯрдан.
— Аз зарфи бузург об нахӯрдан.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шумо ҳангоми таом хӯрдан ба талабҳои болоӣ риоя мекунед ё не?
2. Чаро ба таомхӯрӣ чунин талабҳо гузошта шудаанд? Дар ин бора фикратонро баён кунед.

## Дарси 66.



## ХАТИ ЧАЛМОҚӢ

Ин чӣ хат, ин чӣ хати чалмоқӣ,
Сатрҳояш ҳаму болою уреб.
Ин чӣ ҳарф асту ҳиҷо, ё аҷабо,
Панҷаи мурғ барин каҷҷу килеб.

Ин чӣ хат, ин чӣ хати номафҳум,
Хати безеб, чу дарбеҳ ба либос.
Вой, аз дидану аз хондани он
Чашми бино ба ниҳеб асту ҳарос!

http://eduportal.uz

Оҷиз аз хондани ин хат ҳастем,
Ку, биёбед шумо соҳиби он!
Ояду ӯ хати худ хонда диҳад,
Бикунад мушкили моро осон.

Баҳри ин сон хати бад ҳайфи қалам,
Каси беҳавсаларо нест ҳунар!
Ҳайфи ин коғази чун шир сафед,
Ҳайфи вақте ки ҳадар рафт, ҳадар!

*Алӣ Бобоҷон*

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Дар шеър чӣ гуна камбудии хонандагон зери танқид гирифта шудааст?
3. Хушхатӣ чӣ фазилат дорад?
4. Дар синфи Шумо низ бадхатҳо ҳастанд ё не?



**Дарсҳои 67—68.**

# КИСА

*(Омӯзгор нақл мекунад)*

Падари Нурмат Илҳомака пардаҳои тирезаро кушоду ба диван паҳлӯ зада, ба китобхонӣ даромад.

Ана дар ҳамин сукунат аз ҷониби ҷевоне, ки дар бахши болои хона меистод, «чип... чип...» овозе шунида шуд. Илҳомака гӯш андохта, аммо чӣ буданашро фаҳмида натавониста, хонданро давом дод. Аз миён хеле вақт гузашту боз ҳамон овоз такрор ёфт. Чӣ бошад?



http://eduportal.uz

Муш? Дар хона муш набуд-ку? Илҳом-ака айнакашро рӯйи китоб ниҳода, аз ҷой хест ва рафта, дари ҷевонро кушод.

Дар ин лаҳза андаруни ҷевон кисаҳо миёни худ гуфтугузор доштанд. Сарулибоси аз ҳама хурд — костюми Нурмат чангаки симбофтро канда кунам мегуфт. Ду киса паҳлӯи он чунон буданд, гӯё яктоӣ тӯбро зӯран андохта бошанд. Азбаски кисаи рост аз чап вазнинтар буд, ҳамон тараф яклаба.

— Ту ки шарики ман бошӣ, борро баробар бардор-дия. Аҳволи маро бин, қариб канда шуда равам, — гуфт кисаи рост.

— Ба ман чӣ, аз худат дон, ҳар чиро андозад, лом намегӯӣ-дия, — посух кард кисаи чап.

Чизҳое, ки андаруни ҳар ду киса дарҳам-барҳам мехобиданд, ба гап даромаданд.

— Хайрият, найзаам дар даруни ана ин хаткӯркунак ҷой шуд, набошад, кисаро сӯрох карда, ба паҳлӯи Нурмат медаромадам, — гуфт паргор.

— Ман чӣ кор кунам, ба гап сар кард алмос, — медонӣ дамам чӣ хел тез, расам-нарасам, шарт мебурам. Инро ҳама нағз медонад. Ба ҳамин нигоҳ накарда, ман ҳозир дар миёни шумоён луб-луч нишастаам.

— Боз афсӯс будааст, — бо хашму ғазаб гуфт навори аксбардорӣ, маро ба кадом ҳолат расондӣ? Ҳоло ягон бор ба ҳолати аксбардорӣ надаромадааму ту маро пора-пора кардӣ.

Қуттии вазелин, буҷул, шонаи шикаста, шишаи пенитсиллин, ғалтаки ресмон «дуруст» гӯён, сухани наворро тасдиқ карданд. Танҳо қалам аз ҳамовозӣ худдорӣ кард, зеро вай ақидаи худро дошт.

— Яъне чӣ хел? — гуфт вай, — дар миёни мо танҳо алмос зиёдатию дигарон даркорӣ. Ҳозир «дуруст» гуфтагиҳо ҳам ин ҷоро холӣ кунанд. Чизи аз ҳама зарур манам... Маро дар киса бардошта гардад, мезебад...

— Ман-чӣ? — гуфт перо, — ҳаштоду шашум мешавам, а, медонед?

— Нақшакашӣ бе ман буд намешавад, — калонписандона гап ҳамроҳ кард хаткушак.

— Чӣ, чӣ? Ман ба куҷо мерафтаам, мӯйҳои ланка сих шуданд, — бе ман дили Нурмат торс мекафад.

Ин гапҳо ба иззати нафси мехчаҳо, шикастпораи авторучка, сӯзанак, бандак, мехи печдор, ки андаруни кисаи чап буданд, расиданд.

— Мо ҳам ба худамон муносиб обрӯ дорем, — гуфт бо оҳанги ранҷиш мехи печдор, — намехоҳем, ки дар ҷойи зарурӣ кор нафармуда, аз киса ба киса афтода, занг занем.

— Маро намегӯед, то ин вақт чизҳои бисёреро дӯхта, ҷойҳои даридаи сарулибосро дарбеҳ мекардам, — гуфт ғалтаки ресмони сиёҳ, — акнун бошад, ба ҷойи ин маро канда-канда, яке мебинед, ки ба бодбарак бастаанд, яке мебинед, ки ба буҷул баста, ланкабозӣ мекунанд.

Кисаи рост, ки андарунаш чизи бисёр дошт, ба ин гапҳо тоб оварда натавонист.

— Шуд, шуд, ин қадар гап мефурӯшед, — гуфт вай дағалона, — ба ҳамаатон як даҳонӣ сухан диҳанд, то рӯзи дигар ҷоғ мезанед. Агар тамғакоғазҳои гуногун, чиптаҳои кинотеатр, варақҳои тақвимҳо гап зананд, гӯшу майнаро пур мекунанд. Хаёл мекунед, ки часпак (тугма) хап менишаст? Танга-чӣ? Саққоча ҳам як ғелида, ба ман «сухан диҳед» мегӯяд. Эҳҳе, монед-чӣ...

— Саросема нашавед, ба ман сухан диҳед, — гуфт овози маҳини ношинос.

— Ту кистӣ? — пурсид кисаи рост.

— Ман рӯймолчаи хушрӯякам, ки дар миёни сару либоси хоначаи паҳлӯ хобидаам. Аслан, агар донистан хоҳед, кисаро бояд ба ман холӣ карда диҳед. Нурмат бошад, маро ба киса ҳам намеандозад, ба даст ҳам намегирад.

Ҳама «дуруст, агар ту ой, мо ҷоямонро холӣ карда медиҳем» гуфтанд.

Ин дам, кисаи чап, гӯё хурсанд шуда бошад, сахт атса зад.

— Ҳа, ба хайр? — пурсид кисаи рост.

— Ба димоғам тамоку даромад.

— Ана инаш тамоман нағз не! Ҳоло папирос ҳам ҳаст гӯй?

— Папирос-ку нест, аммо дирӯз як қутии папиросро бардошта гашта будам, — бӯяш ҳоло ҳам нарафтааст.

Дар ин миён Нурмат аз кӯча омада, ба назди падараш надаромада, дар хонаи дигар ба тайёр кардани дарс нишаст. Илҳом-ака ҳамон китоб мехонд. Дигар ба «чип, чип» ҳам эътибор намедод.

Ин дам аз даруни ҷевон, гӯё як каф шағал рехта бошад, овозе баромад. Илҳом-ака тирвор аз ҷой ҷаста хеста, дари ҷевонро кушод. Нурмат ҳайрон ба хона даромад. Бинанд — киса даридаасту он ҳама чизҳое, ки миёни худ гуфтугузор доштанд, паҳну парешон хобидаанд. Илҳом-ака якбора вопас гашта, ба Нурмат чашм дӯхт.

Ду бари рӯйи Нурмат суп-сурх шуд. Сар поин афканда, хомӯш меистод. Илҳомака аз рӯйи одат ҳарфе ба забон наоварда, нигарони ҷавоб буд. Нурмат инро ҳис мекард, аммо забонаш ба гап намехамид. Саранҷом, вақте ки «дигар такрор намекунам» гуфт, падараш рафта ба ҷойи худаш нишаст. Нурмат ба сӯйи ҷевон гузашт...

*Раҳмат Файзӣ*

## Савол ва супоришҳо

1. Матнро ба қисмҳо тақсим намуда, ифоданок хонед.
2. Ба ҳар қисми тақсимкардаатон сарлавҳа гузоред.
3. Чаро киса ва чизҳои даруни он ба сухан даромаданд?
4. Чаро ду бари рӯйи Нурмат суп-сурх шуд?
5. Шумо кисаҳоятонро тоза нигоҳ медоред ё не?



http://eduportal.uz

## Дарси 69.

# ВАҚТ

Асо аз сумкааш афтонд
Гаҳи бозӣ қаламдонро,
Ду рӯз аз ҳар куҷо ҷуста,
Сипас пайдо кард онро.

Калиди хонаро гум кард
Асои беҳушу беғам.
Ду ҳафта ҷустуҷӯ карда,
Дар охир ёфт онро ҳам.

Асо гумкардаҳояшро
Аз он ки ёфт, хушдил буд.
Валекин вақти қиматро
Чӣ сон ӯ бохт, ғофил буд.

Басе чизе, ки гум кардӣ,
Зи нав ёбӣ, агар кобӣ,
Вале чун гум кунӣ вақтат,
Дигар ҳаргиз намеёбӣ!

*Алӣ Бобоҷон*

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро овоз набароварда хонед.
2. Асо чӣ кор кард?
3. Шоир Асоро чаро ғофил меҳисобад?
4. Шумо ҳам ба аҳволи Асо афтодаед ё не?





http://eduportal.uz

*Дарси 70.*

# ҲАСАН ВА МОҲӢ

(*Афсона*)

Ҳасан ном бачае буд. Як рӯз Ҳасан ба лаби дарё рафта бозӣ карда менишаст. Дарё мавҷ зада обаш каме дар соҳил кӯлмак шуда монд. Дар кӯлмак як моҳича буд. Моҳича худро ба ҳар тараф мезад. Ҳасан онро ба дасташ гирифта зуд ба дарё партофт.

Аз ин воқеа чанд сол гузашт. Ҳасан бачаи калон шуд. Вай дар дарёи шӯх оббозӣ карда метавонист. Баҳор шуд. Оби дарё калон ва хатарнок буд. Ҳасан ба ин аҳамият надода оббозӣ карданӣ шуд. Вай худро ба об партофтан ҳамоно об ӯро ба пеш кашид. Ҳасан ҳис кард, ки ғарқ мешавад.

Дар ҳамин вақт чизе ӯро боло бардошт ва беозор ба тарафи соҳил бурд. Ҳасан зуд ба рӯйи замин баромад. Вай ҳайрон шуда ба сӯйи дарё назар андохта дид, ки моҳии калоне ба ӯ нигоҳ карда истодааст. Баъд моҳӣ ба сухан даромад:

— Ҳасан, ҳайрон нашав. Ман ҳамон моҳичаам, ки маро аз кӯлмак халос карда, ба дарё партофта будӣ. Ватани ман дарёст. Ман аз дарё ҷудо шуда наметавонам. Ту маро озод карда ба ватанам баргардондӣ. Некии ту аз хотири ман ҳеҷ намеравад. Ман ҳамеша орзу мекардам, ки ба ту ягон некӣ кунам. Ба ҳамин мақсад ҳар вақте ки ту оббозӣ мекардӣ, ман туро посбонӣ мекардам. Имрӯз туро аз ғарқ

шудан халос кардам. Ба нағзият нағзӣ кардам. Некӣ кунӣ, некӣ хоҳӣ дид.

## Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояро ифоданок хонед. Ба он сарлавҳаи дигар гузоред ва мазмунашро нақл карда диҳед.
2. Ҳасан чаро ба Моҳича нағзӣ кард?
3. Ҳасанро аз ғарқшавӣ чӣ халос кард?



## *Дарси 71.*

### КАСЕ НАГУФТ «РАҲМАТ»

Моҳигир аз уқёнус
Моҳӣ кашад шабу рӯз.
Бо мошини салибдор
Духтур кашонад бемор.
Конкан аз зери кӯҳ
Кашонад тиллову рӯҳ.
Мекашад модар, падар,
Дар мағзи дилу ҷигар
Бори ғами писарон,
Дарди дили духтарон...
«Раҳмат!» — гӯянд одамон,
Ба ин хел кашон-кашон.
Аммо ба кори Аҳмад
Касе нагуфт «раҳмат».
«Раҳмат ба меҳнати ӯ,
Азобу заҳмати ӯ».
Вай на чӯбу тахтакаш,
На ангишту пахтакаш.

http://eduportal.uz

На сементу занбаркаш,
Балки фақат — хабаркаш!

*Наримон Бақозода*

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ифоданок хонед. Мазмуни онро нағз фаҳмида гиред.
2. Аҳмад чӣ кори ношоиста кардааст? Дар ин бора фикри Шумо чист?

## Дарси 72.

### ДУМ

Гап-гапе дар мактаб шуд,
Думи Турғунҷон гап шуд.
Чӣ гуна дум, ҳайронам,
Оё дум дорад одам?
Баъди чанде шуд маълум,
Ки ноаён аст ин дум...
«2» гуфтанӣ ном дорад,
Турғунро ба ваҳм орад.
Ин қадри дониши ӯст,
Баҳои хониши ӯст...
Дум ҳам нагӯ, ки зинҳор,
Дум ҳам аз он дорад ор.
Паррандаҳо нафаҳманд,
Даррандаҳо нафаҳманд.
Гар фаҳманд, аз Турғунҷон
Рӯ мегардонанд онон.
Чун ҳар яке ба худ хос
Бар қадду бhistoricalасташон мос...



http://eduportal.uz

Ба мурғон дар паридан,
Ба ҳайвон дар чаридан,
Ба ҷонварони бисёр
Дар кору гаштугузор
Думи зебо зарур аст,
Ба ҷонашон ҳузур аст.
Аммо думи Турғунҷон
Ба кӣ лозим, бачагон?!

*Қуддус Муҳаммадӣ*

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро бо диққат хонед.
2. Дум дар чиҳо мешавад? Магар одам ҳам дум дорад?
3. Думи Турғунҷон чӣ гуна будааст?
4. Аз мазмуни шеър чӣ гуна хулоса баровардед?



## *Дарси 73.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ТЕСТҲО

**1. Шеъри «Панди китоб» ба қалами кадом шоир мансуб аст?**

А) Убайд Раҷаб; Б) Наримон Бақозода;
В) Алӣ Бобоҷон.

**2. Номи қаҳрамони ҳикояи «Киса»-ро ёбед.**

А) Зоҳир; Б) Нурмат; В) Исмат.

http://eduportal.uz

**3. Чаро ба қаҳрамони шеъри «Касе нагуфт, раҳмат»-и Наримон Бақозода — Аҳмад, касе раҳмат нагуфт?**

А) Чунки вай хасис буд;
Б) Чунки вай чизе намекашонд;
В) Чунки вай хабаркаш буд.

**4. Номи қаҳрамони шеъри «Дум»-и Қ. Муҳаммадиро ёбед.**

А) Аҳмад; Б) Ҳасан; В) Турғунҷон.

# *Фасли 8.* АЗ ХИРАДМАНДОН ХИРАД ОМӮХТАМ, АЗ БУЗУРГОН ҲИЛМУ ИЛМ АНДӮХТАМ



http://kitobxon.portal.uz

# БУЗУРГОНИ КИШВАРИ МАН



Ал-Хоразмӣ



Бобур



Абӯрайҳони Берунӣ



Абӯалӣ ибни Сино



Садриддин Айнӣ

http://eduportal.uz

*Дарси 74.*

## АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ



Абулқосими Мансур бинни Ҳасани Фирдавсӣ шоири бузурги асри X мебошад. Ӯ соли 932 дар шаҳри Тӯс дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст. Фирдавсӣ бузургтарин достонсарои халқи мост. «Шоҳнома»-и безаволи ӯ 60 ҳазор байтро дар бар мегирад. Ба навиштани «Шоҳнома» аввал шоир Дақиқӣ пардохта буд, вале ин корро тамом накарда вафот мекунад. Фирдавсӣ ин корро бомуваффақият анҷом медиҳад. Вай ин асари бузургашро ба шаҳри Ғазнин ба пеши шоҳ Султон Маҳмуд мебарад. Азбаски Султон Маҳмуд ба осори қаҳрамононаи гузаштаи халқи мо нописандӣ дошту барои худ «Шоҳнома»-и махсус мехост, асари ба ситоиши таърихи кӯҳан бахшидаи Фирдавсиро ба хубӣ қабул накард. Фирдавсӣ аз ин ранҷида, дар ҳаққи Султон Маҳмуди ҳақношинос ҳаҷвияи сахте навишт. Шоҳ Султон Маҳмуд фармуд, ки Фирдавсиро дастгир намуда, ба зери пойҳои филҳо партоянд. Шоири ҷасур аз маконе бар маконе сарсону овора мегашт. Фирдавсии бузургвор соли 1020 вафот мекунад.

«Шоҳнома» асарест, ки Фирдавсӣ ба воситаи он таърихи чандинасраи гузаштаи халқи моро зинда кардааст. Дар асар, махсусан, ғояҳои қаҳрамонию ватандӯстӣ, халқпарварӣ ва ахлоқию адабӣ хеле пурқувват аст. «Шоҳнома» аз

се қисм иборат буда, дар қисми аввали он афсонаю ривоятҳои гуногун, дар қисми дуюмаш достонҳои қаҳрамонӣ ва дар қисми сеюмаш достонҳои таърихӣ дохил карда шудаанд. Дар асар ғояи ватандӯстӣ ва халқпарварӣ ниҳоят пурқувват мебошад. Ҳама қаҳрамонҳои мусбати «Шоҳнома» Ватани хешро аз ҷонашон ҳам бештар азизу гиромӣ медоранд ва баҳри озодию беҳбудии аҳволи он мубориза мебаранд.

### Савол ва супоришҳо

1. Абулқосими Фирдавсӣ кӣ буд?
2. «Шоҳнома»-и шоир чӣ гуна асар аст?
3. Чаро Султон Маҳмуд «Шоҳнома»-ро написандид?



## Дарси 75.

## ПАНДҲОИ «ШОҲНОМА»

Ҳама гӯш сӯи хирадманд кун.

* * *

Бад ояд ба мардум зи кирдори бад.

* * *

Ҳамеша хирад бодат омӯзгор.

* * *

Маёзор ҳаргиз равони падар,
Агарчанд аз ӯ ранҷат ояд ба сар.

* * *

Наёяд зи марди хирад кори бад.

* * *

Сари бехирад чун тани беравон.

http://eduportal.uz

* * *

Аз дониш афзун шавад обрӯй.

* * *

Ҳунар беҳтар аз гавҳар ояд падид.

* * *

Бузург он ки ҷуз тухми некӣ накишт.

* * *

Ба гетӣ ҷуз аз тухми некӣ макор.

* * *

Агар нек бошӣ, бимонад-т ном.

* * *

Маҷӯед озори ҳамсоягон.

**Савол ва супоришҳо**

1. Пандҳои Фирдавсиро бо диққат хонед.
2. Пандҳои ба худатон маъқулшударо аз ёд кунед.
3. Пандҳои болоӣ ба кадом мавзӯъҳо бахшида шудаанд?

## *Дарси 76.*

## АБӮИСО АТ-ТИРМИЗӢ



Абӯисо ат-Тирмизӣ соли 824 дар Термиз чашм ба дунё кушодааст. Вай аз оилаи камбағал буда, онҳо фақирона ҳаёт ба сар мебурданд. Давраи бачагии Абӯисо дар зодгоҳаш гузаштааст. Маълумоти ибтидоиро низ дар ҳамон ҷо гирифтааст. Ат-Тирмизӣ аз хурдсолиаш бо зеҳни

http://eduportal.uz

тез, хотираи мустаҳкам ва иродаи қавиаш аз ҳамсолонаш фарқ карда меистод. Вай ба донишандӯзӣ, хусусан ба омӯхтани илми ҳадис шавқи беандоза дошт. Аз бисёр устодон таълим гирифтааст. Вай солҳои дароз дар Ироқ, Исфаҳон, Хуросон, Макка ва Мадина зиндагӣ ва эҷод намудааст. Соли 892 дар Буғ ном яке аз деҳаҳои наздики Термиз вафот кардааст.

Ат-Тирмизӣ оид ба соҳаҳои гуногуни илмҳои замонааш зиёда аз 10 асар навишта будааст. Афсӯс ки бисёрии онҳо то ба мо расида наомадаанд. Асари машҳуртарини ат-Тирмизӣ «Ал-ҷомеъ» («Ҷамъкунанда») ном маҷмӯаи ҳадисҳо мебошад. Китоби мазкур дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Муҳаммад пайғамбар (с), нишондодҳои динӣ-ахлоқии ӯ мебошад. Вай бо номи «Суннан ат-Тирмизӣ» («Ҳадисҳои ат-Тирмизӣ») машҳур гаштааст ва баъди Қуръони карим дар радифи машҳуртарин шаш маҷмӯаи ҳадис меистад.

Қабри дар Тирмиз будаи муҳаддиси машҳур ба зиёратгоҳ табдил ёфтааст.

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ӯзбекистон»*

## Намунаҳо аз ҳадисҳои ҷамъовардаи ат-Тирмизӣ

1. Ба роҳгумкардагон роҳи ростро нишон додан ҳам садақа аст.

2. Ба камбағалон хушмуомила буданат ҳам садақаи ту мебошад.

3. Ду чиз ҳаст, ки бисёр кас ба қадри онҳо намерасад: якеаш — саломатӣ, дуюмаш — вақти холӣ.

4. Агар ягон кас як ниҳол шинонад ва ё кишт кунаду аз ҳосили он одамон, парандагон ва ҳайвонҳо баҳра гиранд, ин ҳам барои он одам садақа ҳисоб меёбад.

5. Одаме, ки бо хешу ақрабояш алоқаро кандааст, ба ҷаннат дохил намешавад.

### Савол ва супоришҳо

1. Аттирмизӣ кӣ буд? Бачагии ӯ чӣ гуна гузаштааст?
2. Муҳаддиси машҳур кадом асарҳоро навиштааст?
3. Аз ҳадисҳои болоӣ кадомҳояш ба шумо маъқул шуд? Чаро?
4. Шумо боз кадом ҳадисҳоро медонед?

## Дарси 77.

# ИБНИ СИНО



Номи ин донишманди бузург Ҳусайн бинни Абдулло бинни Сино буда, лақаби илмиаш Шайхурраис (сардори бузург) аст, ки дар Аврупо бо номи Авитсена шӯҳрат пайдо кардааст.

Падари Абӯалӣ Абдулло бинни Сино ном яке аз фозилони Балх буда, дар замони ҳукумати Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ аз Балх ба Бухоро омад. Дар деҳаи Афшонаи Ҳурметан (Рометан) хонаю ҷо сохта ва аз он деҳа ба Ситорабону ном як духтар хонадор шуд.

Абӯалӣ соли 980 дар деҳаи Афшона чашм ба дунё кушодааст.

Дар вақти 5-сола шудани Абӯалӣ оилаи онҳо ба Бухоро кӯчида меоянд. Вай то даҳсолагӣ дар мактаби ибтидоӣ хонд, хату савод баровард, Қуръонро омӯхт, бо забон ва адабиёт шиносоӣ пайдо кард. Баъди таҳсили ибтидоӣ Абӯалӣ илмҳои ҳисоб, фиқҳ, мантиқ, ҳикмат, илоҳиёт, ҳандаса ва ғайраҳоро аз олимони замонааш омӯхт. Вай дар давраи таҳсил ба илми тиб рағбат пайдо кард, китобҳои ба илми тиб мансубро мутолиа мекард ва аз тарафи дигар беморонро муолиҷа менамуд. Ба ҳамин тариқа, дар 16-солагиаш Ибни Сино ҳамчун табиби пурдон машҳур ва азизи халқ гашт.

Дар 18-солагиаш амири Бухоро Нӯҳ бинни Мансур ба касалии сахт мубтало гашт. Тамоми табибони мамлакат ба по хестанд, лекин ба дарди амир даво пайдо карда натавонистанд. Ибни Сино амирро табобат кард. Ба ивази хизматаш на молу давлат, балки аз китобхонаи давлатӣ истифода бурданро пурсидааст. Таъкид мекунанд, ки Ибни Сино тамоми китобҳои он китобхонаи машҳурро дар як муддати кӯтоҳ хонда баромадааст.

Аз Ибни Сино асарҳои бисёре ба мо мерос мондааст. Машҳуртарини онҳо инҳоянд: «Шифо», «Алқонун», «Донишнома», «Зафарнома».

Ибни Сино соли 1037 дар Ҳамадон вафот кардааст.

## Савол ва супоришҳо

1. Ибни Сино дар куҷо таваллуд шудааст? Дар бораи падар ва модари ӯ чиҳо медонед?
2. Ибни Сино таҳсили ибтидоиро дар куҷо гирифтааст? Баъди таҳсили ибтидоӣ ба омӯхтани кадом илмҳои замонааш камар бастааст?
3. Муносибати Ибни Сино ба илми тиб чӣ гуна буд?
4. Аз Ибни Сино ба мо кадом асарҳо мерос мондааст?

***Дарси 78.***

# ҲИКОЯТҲО ДАР БОРАИ ИБНИ СИНО

## 1

Рӯзе подшоҳ дар зери курсие, ки дар ҳузури ӯ одатан Ибни Сино бар он менишастааст, як тахта коғазро аз зери қолин паҳн кунонда мондааст.

Вақте ки Ибни Сино ба ҳузури подшоҳ омада, бар он курсӣ нишастааст, баъд аз бо тааҷҷуб ба сақфу замини хона назар андохтан ба подшоҳ нигоҳ карда гуфтааст:

— Имрӯз ё шифти хона қадаре паст шудааст ва ё ин ки заминаш андаке баланд, зеро фазои хона аз ҳаррӯза ба назарам қадаре тангтар менамояд.

## 2

Дар вақти тифли навзод будани Абӯалӣ модараш ӯро ба лаган андохта шустушӯ кардааст. Дар вақти шустушӯ ангуштарини пурбаҳои модар ба даруни лаган афтода, бо



http://eduportal.uz

рехтани оби вай он ангуштарин ба обрез рафтааст.

Модар, ки аз ин ҳол бехабар будааст, баъд аз хабардор шуданаш аз гум шудани ангуштарини худ канизаки худро ба дуздӣ тӯҳмат карда, ӯро зарбу лат кардааст. Албатта, ангуштарин аз канизак ёфт нашудааст.

Абӯалӣ калонтар шуда, ҳамин ки ба забон омадааст, модари худро таъна карда гуфтааст:

— Ту дар вақти гум кардани ангуштаринат беҳуда аз канизак бадгумон шуда будӣ ва ҳол он ки ангуштаринат бо оби лаган ба обрез рафта буд.

Ҳамин ки обрезро кофта дидаанд, ангуштарин аз он ҷо ёфт шудааст ва сухани Абӯалии навзабон рост баромадааст.

**Савол ва супоришҳо**

1. Ҳикояҳоро хонед. Мазмунашро нақл карда диҳед.
2. Дар кадом ҳикоя пурзӯр ва мустаҳкам будани хотираи Ибни Сино ифода ёфтааст?



## *Дарси 79.*

## АМИР ТЕМУР



Амир Темур яке аз арбобони беназири давлатии асри миёна, саркардаи бузург, асосгузори давлати пурқувват ва марказикунонидашуда, васоятгари илму фан ва маданият мебошад. Номи пурраи ӯ Амир Темур ибни Амир Тарағай ибн Амир Барқул буда 9-уми

априли соли 1336 дар шаҳри Кеш (шаҳри ҳозираи Шаҳрисабз) чашм ба дунё кушодааст.

Модари Амир Темур Такина хотун аз Бухоро мебошад. Падари ӯ амир Тарағай аз оқсақолони авлоди Барлос буд.

Айёми бачагии Амир Темур дар Кеш гузаштааст. Дар ҳафтсолагӣ падараш ӯро ба хондан медиҳад. Вай дар баробари азбар намудани илмҳои замонааш бо аспдавонӣ, найзапарронӣ, шамшерзанӣ ва тирпарронӣ низ махсус машғул шудааст.

Рӯзе аз рӯзҳо Амир Тарағай ба писараш Темурбек бисёр гӯсфанд дод ва ӯро ба бозори Самарқанд фиристод. Темурбек гӯсфандҳоро ба ҳазор тилло фурӯхт ва дар бозор сайр карда мегашт. Ногоҳ овози хуши дарвеше ба гӯшаш расид, ки ба одамон ривоятҳо мегуфт. Дар дасти ӯ коғази шеърнавишташудае буд. Вай ба мардум муроҷиаткунон мегуфт:

— Касе, ки ба қадри ин хат расида онро ба ҳазор тилло мегирад, ба охири дунё мерасад.

Ҳиммати Темурбек ҷӯш зад ва ӯ ба дарвеш ҳазор тиллоро дод. Дарвеш ба ӯ бо диққат нигаристу наслу насабашро пурсид. Сонӣ таъкид кард:

— Ба назди падарат рав. Инро дар назди падарат хон, дар роҳ нахон.

Темурбек коғазро оварда ба падараш дод. Кушода хонданд. Дар он: «Бо зулм дар дунё ном гузошта намешавад. Ҷамшед, Сулаймон, Искандарҳо гузашта рафтанд. Навбат ба ту ҳам

мерасад. Ту ки ба дунё омадӣ бо некӣ ном гузор» — навишта шуда буд.

Муаллифи ин гапҳо шоири машҳури он замон Камоли Хуҷандӣ будааст. Ин алломаи замонро падари Темурбек сахт ҳурмат мекардааст.

— Офарин, писарам, ба кори ниҳоят нағз тиллоҳоро сарф кардӣ. Акнун ту ба ин ҳикматҳои ба ҳазор тилло гирифтаат риоя карданат лозим.

Гуфтаҳои падари бузургашро Темурбек бо таъзим қабул кард ва тамоми умр ба он риоя намуда фаъолият бурд.

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ӯзбекистон»*

### Савол ва супоришҳо

1. Дар бораи Амир Темур чиҳо медонед?
2. Падар ва модари ӯ киҳо буданд?
3. Темурбекро падараш барои чӣ ба бозор фиристод?
4. Аз дарвеш Темурбек чӣ харид кард?

## Дарси 80.

## ПАНДҲОИ АМИР ТЕМУР

### Дар бораи дӯстӣ

1. Одами нағзро дар рӯзи бад санҷ.
2. Дӯсти босадоқат ва вафодор дӯсти худро намеранҷонад.
3. Аз душман натарс, аз мунофиқ тарс.
4. Тирзани моҳир дар шикор, паҳлавон дар ҷанг маълум мегардад.
5. Бе якдилӣ қувва намешавад.



http://eduportal.uz

## Дар бораи адл ва адолат

1. Як калима сухани ширин шамшерро ба ғилоф медарорад.
2. Қувват — дар адолат.
3. Сафед бошӣ, қасам нахӯр.
4. Забон аз шамшер тез аст.
5. Натарсӣ, душман мегурезад.
6. Ба сарат шамшер ояд ҳам рост гӯй.

**Савол ва супоришҳо**



1. Пандҳои Амир Темурро бо диққат хонед ва аз ёд кунед.

***Дарси 81.***

## САЪДИИ ШЕРОЗӢ



Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ соли 1189 дар Шероз ба дунё омадааст. Пас аз таҳсили ибтидоӣ дар мадрасаи «Низомия»-и Бағдод хондааст. Аз ҷавонӣ ба навиштани ғазалҳо шурӯъ карда, ба зудӣ ном баровардааст.

Саъдӣ сайру саёҳати бисёре карда, аксарият шаҳрҳои Эрону Арабистонро давр задааст. Ӯ ҳангоми сафар бо одамони гуногун вохӯрда, бо ҳаёту зиндагӣ, урфу одат ва ахлоқи табақаҳои ҳархелаи аҳолӣ шиносо гардидааст. Вай зиндагиро хеле чуқур ва ҳартарафа омӯхта, таҷрибаи фаровон ҳосил кардааст. Натиҷаи ҳамаи инҳост, ки ӯ ба гирд кардан ва дар шакли китобе даровардани малака ва донишҳои

худ кӯшиш намудааст. Дар натиҷа ду асари бузурги худ — «Бӯстон» ва «Гулистон»-ро ба вуҷуд овардааст. Саъдии Шерозӣ умри зиёд дидааст ва дар пирӣ вафот кардааст.

«Гулистон»-и Саъдӣ асари баландмазмуни ахлоқист. Қариб ҳамаи навиштаҷоти муаллиф ҳикматангез ва панду андарзианд. Гуфтан мумкин, ки ин асар худ як мактаби бузурги донишҳои ахлоқӣ буда, барои тамоми асру замонҳо аҳамияти калони тарбиявӣ пайдо кардааст. Аз ҳикоят ва шеърҳои китоб ҳар як шахс лаззати маънавию эстетикӣ гирифта, одоби хуш, фазилатҳои нек ва қаҳрамонию диловарӣ хоҳад омӯхт.

*Холиқ Мирзозода*

### Савол ва супоришҳо

1. Саъдии Шерозӣ дар куҷо таваллуд шудааст?
2. Вай чаро бисёр саёҳат кардааст?
3. Асарҳои ӯро номбар кунед.
4. «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?

## Дарси 82.

# ҲИКОЯТ АЗ «ГУЛИСТОН»

Аз Ҳотами Той пурсиданд:

— Аз худат бузургҳимматтар касеро дар ҷаҳон дидаӣ ё шунидаӣ?



http://eduportal.uz

Ҳотами Той гуфт:

— Бале. Рӯзе чил шутурро кушта одамонро даъват намудам ва худоӣ кардам. Бо коре ба саҳро баромадам ва ҳезумфурӯшеро дидам, ки як пушта ҳезум дар пушт мерафт. Ба ӯ гуфтам: — Ба меҳмонии Ҳотами Той чаро нарафтӣ, дар он ҷо халқе ҷамъ омадаанду меҳмони азизи ӯ шудаанд.

Гуфт:

— Ҳар касе, ки нон аз паси меҳнати худ хӯрад, ҳоҷати миннати Ҳотами Тойро кашидан намемонад.

Ман ӯро ба ҳиммату ҷавонмардӣ аз худ болотар дидам.





http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Шумо аз ҳикояти якум чӣ хулоса баровардед?
2. Дар ҳикояти дуюм Ҳотами Той чаро ҳезумфурӯшро дар ҳиммат аз худаш болотар донистааст?
3. Чаро ҳимматбаландиро яке аз хислатҳои неки инсонӣ ҳисоб мекунанд?

### Дарси 83.

## АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ



Абдураҳмони Ҷомӣ соли 1414 ба дунё омадааст. Таълими ибтидоиро аз падар гирифта ва пас дар мадрасаи «Низомия»-и Ҳирот таҳсил намуда, илмҳои гуногуни замонро аз худ кардааст. Махсусан, маҳорати илмии Ҷомӣ ҳангоми дар мадрасаи Улуғбеки Самарқанд хонданаш хеле пеш рафта, ӯ аз устодон ва донишмандони замон гузаштааст. Ҷомӣ сайру сайёҳати бисёре кардааст ва таҷрибаи фаровон ҳосил намудааст. Вай ҳамчун пири хирад ва муаллими ахлоқ дар замонаш обрӯю эҳтироми бузурге доштааст. Ин аст, ки ӯ шогирдони зиёде тарбия намудааст ва мухлисонаш дар тамоми Хуросону Мовароуннаҳр ҳамеша ба ҳурматаш кӯшидаанд.

Алишери Навоӣ яке аз беҳтарин дӯстони Ҷомӣ будааст ва онҳо ҳамроҳ дар бобати мустаҳкам шудану пеш рафтани дӯстии байни халқҳои тоҷику ӯзбек дар асри XV ва инкишофи

илму ирфон, санъату адабиёт ва маданияти халқ хеле кӯшишу ғайрат ба кор бурдаанд. Ҷомӣ соли 1492 дар Ҳирот вафот кардааст.

Ҷомӣ асарҳои бисёре навиштааст. Анъанаи «Хамса»-нависиро такомул дода, бо номи «Ҳафт авранг» ҳафт асари баландмазмун таълиф кардааст. Се девони ғазалиёт дорад. «Баҳористон»-и ӯ низ аҳамияти бузурги тарбиявиро дорост. Ҷомӣ беҳтарин мавзӯъ ва мазмунҳои пешинаро инкишоф дода, ғояҳои баландмазмуни хирадмандонаро кашф карда, орзуи романтикии шоҳи одилу оқил ва дунёи неку амониро пеш рондааст, ки хеле ҷолиби диққатанд.

*Аълохон Афсаҳзод*

### Савол ва супоришҳо

1. Абдураҳмони Ҷомӣ дар куҷо таваллуд шуда, таҳсили илм кардааст?
2. Яке аз дӯстони Ҷомӣ кӣ буд?
3. Шоири маъруф ба мо чӣ гуна асарҳоро мерос гузоштааст?

## Дарси 84.

## ҲИКОЯТҲО АЗ «БАҲОРИСТОН»

### Ҳикояти якум

Мӯреро диданд ба зӯрмандӣ камар бастааст ва малахеро, ки даҳ баробари худаш меояд, бардошта рафта истодааст. Ба ҳайрат афтода гуфтанд:



http://eduportal.uz

— Ин мӯрро бинед, ки бо ин ҷуссаи хурд бори гаронеро мекашонад.

Мӯр ин суханро шунида бихандид ва гуфт:

— Мардон борро бо қувваи ҳиммат бардоранд, на бо қувваи тан.

## Ҳикояти дуюм

Каждуми заҳрдоре азми сафар кард. Ногоҳ аз пешаш ҷӯи калоне баромаду гузашта натавонист. Сангпуште ин ҳолро дида ба каждум раҳмаш омад ва ӯро ба пушташ савор карда аз об гузаронидани шуд. Каме шино карда буд, ки овозе ба гӯшаш расид. Вай аз каждум пурсид:

— Ин овози чӣ аст?

— Ин овози неши ман аст, ки ба пушти ту мезанам. Ҳарчанд кӯшиш мекунам, лекин нешам ба пуштат намехалад. Инро медонам, лекин одатам, ки неш задан аст, аз он даст кашида наметавонам, — ҷавоб додааст каждум.

Сангпушт бо худ гуфт, ки нағз мешуд ин бадкорро аз ин одаташ халос кунам ва неконро низ аз осеби ӯ бираҳонам. Инро гуфту ба об як ғӯта зад. Каждум ба об ғарқ шуда рафт. Ҷазои бадкорон ҳамин аст.

### Савол ва супоришҳо

1. Ҷомӣ дар ҳикояти якум чиро таъкид намудааст?
2. Аз ҳикояти дуюм кадом қаҳрамон ба Шумо маъқул шуд? Чаро?
3. Дар хона ҳикоятҳои мазкурро ифоданок хонда оед.

# *Дарси 85*. ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ

## ТЕСТҲО 

**1. Муаллифи «Шоҳнома»-ро ёбед.**

А) Ибни Сино; Б) Саъдии Шерозӣ;
В) Абулқосими Фирдавсӣ.

**2. Муаллифи «Гулистон»-ро ёбед.**

А) Абдураҳмони Ҷомӣ; Б) Ибни Сино;
В) Саъдии Шерозӣ.

**3. Муаллифи «Баҳористон»-ро ёбед.**

А) Абдураҳмони Ҷомӣ; Б) Ибни Сино;
В) Саъдии Шерозӣ.

**4. Асари Ат-Тирмизиро нишон диҳед.**

А) «Шоҳнома»; Б) «Ал-қонун»; В) «Ал-ҷомеъ».

**5. Асари Ибни Синоро ёбед.**

А) «Шоҳнома»; Б) «Ал-қонун»; В) «Ал-ҷомеъ».

**6. Кадоме аз адибони зер табиби ҳозиқ низ буд?**

А) Ибни Сино; Б) Ат-Тирмизӣ;
В) Абдураҳмони Ҷомӣ.



http://eduportal.uz

# *Фасли 9.* НАВРӮЗИ НАВБАҲОРОН, ОМАД БА МУЛКИ МОЁН



## *Дарси 86.*

### БАҲОР ОМАД

Баҳор. Фасли зеботарини сол аст. Фасли мазкур моҳҳои март, апрел ва майро дар бар мегирад. Дар ин фасл табиат гӯё аз нав эҳё гашта, ба худ либоси сабз мепӯшад. Рӯзҳои хунуки зимистон гузашта, рӯзҳои форами баҳор сар шуда, ҳаво оҳиста-оҳиста гарм мешавад. Нурҳои офтоб ба зудӣ барфҳоро об мекунад. Ҳама ҷо аз барф тоза шуда, ҳатто дар ҷойҳои офтоб намерасидагӣ ҳам барф об шудан мегирад. Аз рӯйи заминҳои навакак аз барф тозашуда буғ баромада меистад. Дар лаби ҷӯйҳо ва дар саҳроҳои васеъ алаф сабзида, манзараи онҳо рӯз то рӯз хубтар ва зеботар мешавад. Фасли баҳор фасли оғози меҳнат низ ба ҳисоб меравад. Дар ин вақт одами бекорро



http://eduportal.uz

ёфтан душвор мешавад. Ҳатто хазандаю паранда, ҳайвоноту наботот низ ба ҷунбиш меоянд. Махсусан, фермерҳои пахтакор дар заминҳои хеш корро хеле барвақт сар мекунанд. Дар аввалҳои март тракторҳо майдонҳои тирамоҳ шудгор кардашударо аз сари нав меронанд, поруҳои рехташударо ба хок омехта мекунанд.

Дар майдончаҳои обчакорӣ ба киштукори картошка, сабзӣ, пиёз, карам, шалғамча, турб, помидор ва амсоли инҳо низ аз аввали баҳор кор оғоз мегирад. Аз ҳама пештар гармхонаҳо ба кор медароянд. Аз аввалҳои моҳи феврал сар карда дар гармхонаҳо тухмҳои сабзавотҳои гуногунро мекоранд. Аз миёнаҳои март то миёнаҳои апрел онҳоро бо навбат кӯчонда, ба ҷойҳои васеи пешакӣ тахт кардашуда қатор-қатор мешинонанд.

## Савол ва супоришҳо



1. Фасли баҳор кадом моҳҳоро дар бар мегирад?
2. Фасли баҳорро чаро фасли оғози меҳнат низ мегӯянд?

***Дарси 87.***

## МАНЗАРАҲОИ БАҲОР

Ғуррид тундар*
Тарсуро тарсонд,
Нотарсҳоро

Офаринҳо хонд...
Ғуррида гуфто:
Бароятон ман

---

* *тундар* — тундур, раъду барқ.

http://eduportal.uz

Баҳор овардам...
Нозанин Замин
Гардид бедор...
Дар паҳлӯи худ
Баҳорро дид...
Бар сари ҳар гул
Нишаста бедор,
Булбули хушхон
Дар боғу гулзор.
Баҳор оддӣ нест,

Соҳира* аст он,
Аз хандаи ӯ
Гулзор хандон.
Аз гиряи ӯ
Абр аст гирён...
Олам гулистон.
Мегӯем аҳсан
Баҳори худро,
Баҳори хуби
Диёри худро!

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Дар шеър чӣ гуна манзараҳои баҳор тасвир гаштааст?

## *Дарси 88.*

## НАВРӮЗ

Наврӯз яке аз маросимҳои қадимтарин буда, дар байни халқҳои Шарқи Миёна ҳамчун ҷашни сари сол — ҳамчун иди Соли нав қайд карда мешавад. 21-уми март шабу рӯз баробар мешавад. Ҳавои хунуки зимистон ақибнишинӣ карда, ҷойи онро ҳавои мӯътадили баҳорӣ мегирад. Дар чӯлу биёбонҳо сабзаҳо неш мезананд. Замин фарорасии вақти киштукорро ба деҳқонбобо хабар медиҳад.

---

* *соҳира* — сеҳрнок.

http://eduportal.uz

Дар аксар маҳалҳои Осиёи Миёна ба истиқболи Наврӯз хонаҳою рӯйи ҳавлиҳо рӯбучин карда мешуданд, занону духтарон худро оро медоданд, мардон, ҷавонон, кӯдакон либосҳои нав мепӯшиданд. Одамон зарфҳоро аз оби борон пур карда менӯшиданд ва худро бо об мешустанд. Духтаракон бо сари луч дар зери борон истода суруд мехонданд:

Борони ҳамал,
Ба мӯям амал.
Мӯям дароз кун,
Дарозу соз кун...

Шаби 21-уми март одамон бо аҳли оилаи худ дар гирди дастархони наврӯзӣ ҷамъ шуда, хонаҳоро бо гулҳои рангоранг оро медоданд. Дар рӯйи дастархони наврӯзӣ ҳар гуна хӯрокҳои болаззат, самбӯсаҳои алафину шириниҳои бисёр гузошта мешуданд.

Дар арафаи Наврӯз одамони бо ҳамдигар қаҳрӣ оштӣ мешаванд. Ҳама гуна кинаю воқеаҳои нохуш фаромӯш шуда, сулҳу салоҳ пеш гирифта мешавад. Дар ин айём одамон аз аҳволи пиронсолон, касалу маъюбон, одамони танҳо тез-тез хабар мегиранд.

*Аз «Энсиклопедияи Миллии Ӯзбекистон»*

## Савол ва супоришҳо

1. Матнро бо диққат хонда бароед.
2. 21-уми март чӣ хосият дорад?



http://eduportal.uz



Рӯзи Наврӯз аст, айёми баҳор,
Гул шукуфта, гашт олам лолазор.

3. Наврӯз дар кишвари мо чӣ гуна ҷашн гирифта мешавад?
4. Шумо ҳангоми оростани дастархони наврӯзӣ иштирок кардаед?
5. Иди Наврӯзро Шумо чӣ гуна ҷашн гирифтед, нақл карда диҳед.



http://...tal.uz

## *Дарси 89.* СУРУДҲОИ БАҲОРӢ

### СУМАЛАК

*(Халқӣ)*

Бӯи баҳор аст сумалак,
Оши наҳор аст сумалак,
Аз гули гандум сумалак,
Хӯрдани мардум сумалак.
Оҳо гули шафтолу,
Қоқо гули шафтолу.
Оши ширин аст сумалак,
Мисли биринҷ аст сумалак,
Аз ҳама нағз аст сумалак,
Ҳам пури мағз аст сумалак.
Оҳо гули шафтолу,
Қоқо гули шафтолу.
Хӯрдани хубон сумалак,
Ба ҳар дард дармон сумалак,
Ба обу тоб аст сумалак,
Хӯрданба боб аст сумалак.
Оҳо гули шафтолу,
Қоқо гули шафтолу.
Ошаки нав аст сумалак,
Сабзаи нав аст сумалак,
Бӯи баҳорак сумалак,
Майсаи кабутак сумалак.
Оҳо гули шафтолу,
Қоқо гули шафтолу.

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ба истҳо риоя намуда ифоданок хонед.

http://eduportal.uz

2. Сумалак чӣ гуна таом будааст, сифатҳои онро номбар кунед.
3. Шеърро аз ёд кунед.

## САМБӮСАИ АЛАФИН

Биё, биё, дугона,
Берун баро аз хона.
Равем, алаф бичинем,
Гардем ба ин баҳона.

Ҳаво софу беғубор,
Сабза дамида бисёр.
Рӯидааст испаноҳ
Аз борони навбаҳор.

Қоқуи нав дамида,
Ҷағҷағи нав расида.
Майсаҳоро навозад
Насимаке вазида.

Чинем аз лаби ҷӯ
Пудинаҳои худрӯ.
Аз алафи тар пазем
Самбӯсаҳои хушбӯ.

Самбӯса — нони Наврӯз,
Муждарасони Наврӯз.
Самбӯсаи баҳорӣ
Зебад ба хони Наврӯз.

*Алӣ Бобоҷон*

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро бодиққат хонед.
2. Дар шеър кадом хусусияти фасли баҳор инъикос ёфтааст?
3. Самбӯсаҳо аз чӣ гуна растаниҳо пухта мешаванд?
4. Шумо чӣ гуна самбӯсаро дӯст медоред? Чаро?



## Дарси 90.

## ЧӮПОНПИСАР

Табиат аз хоб
Гаштааст бедор,
Сабза дамидаст
Дар дашту кӯҳсор.

http://eduportal.uz

Чун гул шукуфтаст
Чеҳраи чӯпон,
Аз сабза сер аст
Рамаи чӯпон...
Най менавозам,
Ҷон ҷӯраҳоям,
Рақседу хонед
Ғазал бароям!
Хурд астам, лекин
Соҳибҳунар ман.
Ҳайрон нагардед
Чӯпонписар ман!

Ин аст асоям,
Дар кӯҳсорон
Ӯ дасту пояст
Барои чӯпон.
Инаш саги ман,
Хайбар номи ӯст,
Ӯ ҳамроҳи ман
Медорамаш дӯст...
Чӯпон шуданро
Агар бихоҳед,
Марҳамат, ёрон,
Наздам биёед!

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро бо диққат хонда бароед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Ҳаёти чӯпонӣ бо кадом ҷиҳатҳояш шавқовар аст?
3. Шумо чӯпон шудан мехоҳед?

## Дарси 91.

## СУРУДИ БАҲОРӢ



Турна қатор омадааст!
Авҷу барор омадааст!
Шодӣ кунед, дӯстон,
Фасли баҳор омадааст!
Шодӣ кунед, дӯстон,
Фасли баҳор омадааст!

Шонабасар ҳудҳудак,
Ҳофизӣ сар мекунад,

https://eduportal.uz

Шишта ба шохи тутак,
Моро хабар мекунад.
Шодӣ кунед, дӯстон,
Фасли баҳор омадааст!

Дар сари бомаш малах,
Шишта бихонад суруд.
Он сурудаш мешавад,
Паҳн ба дашти кабуд.
Шодӣ кунед, дӯстон,
Фасли баҳор омадааст!

Омадӣ хуш, эй баҳор,
Мавсими дилхоҳи мо!
Бош мудом меҳмон
Дар дилу даргоҳи мо.
Шодӣ кунед, дӯстон,
Фасли баҳор омадааст!

*Наримон Бақозода*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Муайян кунед, ки дар шеър кадом сифатҳои баҳор инъикос гаштааст.



## *Дарси 92.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ЗАРБУЛМАСАЛҲО

1. Меҳнати баҳор пур кунад анбор.
2. Аввал кор, баъд гуфтор.



http://eduportal.uz

3. Аз бекор ҳама безор.
4. Кор кунӣ, дарё шавӣ,
Кор накунӣ, бӯрё шавӣ.
5. Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад.
6. Аз ҳаракат баракат.
7. То меҳнат накунӣ, санги сиёҳ лаъл нагардад.
8. То дастат наҷунбад, даҳонат намеҷунбад.

## Савол ва супоришҳо

1. Зарбулмасалҳоро бо диққат хонед ва мазмунашро дарёбед.
2. Дар онҳо кадом сифатҳои фасли баҳор ба забон гирифта шудаанд.



## ТЕСТҲО

**1. Фасли баҳор кадом моҳҳоро дар бар мегирад?**

А) феврал, март, апрел;
Б) март, апрел, май;
В) апрел, май, июн.

**2. Дар кадом рӯзи фасли баҳор шабу рӯз баробар мешавад?**

А) 20-уми май; Б) 21-уми март;
В) 20-уми март.

**3. Номи машҳуртарин таоми наврӯзиро ёбед.**

А) оши палав; Б) сумалак; В) шӯрбо.

http://eduportal.uz

**4. Шеъри «Суруди баҳорӣ» ба қалами кадом шоир мансуб аст?**

А) Мирсаид Миршакар; Б) Алӣ Бобоҷон;
В) Наримон Бақозода.

# *Фасли 10.* ТАБИАТ ДӮСТИ БЕМИННАТИ МОСТ, ТАБИАТ ХОСТГОРИ ШАФҚАТИ МОСТ

## *Дарси 93.*

### ТАБИАТРО ДӮСТ ДОРЕД ВА ҲИМОЯ КУНЕД!

Табиат бо ҳаёти инсон сахт вобаста мебошад. Вай инсонро мехӯронад, менӯшонад, мепӯшонад ва даво мекунад. Аз ин рӯ гуфта метавонем, ки инсон низ як ҷузъи табиати беканор мебошад. Инсон бе ҳаво ва об, бе канданиҳои фоиданок ва хок, бе олами растанию ҳайвонот зиндагӣ карда наметавонад. Барои ҳамин ҳам инсонро





http://eduportal.uz

лозим аст, ки табиатро дӯст дорад ва аз он хирадмандона истифода барад. Агар ба табиат зарари бисёр расад, мувозинати он вайрон мегардад. Дар натиҷа инсон низ зарар мебинад. Олимони табиатшинос таъкид мекунанд, ки инсон бояд табиатро ҳамеша ҳимоя намояд. Дар ҳамин ҳолат табиат низ ба инсоният беминнат хизмат мекунад.

Шинондан ва парвариш намудани ниҳолҳои дарахтони мевадор ва бемева, ҳимоя намудани растаниҳои гуногуну олами ҳайвонот низ ба барқарории табиати замини беканорамон ёрмандии калон мерасонад.

### Савол ва супоришҳо

1. Табиат ба мо чӣ медиҳад. Мо чаро ӯро дӯст медорем?
2. Мо барои ҳимоя намудани табиат чӣ корҳо карданамон лозим?
3. Шумо ниҳол шинондаед ё не?
4. Дар боғатон чӣ гуна дарахтони мевадор ва бемева ҳастанд?

## БАРРАЧАИ МАН

О, баррачеки масти ман,
Биё давон: дукур-дукур.
Ҷаву алаф ба дасти ман,
Биёву хӯр: кумур-кумур.
Наоӣ, медиҳам ба гов,
Ки мехӯрад: фашар-фушур.

Агар ба об ташнаӣ,
Ба ҷӯй дав: тапар-тупур.
Шикамчаат, ки сер шуд,
Ба рақс о: гусур-гусур.
Ба кишту гул даҳон занӣ,
Бузак барин шатар-шутур.
Шунида мон, ки мезанам,
Ба химчаҳо: тасар-тусур.

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

## Дарси 94.

# ШОҲИ ҶОНВАРОН

Чунон ки сайёҳон ҳикоят мекунанд, дар Африқо зуд шаб мешавад ва ҳамин ки торикӣ сар шуд, аз ҳар тараф ҳар хел овозҳо мебароянд.

Ногоҳ гӯё раъд гулдуррос мезанад. Ин садои наъракашии шер аст. Ин далели он аст, ки





http://eduportal.uz

шерҳо ба шикор баромадаанд. Зудтар оташ даргиронда гулхани калон афрӯхтан ва аз рӯйи эҳтиёт милтиқҳои шикориро тайёр карда мондан лозим меояд.

Шерҳо тӯда-тӯда шуда мегарданд. Онҳо пурқуввату чолок мебошанд. Шерҳо шомгоҳон якка ё бо оила-оилаю гурӯҳ-гурӯҳ (то 5—10-тогӣ) шуда шикор мекунанд. Шер баъзан ба одам низ ҳуҷум мекунад.

Шер шабона ба пушти девор омада, як чанг зада аз гардани барзагов мегираду вайро кашола карда ба он тарафи девор мегузаронад. Дар қишлоқҳои мо шағол ё рӯбоҳ мурғонро ҳамин хел дошта мебаранд.

Шерҳо дар даштҳо, буттазорҳо ва кӯҳҳо зиндагӣ мекунанд. Онҳо ҷуфт-ҷуфт — як нару як мода зиндагӣ мекунанд. Ғизои шер асосан оҳу, шоҳбарзагов, зебра, гавазн, чорвои хонагӣ ва инчунин парандаю хазандаҳо мебошад.

Шери нар ёли ғафси жӯлида дорад, афти шери мода бошад, ба гурба монанд буда, мӯйи баданаш тахту ҳамвор аст.

Бачаҳои шер ҳам монанди бачаҳои гурба зоида мешаванд, фақат шербачаҳо калон-калони фарбеҳ ва пӯстҳояшон холдор мебошанд.

## Савол ва супоришҳо

1. Шер чӣ гуна ҳайвон аст?
2. Онҳо дар куҷо зиндагӣ мекунанд? Хӯрокашон чӣ аст?

http://eduportal.uz

*Дарси 95.*

## БОҒИ МАКТАБАМОН

Хонандагони мактаби мо чанд сол пеш аз ин дар атрофи мактаб бисёр ниҳол шинонда буданд. Мо ҳар сол дар ин ҷо ниҳолҳои нав мешинонем. Ба ин кори мо Аҳмадбобо — боғбони мактабамон раҳбарӣ мекунад. Вай ба бачаҳо зери дарахтонро чӣ тарз побел намудан, ба дарахтон чӣ хел об доданро мефаҳмонад. Аз таҷрибаҳои худаш нақл карда медиҳад. Табиатдӯстони мактабамон аз Аҳмадбобо сирру асрори боғбониро ёд мегиранд. Ҳоло атрофи мактаби мо боғ шудааст ва зиёда аз ҳазор бех ниҳоли мева дорад.

Табиатдӯстони мактабамон дар боғ соли дароз кор карда, ба дарахтон нигоҳубин мекунанд.

Дар боғи мактаб дарахтони шафтолу, биҳӣ, себ, олуча, гелос ҳосил медиҳад. Дар боғ





http://eduportal.uz

инчунин чанд бех ток ҳаст, ки мо аз вай ҳар сол ҳосили фаровони ангур ба даст меоварем. Вақте ки мавсими ангурканӣ расид, мо ба он тайёрии махсус мебинем. Як нафар аз хонаашон сабад, дигаре сатил меорад. Ангурҳоро канда ба рӯйи ҳавлии мактабамон дар офтобрӯя паҳн мекунем. Ҳар рӯз ангурҳои паҳнкардашударо бо навбат рӯгардон мекунем ва мавизҳои хушкшударо ғундошта мегирем.

### Савол ва супоришҳо

1. Матнро хонед ва нақл карда диҳед.
2. Дар боғи мактаб чӣ гуна ниҳолҳо парвариш карда мешудаанд?



## Дарси 96.

### САВОЛ БА НАВНИҲОЛ

— Эй навниҳол, эй навниҳол,
Дорам ба ту ман як савол:
Бар кӣ ту мегӯӣ салом,
Ҳар бор агар ояд шамол?

— Ман бо ҳазорон эҳтиром,
Бар боғбон гӯям салом,
Зеро ба гирдам гардад ӯ
Аз субҳи содиқ то ба шом.

— Эй навниҳол, эй навниҳол,
Дорам ба ту дигар савол:

http://eduportal.uz

Кай мева бар мо медиҳӣ,
Кай мерасӣ ту бар камол?

— Чун кор бо ғайрат кунӣ,
Бар ман нигоҳубин кунӣ,
Баъди ду сол аз меваам
Чида даҳан ширин кунӣ.

*Аминҷон Шукӯҳӣ*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро бо диққат хонед.
2. Ба навниҳол кӣ савол медиҳад? Навниҳол ба саволҳо чӣ ҷавоб медиҳад?
3. Кадом банди шеър ба Шумо бештар маъқул шуд?
4. Шумо низ навниҳолҳои боғатонро нигоҳубин мекунед ё не?

*Дарси 97.*

## САДОҚАТИ САЪБА



Чанд рӯз аст, ки як саъбаи мо бемор аст. Вай монанди ҳарвақта намехонад, бо рафиқонаш бозӣ намекунад, худро ба симҳои қафас намезанад. Имрӯз тамоман дону об намехӯрад.

Вай минқори дарозу сурхашро ба девори қафас ниҳода бо чашмакони фирӯзаранги маҳзунаш берун менигарад.

Он ҷо баҳори дилрабо ҳукм меронад. Дарахтон саросар гулпӯшанд. Замин бошад, қолини махмалин ба бар кардааст. Гурӯҳ-гурӯҳ парандагон



http://eduportal.uz

хонишкунон аз шохаи як дарахт ба дигараш мепаранд. Булбулони хушилҳон нағмапардозӣ мекунанд. Ҳамаи мавҷудоти олам аз омади баҳор шоданд. Онҳо ин фасли накӯтарини солро бо суруд пешвоз мегиранд.

Ҳа, шояд ҳамаи ин саъбаи зебояки моро маҳзун сохта бошад. Эҳтимол, вай парандагони дар фазо озодона пару болзанандаро дида ҳавасаш омада бошад.

Ба ҳоли ин парандачаи зебо раҳмам омад. Вайро оҳистакак аз қафас гирифта ба назди тирезаи кушода мондам. Аммо, бар хилофи чашмдошти ман, вай парида нарафт, ду-се қадам монду истод. Вай дудила менамуд. Ногоҳ аз тиреза рост назди қафас парида омаду дар атрофаш гирд гаштан гирифт.

Ман барои имтиҳон дари қафасро кушода, худ дуртар истодам. Саъба лаҳзае ба атроф нигоҳ кард, боз ба қафас, назди ҷӯрааш баргашт.

Аҷабо! Саъбаи мо аз ҳавои кушод, дарахтони гулпӯш, осмони мусаффо, хуллас, аз озодӣ дида, назди ҷӯраи худ монданро афзал донист.

Ман, ки аз садоқати ин ҷонвари хурдакак мутаассир гашта будам, бори дигар дари қафасро кушодам ва ҳардуяшро ҳам озод намудам, ки озодона болу парзанон ба сӯи боғ парида рафтанд.

## Савол ва супоришҳо

1. Матнро ба ду қисм тақсим намуда хонед.



http://eduportal.uz

2. Саъба чӣ гуна паранда аст? Дар бораи вай чӣ медонед?
3. Чаро саъбаро озод карданд?
4. Баъди озод гардидан ҳам саъба чаро парида нарафт?
5. Садоқат гуфта шумо чиро мефаҳмед?

## Дарси 98.

### МУРҒАКИ ШИЛШИЛАПО

(*Тарона*)



Мурғаки шилшилапо,
Эҳ, ту чӣ хел хушнамо!
Тохта куҷо меравӣ,
Чӯҷаякот аз қафо?

«Чу-чу» — кунон медаванд,
Гушна магар чӯҷаҳо?
Арзану курмак диҳам,
Биё, биё, пеши мо!
Ту-ту-ту-ту, биҳ, биҳ, биҳ!
Чу-чу-чу-чу, биҳ, биҳ, биҳ!

Чӯҷаҳои хурдакак,
Хурданду тезгардак.
Куртаҳотон сап-сафед,
Нӯлчаҳотон зардакак.
Почаҳотон топ-тоза,
Белою бегардакак.
Дона хӯреду шавед,
Фарбеҳу бедардакак.



http://eduportal.uz

Ту-ту-ту-ту, бих, бих, бих!
Чу-чу-чу-чу, бих, бих, бих!

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Супориш:** *Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.*

**Дарси 99.**

## ҶАЙРАИ МАККОР

Ҷайра ҳайвони калон нест. Вале тамоми баданаш бо сихҳои дарози тез пӯшида шудааст.

Ҷайра бо ин найзачаҳо худро аз душманонаш моҳирона муҳофизат мекунад.

Рӯзе як шикорчӣ аз нишебии кӯҳ мегузашт. Сагаш пеш-пеш метохт. Ногоҳ аз дур як ҳайвончаи хокистарранг намоён шуд. Саг худро ба тарафи вай зад. Ҳайвонча сагро дида, роҳи гурезро пеш гирифт. Вай ҷайра буд. Ҷайра тез ва чолокона метохт. Гумон мекардед, ки саг ҳозир ба ҷайра расида мегираду ӯро пора-пора мекунад.

Вақте ки саг наздик шуд, ҷайра аз давидан истод ва сарашро дарун кашид. Сихҳои ӯ рост шуд ва ба биннии саг халид. Саг аз зӯрии дард уллосзанон худро ақиб гирифт. Сихҳо аз пӯсти нарми ҷайра ҷудо шуда дар биннии саг халида монда буданд. Шикорчӣ давида ба назди сагаш омад ва аз биннии он дукҳои тезро гирифта партофт. Аммо ҷайра дар як лаҳза ғоиб шуд.

*Аз «Энсиклопедияи бачагон»*

http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Шумо ҷайраро дидаед? Вай чӣ гуна ҳайвон аст?

## *Дарсҳои 100—102.*

### ХАЙБАР

Хайбар саги бисёр ҳушёр буда, дар андак вақт ҳамаи гуфтаҳои моро фаҳманда ва вазифаи асосии худро донанда шуда монд. Ӯ фаҳмида гирифт, ки хавфи асосӣ дар ин хонадон барои мурғон ва он ҳам аз тарафи шағолон аст. Бинобар ин вай ҳамеша дарахтонеро, ки дар онҳо мурғон мехобиданд, дидбонӣ мекард ва гоҳ-гоҳ ба тарафи рӯидарича рафта то роҳи омади шағолон гашт карда, тафтиш намуда меомад.



http://eduportal.uz

Айёми баҳорон буд, зардолуҳо ба шукуфтан сар карда буданд. Саг ҳам қариб яксола шуда буд. Як саҳар баъд аз рӯз сафед шудан падарам барои намози бомдод ба масҷид рафт. Ман бедор будам. Ногаҳон овози «қоқ» гуфтани як мурғро шунидам, дар паси ин овоз садои аз болои бом ба замин афтодани як чизи вазнин ҳам шунида шуд.

Ман ба рӯидарича рафта аз он ҷо ба тарафи ёбон баромадам ва Хайбарро садо кардам. Ҷавоб надод ва ӯ дар он ҷо набуд. Ба зери дарахтон рафта мурғонро аз назар гузаронидам. Як мурғ набуд. Маълум шуд, ки як мурғро шағол бурдааст.

Ман ба рӯидарича рафта аз он ҷо ба тарафи ёбон баромадам. Акнун рӯз тамоман сафед шуда буд ва ҳар чиз ба назари кас аз дур ҳам бошад, равшан менамуд. Ман тахминан дусад метр дуртар аз худ Хайбарро дидам, ки рӯ ба тарафи ҳавлӣ истодааст ва ӯ ҳам маро дида овози махсусе бароварда гӯё маро ба пеши худ ҷеғ мезад. Дар ҷавоб ман ҳам ӯро ном гирифта ба пеши худ ҷеғ задам.

Вай як чизро аз замин ба даҳони худ бардошта пештар омадан гирифт. Баъд аз тай кардани нимаи роҳ он чизро ба замин гузошт ва пас гашта дунболи худро бодиққат аз назар гузаронид, баъд аз он ба тарафи ман тирвор омад ва ба ман расида аз доманам газида маро пеш кашид ва бо овози махсусе садо бароварда, маро сар дода, худ боз ба ҳамон

чобукӣ ба пеши он чизе, ки дар замин гузошта буд, рафта истод.

Ман пай бурдам, ки саг мурғро аз чанголи шағол раҳонидааст, аммо худ бардошта овар-данро барои ҳаёти вай хавфнок мепиндорад ва бинобар ин маро таклиф мекунад, ки худ рафта мурғро гирифта оварам.

Ман ба пеши саг рафтам, дар ҳақиқат мурғ дар замин мехобид ва зинда буд. Вайро бар-доштам, дар тахтапушташ, дар шикамаш ва дар бозуяш андак-андак захми дандон ва чанголи шағол менамуд.

Ман мурғро ба хона гирифта овардам, пеш-пеши ман Хайбар бозикунон ва шодикунон медавид. Вақте ки ба пеши модарам расидем, Хайбар ба замин ғел зада гӯё ҳам ба гуноҳи худ, ки ба сабаби мусоҳилакории вай мурғро шағол бурда буд, узр мегуфт, ҳам барои мурғро халос карда тавонистанаш изҳори шодмонӣ мекард.

Хайбар одатан ҳар шаб то аз хона барома-дани падарам намехобид, вақте ки рӯз сафед шуд ва падарам ба таҳорат баромад, вай хотирҷамъ шуда ба боми дӯконхонаи падарам мебаромад, ки дар он ҷо хасбеда зер карда буданд ва ӯ дар он ҷо дар байни он хасҳо даромада мехобид.

Шағол, ки ҳамеша дар паи мурғ буда, фақат аз тарси Хайбар пеш омада наметавонист, ин одати сагро омӯхта гирифтааст ва баъд аз хобидани саг рӯз сафед шуда бошад ҳам, ба омада гирифтани мурғ ҷуръат кардааст. Баъд



http://eduportal.uz

аз он, ки Хайбар ин гуна хиёнаткорона ҳуҷум овардани шағолро дониста гирифт, дигар бо сафед шудани рӯз даромада нахобид ва то бедор шуда баромадани ҳамаи аҳли оила ва фуромадани мурғон аз дарахт вазифаи посбонии худро давом дод.

Хайбар бағоят бо ору номус буд: рӯзе ба айвони ошхона омада табақеро, ки дар он ҷо будааст, бӯидааст. Модарам инро дида бо тароша ӯро задааст. Баъд аз ин ҳодиса вай хӯрокашро нахӯрдааст. Рӯзона тамоман дар даруни хасбеда мехобид ва шабона аз бом фуромада мурғонро посбонӣ мекард.

Модарам ба падарам хабар дод, ки:

— Хайбар бемор шудааст, ду рӯз аст, ки хӯрок намехӯрад.

Ин хабар маро бисёр парешон кард, чунки ман ба вай зиёда омӯхта шуда будам, хусусан баъд аз воқеаи мурғу шағол боз ҳам зиёдтар ӯро дӯст дошта будам, бинобар ин бо шунидани ин хабар як порча нон гирифта ба пешаш рафтам, то ки аз вай ҳолпурсӣ кунам. Ӯ дар бом буд, чеғ задам, фуромад. Нонро пешаш партофтам, хӯрд. Нон хӯрданашро ба падару модарам хабар додам. Падар ба модарам фармуд, ки ӯ ҳам ба Хайбар нон диҳад. Оварда дод. Аммо саг ба нони вай нигоҳе ҳам накард. Ман дубора нон додам, дубора ҳам хӯрд.

Падарам ин ҳолро дида ба модарам гуфт, ки:

— Хайбар аз ту ранҷидааст, сабабаш чӣ бошад?

Модарам воқеаи заданашро ҳикоя кард. Падарам гуфт:

— Дар ин сурат саг ҳақ дорад, ки аз ту ранҷад, чунки ин саги чӯпонист, чӯпонон ба сари дегу табақ омадани сагро манъ намекунанд. Бинобар ин вай беибо ба сари дег омада табақро бӯидааст. Дар он вақт туро лозим буд, ки ба ӯ нодуруст будани ин корашро бо забони хуш ва ишорати нарм мефаҳмондӣ. Модом ки нодуруст будани ин ҳаракаташро нафаҳмонда задӣ, албатта, меранҷад.

Саг дар ҳақиқат сахт ранҷида буд, то чанд рӯзи дигар аз дасти модарам чиз нахӯрд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супоришҳо**

1. Ҳикояро ба ду қисм тақсим намуда хонед.
2. Ба ҳар як қисми он сарлавҳаи мувофиқ гузоред.
3. Хайбар чӣ гуна саг аст? Аҳли хонавода чаро ӯро дӯст медоштанд?
4. Хайбар мурғро чӣ гуна халос кард?
5. Аз ҳикоя ҷойи ранҷидани Хайбарро ёбед ва бо диққат хонда бароед.
6. Дар хона дар мавзӯи «Саг дӯсти инсон аст» матне тартиб диҳед.



## Дарсҳои 103—104.

## СОКИНИ НАВ

Хонаи Анӯшаино чандон васеъ нест: худашон базӯр меғунҷанд. Агар нисфи шаб мабодо мех-

моне биёяд, онҳо, албатта, тангии хонаро ҳис мекунанд... Ана дар ҳамин хона боз як сокине зиёд шуду ҳама аз шодӣ қад-қад парида, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Сокини нав кабкчӯҷае буд, ки онро аз кӯҳ Кова овард. Чӯҷа рӯйи қолин ин тарафу он тараф давида, ду-се карат бол афшонда, сипас ҳайрон монд: ба гулҳо нигариста, нӯл зад ва бештар ҳайраташ афзуд. Шояд чӯҷаяки гарангу пакар аз худ мепурсид: чаро ин гулҳо ранги зебо доранду бӯй не? Барои чӣ мисли гулҳои кӯҳистон намепӯшандаш? Гулҳои сабзазорони дидаи ӯ ин хел набуданд. Эҳа, кабкчӯҷа аз бӯю ранги онҳо маст мешуд, бо овози борикаш ҳай мехонду бол меафшонд.

Дили чӯҷаяк гум зад. Ӯ ба ёди обу ҳаво ва гулу ҷангалистонҳои кӯҳистон қаҳ-қаҳ зад. Кӯдакон аз шодиву ҳаяҷон мисли кабкчӯҷа қоҳ-қоҳ заданд.

Кова дар пиёла об овард. Дигаре кафи пурдонашро пеши нӯли чӯҷа дошт.

— Бачаҳо, кабкак ҳозир худашро бо шумо шиносонд, — гуфт падар.

— Хайр, мо ҳам худро шиносонем? Ман Шодӣ...

— Ман Садбарг. Нашинохтӣ?

Чӯҷаяк чик-чик садо доду ҷаста сари китфи Кова нишаст. Аз ин ҳам бачаҳо беҳад хурсанд шуданд.

— Донистед, ки кабкчӯҷа чӣ гуфт? — пурсид падар ва шарҳ дод. — Гуфт, ки ҳоло ман Коваро мешиносам. Ҷӯраи Кова мешавам!

— Бо мо ошно намешавад?

— Мешавад. Лекин ҳозир шалпар аст. Баъд муносибату рафтори шуморо дида, чӣ хел одам буданатона фаҳмида, сипас ошно мешавад.

— Наход? Кова, кабкак ба ту чӣ хел ҷӯра шуд?

— Аз чанги боша раҳондам. Чанд шабу рӯз дар кӯҳу пушта дар бағалам гирифта гаштам.

— Дӯсти нағза дар рӯзи мушкил меёбанд. — гуфт падар.

Дар ин лаҳза кабкак аз сари китфи Кова парида, болои миз нишаст ва ба маҷаллаи кушодаи «Чашма» кунҷковона нигариста, бо ҳарфҳои он туқ-туқ нӯл зад. Аз ин кӯдакҳо ба ваҷд омада, нидо карданд:

— Кабкчӯҷа доно будааст. Бинед «Чашма»-ро мехонад.

Бачаҳо аз шодӣ дар курта намеғунҷиданд.

*Абдулҳамид Самад*

## Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояро бо диққат хонед.
2. Кабкчӯҷа чӣ гуна сокини нав шуд?
3. Чаро сокини нав аз Кова наҳаросид?
4. Аз ҳикоя чӣ гуна хулоса баровардед?



http://eduportal.uz

# *Дарси 105.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ

## ТЕСТҲО



**1. Дар кадом матн асрори боғбониро ёд гирифтани мактаббачагон тасвир шудааст?**

А) «Садоқати саъба»; Б) «Хайбар»;
В) «Боғи мактабамон».

**2. Дар кадом матн ба дӯст содиқ ва вафодор мондан васф шудааст?**

А) «Хайбар»;
Б) «Табиатро дӯст доред ва ҳимоя кунед»;
В) «Садоқати саъба».

**3. Муаллифи шеъри «Савол ба навниҳол»-ро ёбед.**

А) Мирсаид Миршакар;
Б) Абдусалом Деҳотӣ;
В) Аминҷон Шукӯҳӣ.

**4. Дӯстии инсон ва саг дар кадом матн ба қалам гирифта шудааст?**

А) «Хайбар»; Б) «Боғи мактабамон»;
В) «Садоқати саъба».

**5. Муаллифи ҳикоячаи «Сокини нав» кист?**

А) Абдусалом Деҳотӣ;
Б) Мирсаид Миршакар;
В) Абдулҳамид Самад.



http://eduportal.uz

**6. Ҷумлаи «Саг махлуқи бовафо аст» аз кадом матн гирифта шудааст?**

А) аз матни «Хайбар»;
Б) аз матни «Пингвинҳо»;
В) аз матни «Сокини нав».

**7. Маънои калимаи «шафқат» дар кадом ҷавоб дуруст нишон дода шудааст?**

А) меҳрубонӣ, дилсӯзӣ; Б) олиҳимматӣ;
В) некӣ, адолат.

## *Фасли 11.* ҶАМОЛИ ОДАМӢ ОДОБ БОШАД

### *Дарси 106.*

### ДАР ВАҚТИ ТАҲСИЛ

Дар вақти таҳсил
Ту аз тахти дил
Хону хону хон
Дону дону дон!

Бо китоби нағз
Шину шину шин,
Маънои онро
Чину чину чин!

Асбоби хониш
Карда созу соз,
Рӯ сӯи мактаб
Тозу тозу тоз!

Гуфти муаллим
Санҷу санҷу санҷ
Гир баҳо доим
Панҷу панҷу панҷ!

*Аминҷон Шукӯҳӣ*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ба истҳо риоя намуда хонед ва аз ёд кунед.

http://eduportal.uz

## Дарси 107.

### ХАЙРИЯ

Дар деҳа пирамарди маъюбе умр ба сар мебурд. Фарзанд надошт. Аз ин рӯ мардуми гирду атроф луқмае биёранд мехӯрд. Набиёранд, қаноат мекард.

Бегоҳирӯзӣ ба наздаш бачаи даҳ-дувоздаҳсола — Муҳаммад омад. Вай баъди саломуалейк ва ҳолпурсӣ чанд танга бароварда дод. Пирамард Муҳаммадро мешинохт. Ба ҳимматбаландии ӯ каме шубҳа кард.

— Медонам, ки бепадарӣ, як модари муштипар дорӣ, — гуфт пирамарди ногирон. — Ин тангаҳоро аз куҷо ёфтӣ, Муҳаммад?

— Меҳнат кардам, бузургвор, — гуфт дар ҷавоб вай, — ҳамааш пули меҳнат, пули ҳалол.

— Меҳнат кардӣ? — ҳамчунин таҳпурсӣ мекард пирамард. — ҳаммол шудӣ, ё гови ягон касро мепоӣ?

— Дуяш ҳам не, бузургвор, дар поёни боғамон роҳи калоне ҳасту аз он пиёдаву савораҳои зиёде мегузаранд. Шабона аз таги теппа, аз Чашмаи Шифо чанд кӯза об оварда, захира мекунам. Чун чоштгоҳ шуда, ҳаво метафсад, ба раҳгузарони ташна як косагӣ об медиҳам. Онҳо обро нӯшида ҳам дуо мекунанд, ҳам ба таги косаам як танга — ду тангагӣ мепартоянд. Бегоҳӣ баъд аз хӯроки шом ҳамроҳи модарам тангаҳоро мешуморем, ки хеле мешаванд. Ман онҳоро ба модарам медиҳам.



http://eduportal.uz

Ҳамин вақт модарам яке хотиррасон мекунад, ки як миқдори тангаҳоро дар роҳи худо, ба ҳоҷатманде хайр бикунам. Ин кори савоб аст, барака меёбам.

— Бале, дуруст мекунӣ, — хайрияи ӯро гирифт марди ногирон. — Худованд ба якат ҳазор диҳад. Корат рӯз ба рӯз барор гираду тангаҳоят аз ин ҳам бисёртар гардад.

Муҳаммад аз ин дуо рӯҳ гирифт ва бо табъи хушу димоғи чоқ ба хонааш баргашт.

*Болта Ортиқзода*

### Савол ва супоришҳо

1. Матнро бо диққат хонда бароед.
2. Муҳаммад чаро назди пирамарди ногирон рафт?
3. Пирамард ба ӯ чӣ гуфт?
4. Шумо ҳам ба касе хайрия кардаед ё не?
5. Хайрия кардан чӣ савоб дорад?



**Дарси 108.**

## ГОВ НАШУДА КАЛ ШУДА МОНД

Гӯсолаи алочаям,
Алочаи балочаям,
Ду шох бар сараш дамид,
Зи шодӣ ҳар тараф давид...
Ки ман калону зӯрдаст,
Натарсам аз баланду паст.
Куҷост буққаи калон,
Ки очааш диҳад нишон?..
Ба ин ғуруру ман-манӣ

http://eduportal.uz

Намуд басо занозанӣ,
Зи тасфи ин даводавӣ,
Кашокашию якравӣ,
Бизад ба шох калламех
Ду шох шуд ҷудо зи бех.
Гӯсолаи алочаям,
Алочаи балочаям,
Масъалааш ҳал шуда монд,
Гов нашуда кал шуда монд.

*Аминҷон Шукӯҳӣ*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Мазмуни шеърро гуфта диҳед. Аз шеър чӣ гуна хулоса баровардед?



## *Дарсҳои 109—110.*

## ОБИ ТАЛХ

Таҳсил ба охир расид. Рӯзҳои дамгирии мактаббачагон наздик мешуд. Истироҳатгоҳҳо омодаи қабули истироҳаткунандагони хурдсол буданд.

Давлату Толиб борхалтаҳои худро ба пушт гирифта ба тарафи истироҳатгоҳ раҳсипор гардиданд. Аз пеш пиразане дар даст кӯзаи об намоён шуд. Ӯ кӯзаи обро гоҳ-гоҳе ба канори роҳ гузошта дам мегирифту боз ба роҳ медаромад.

— Ист, — гуфт Давлат, — бояд ба пиразан ёрӣ дод.



http://eduportal.uz

Ӯ борхалтаашро ба пеши Толиб гузошта, давон-давон ба назди пиразан шитофт.

— Ту куҷо меравӣ? — дод зад Толиб. — Ба зани ношинос ёрӣ чӣ лозим?

Аммо Давлат ба гапҳои рафиқаш аҳамият надода, барои бурда додани кӯзаи об ба пиразан ёрӣ расонд.

Пиразан миннатдорӣ баён кард ва барои нағз истироҳат кардани Давлат муваффақиятҳо орзу намуд.

Рӯзе Толиб ба қишлоқашон рафтанӣ шуд. Ҳаво гарм ва дим буд. Толиб дар роҳ бисёр ташна монд. Ӯ ният кард, ки ба аввалин ҳавлие, ки дар сари роҳ ба вай дучор мешавад, даромада об пурсад. Ниҳоят, ба ҳавлие расид ва дарвозаи онро кушода ҳамон пиразани чанде пеш аз ин дар роҳ вохӯрдаро дид.

Пиразан Толибро шинохт, вале худро ба нодонӣ зада, ӯро меҳрубонона қабул кард ва як коса об оварду ба Толиб гуфт: «Нӯш, писарам, нӯш!»

Толиб сурху сафед шуд, саросема обро нӯшида ташаккур гуфт ва зуд баромада рафт. Барои Толиб об талх барин намуд, чунки сухани ба Давлат гуфтаашро ба ёд овард.

*В. Осеев*

## Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояро бо диққат хонед.
2. Ба Давлату Толиб чӣ ҳодиса рӯй дод? Онҳо дар роҳ киро вохӯрда монданд?



http://eduportal.uz

3. Давлат чӣ кор кард?
4. Чаро Толиб ҳангоми аз истироҳатгоҳ баргаштан пиразанро дида сурху сафед шуд?

## *Дарсҳои 111—112.*

# ҲИКОЯТИ МОР

(*Афсона*)

Шутурсаворе ҳангоми сафар дар ҷойе расид, ки он ҷо корвониён оташ карда буданд. Баъд аз рафтани онҳо ба атрофи биёбон оташ паҳн гашта буд. Дар миёни он оташҳо Мори бузурге монда буд. Вай ба ҳеҷ ҷониб роҳ намеёфт, то ки халос шавад. Аз дур саворе намудор шуд. Мор ба ӯ зорию тавалло кард, ки ӯро аз ин оташи сӯзон халос кунад.

Савор марди меҳрубоне буд. Зорӣ Морро шунида раҳмаш омад. Мор душмани одамиён бошад ҳам ҳоло дармондаву ночор аст, — фикр кард ӯ. — Беҳтараш ба ӯ шавқат кунам. Пас халтаашро мекушояд ва ба нӯги як таёқи дароз баста ба даруни оташ ба сӯи Мор хам мекунад. Мор фурсатро ғанимат дониста ба халта даромад. Савори раҳмдил халтаро кушода Морро баровард ва ба ӯ гуфт:

— Ҳар ҷо хоҳӣ рав, лекин мардумозорӣ накун.

Мор гуфт:

— Эй ҷавон, ман ту ва шутури туро то нешназанам, намеравам.

Савор гуфт:

http://eduportal.uz

— Ман ба ту некӣ карда, аз даруни оташи сӯзон берун овардам. Ту чаро ба некӣ бо бадӣ ҷавоб доданӣ ҳастӣ?

Мор гуфт:

— Ту некӣ кардӣ, лекин некии ту бемавқеъ буд. Медонӣ, ки аз ман ба одамон фоидае нест. Илова ба ин ба бадон некӣ кардан, ба некон бадӣ кардан аст. Аз ин сабаб ман ба ту захм мезанам, то ба дигарон ибрат шавад.

Мард гуфт:

— Ман ҳеҷ боварӣ надорам, ки ба некӣ бадӣ ояд. Ту ба ман гувоҳ биёр, пас захм занӣ розӣ ҳастам.

Онҳо рафта аз Говмеш ва Дарахти пир пурсиданд. Онҳо сухани Морро тасдиқ карданд ва гуфтанд, ки вақте ки мо ба соҳибамон лозим ва манфиатнок будем, моро парвариш мекард. Акнун ки пир шуда яке аз шир, дигаре аз ҳосил мондем, соҳибамон якеро куштанӣ ва дигарамонро бурида ҳезум карданӣ шуд.

Мор саворро захм заданӣ шуд.

Мард гуфт:

— Ҷон ширин аст ва аз зиндагӣ дил кандан басо душвор мебошад. Агар боз яктои дигар гувоҳ пайдо мекардӣ, ман ба мурдан розӣ мешудам.

Дар ҳамин наздикиҳо рӯбоҳе буд ва ӯ нохост сӯҳбати Мард ва Морро шунида монд.

Мор гуфт:

— Аз Рӯбоҳ пурс. Вай чӣ ҷавоб медиҳад.

Мард ба Рӯбоҳ нигариста пурсид:

— Ба некӣ некӣ меояд ё бадӣ.

Рӯбоҳ гуфт:

— Ба некӣ бадӣ меояд. Ту магар инро намедонӣ. Ту дар ҳаққи Мор чӣ некӣ кардӣ, ки ба бадӣ гирифтор шудӣ?

Марди меҳрубон воқеаро нақл карда дод. Рӯбоҳ гуфт:

— Ту марди оқил менамоӣ, чаро дурӯғ мегӯӣ?

Мор гуфт:

— Ин мард рост мегӯяд.

Рӯбоҳ дар қаҳл шуд ва гуфт:

— Чӣ гуна море ба ин бузургӣ дар чунин халтачаи хурд мегунҷад?

Мор гуфт:

— Агар бовар накунӣ, ман боз ба халта медароям. Ин ҳолро ба чашми худат мебинӣ.

Рӯбоҳ гуфт:

— Агар ин корро бо чашми худ бинам, бовар мекунам.

Мард даҳони халтаро кушод ва Мор ба он даромад.

Рӯбоҳ гуфт:

— Эй ҷавон, акнун душманат дар банд аст, даҳони халтаро банд.

Мард дарров даҳони халтаро баста ба замин зад. Мор кушта шуд.

*Аз «Калима ва Димна»-и*
*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*



http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Ҳикоятро ба се қисм тақсим намуда ифоданок хонед ва ба ҳар як қисм сарлавҳаи мувофиқ ёфта гузоред.
2. Шутурсавор чаро морро аз дохили оташ халос кард?
3. Мор ба ивази некии ӯ чӣ гуфт?
4. Чаро онҳо ба Говмеш ва Дарахти пир муроҷиат намуданд ва аз онҳо чӣ ҷавоб шуниданд?
5. Рӯбоҳ муаммои Мор ва Мардро чӣ гуна ҳал намуд?
6. Ба ивази некӣ, некӣ меомадааст ё бадӣ? Аз ҳикоя чӣ гуна хулоса бароварде д?

**Дарсҳои 113—114.**

# ГУНҶИШК, МОР ВА ГАҲВОРАҶУНБОН

Гунҷишкаки зебоякак,
Зебояки донотякак.
Ҳар гаҳ равад бар обу дон,
Бо селаи гунҷишкакон,
Бӯсида фарзандони худ,
Албатта, таъин менамуд:
— Се хоҳари барнои ман
Се додари барнои ман,
Ғавғои худро кам кунед,
То ки наёбад ҳеҷ гоҳ,
Мори сиёҳ бар лона роҳ.
Боре чу он донотякак,
Донояки зебоякак
Аз лонааш парвоз кард,

http://eduportal.uz

Аз гӯша мор овоз кард:
— Оҳ-оҳ, ширинкор ман,
Як марди беозор ман.
Овардаам бозичаҳо:
Нилобию сурху ало.
Пистоқию зарду сафед,
Баҳри тамошояш давед!
Се хоҳари озодамӯ,
Се додари озодарӯ,
Баръакси гуфти очашон,
Чир-чиркунон, фир-фиркунон
Берун шуданд аз лонашон.
Дарвозаро чун боз дид,
Шаш чӯҷаи дартоз дид,
Шуд бениҳоят шод мор,
Қаҳ-қаҳ зад ӯ беихтиёр,
Печида андар шоҳтут,
Бар лона в-он гаҳ рост шуд.
Тарсида он гунҷишкакон,
Бардоштанд доду фиғон,
Гуфтанд, ки:
— Ёрӣ диҳед.
Дасти мададгорӣ диҳед!
Аммо касе ёрӣ надод
Дасти мададгорӣ надод.
Ҳамсояи гунҷишкакон,
Гаҳворачунбон паҳлавон,
Дар сояи барги кабуд,
Осудаяк дар хоб буд.
Фарёди гунҷишкон шунид,
Бедор шуд,



http://eduportal.uz

Як қад парид,
Чун дид афти морро,
Мори даҳон чун ғорро,
Аз ҳайбаташ ваҳме накард.
Як зарра ҳам раҳме накард.
Бархост аз ҷо мисли шер,
Гаҳворачунбони далер,
Аз ҷойи бобе ноаён,
Бигрифта бо хубӣ нишон,
Мушт ба чашми мор зад.
Сад бор не, як бор зад,
Бо печутоб аз шохтут
Афтид мору кӯр шуд...

*Убайд Раҷаб*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро бо диққат хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Гунҷишк бо бачаҳояш дар куҷо зиндагонӣ мекард?
3. Гунҷишк ба бачаҳояш чӣ насиҳат кард? Онҳо ба он риоя намуданд ё не?
4. Ҳамсояи гунҷишк гаҳворачунбон чӣ кор кард? Ба кори ӯ баҳо диҳед.
5. Аз ҳикоячаи назмӣ чӣ хулоса баровардед?



*Дарси 115.*

## СЕ РАФИҚ

Раҳим ба мактаб мерафт. Вай дар роҳи мактаб нонашро гум кард. Дар вақти танаффуси калон бачагон нонушта мекарданд. Раҳим дар як тараф хомӯш менишаст.

http://eduportal.uz

Ба пеши Раҳим рафиқи ӯ Ҳошим омад. Ҳошим пурсид, ки чаро Раҳим нонушта намекунад. Раҳим ҷавоб дод, ки дар роҳ нонашро гум кардааст.

— Кори бад шудааст, — гуфт Ҳошим. — То охири дарс гурусна менишинӣ.

Рафиқи дуюми Раҳим — Карим омад. Вай Раҳимро насиҳат кард, ки минбаъд нонашро дар сумкааш дуруст монад, ки гум нашавад.

Баъд Қосим ба назди Раҳим омад. Вале ӯ аз Раҳим ҳеҷ гап напурсида, нонашро баробар тақсим карда, нисфашро ба рафиқаш дод.

**Савол ва супоришҳо**

1. Ҳикоячаро бо диққат хонед.
2. Чаро Раҳим хомӯш менишаст?
3. Ба рафтори Ҳошим ва Карим шумо чӣ гуна баҳо медиҳед?
4. Қосим чӣ гуна рафиқ аст?
5. Ба фикри Шумо кадоме аз рафиқон дӯсти ҳақиқӣ аст?
6. Шумо ҳам дӯстони ҳақиқӣ доред?

***Дарсҳои 116—118.***

## ПИСАРОН

*(ҳикоя)*

Ду зан аз чоҳ об мегирифтанд. Ба назди онҳо зани сеюм омад. Як бобо ҳам барои дам гирифтан омада ба рӯйи санг нишаст.

Яке аз ин занҳо ба зани дигар гуфт:



http://eduportal.uz

— Писараки ман чунон чаққон, чунон зӯр аст, ки ҳеҷ кас бо вай баробар шуда наметавонад.

— Писари ман, мисли булбул месарояд, ҳеҷ кас вай барин хонда наметавонад, — гуфт зани дуюм.

Аммо зани сеюм ҳеҷ чиз нагуфт.

— Барои чӣ ту дар бораи писари худат чизе намегӯӣ? — гуфта ҳамсояҳо аз вай пурсиданд.

— Чӣ гӯям? Писари ман ягон хусусияти барҷастае надорад, — гуфт занак.

Занҳо ба сатилҳояшон об гирифта рафтанд. Мӯйсафед ҳам аз паси онҳо рафт. Занҳо рафта-рафта бозистоданд. Онҳо монда шуданд, хостанд, ки дам гиранд.

Ба нохост аз рӯ ба рӯйи онҳо се бача давида омад. Яке аз онҳо хеле чаққон буд, чусту чолок бозӣ мекард, медавид, сангҳои калонро бо пояш мезад. Занҳо ба вай бо шавқу ҳавас нигоҳ мекарданд.

Бачаи дигар булбул барин ғазал мехонд. Занҳо ба ғазали вай гӯш меандохтанд.

Аммо бачаи сеюм ба назди модараш давида омад ва сатилҳои вазнини ӯро гирифта бурд.

Занон аз марди кӯҳансол пурсиданд:

— Дидед, писарҳои мо чӣ гунаанд?

— Писарҳои шумо канӣ? Ман фақат як писарро дидам, — гуфт мӯйсафед ва ба бачае, ки сатилҳои модарашро бардошта мебурд, ишора кард.



http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояро ифоданок хонед.
2. Занҳои барои об омада дар бораи чӣ сӯҳбат карданд?
3. Дар ҳикоя хислати писарҳо чӣ гуна тасвир карда шудааст?
4. Писари сеюм чаро ҳеҷ чиз нагуфта сатилҳои модарашро гирифта бурд? Вай ягон хислати нағз дорад ё не?
5. Чаро пирамард ман фақат якто писарро дидам гуфт? Вай ба чӣ ишорат кард?
6. Шумо ба кадоме аз он писарҳо монанд шуданро мехостед?

## *Дарсҳои 119—121.*

### КОРИ АЙБ

Кӯчаҳои шаҳр сабзу хуррам ва тозаву озода. Дар яке аз зеботарин хиёбонҳои шаҳрамон, ки аз ду тараф дарахтҳо қомат афрохта болояшро пӯшонидаанд, ҳар ҷо-ҳар ҷо дар пахлӯи бутта-ҳои гул барои истироҳати раҳгузарон харакҳои такядор гузошта шудаанд. Дар ин харакҳо ода-мон ду-дую чор-чор нишаста сӯҳбат мекунанд, китобу газета мехонанд, ё баъди роҳи дарозро тай кардан дам мегиранд.

Дар як харак ду мактабхон нишастаанд. Сӯҳ-баташон хеле тафсон, як даҳон гап мезананду як дона писта шикаста, пӯчоқашро ба замин мепартоянд. Аз пӯчоқи писта гирду атрофашон аллакай пур шудааст.

http://eduportal.uz

Дар пахлӯи ҳамон харак дар масофаи ним метр аз онҳо қуттӣ гузошта шудааст. Мусоҳибон онро намебинанд, ё ин ки чӣ будани онро фаромӯш кардаанд. Дар назари аввал гӯё ҳеҷ воқеае рӯй надодааст. Ду кас писта хӯрда истодаасту пӯчоқашро ба қуттии махсус наандохта, ба гирду атроф мепошанд. Аммо агар ба ин воқеа бодиққаттар назар кунем, мебинем, ки айби ин ду нафар хурд нест:

1. Онҳо шаҳри худро дӯст намедоранд. Ҷоеро дӯст намедоранд, ки дар он таҳсил мегиранд, зиндагӣ мекунанд, ёру дӯст ва хешу ақрабояшон аз ҳавояш нафас мегиранду дар кӯчаҳои он мегарданд. Онҳо аз ободии шаҳрашон фахр намекунанд, аз зебоии он лаззат намебаранд.

2. Онҳо мардумони ин шаҳрро ҳурмат намекунанд. Дар ҳамон хараке, ки онҳо нишастаанд, дигарҳо ҳам омада менишинанд. Охир кӣ мехоҳад, ки дар ҷойи ифлос нишаста истироҳат кунад?

3. Онҳо меҳнати дигаронро ҳурмат намекунанд. Барои зебо шудани ин ҷо бисёр касҳо меҳнат кардаанд: боғбонҳо дарахт сабзондаанд, гул шинонидаанд, ба он гулҳо доимо нигоҳубин мекунанд. Як гурӯҳи калони одамон шабҳои дароз аз хоби ширин монда онро мерӯбанд, тоза мекунанд.

Ин ду нафар хонанда ва умуман онҳоеро, ки ба тозагии гирду атрофи худ, кӯчаи худ, шаҳри худ риоя намекунанд, одамони бофаросат, баодоб ва маданӣ шуморидан мумкин





http://eduportal.uz

нест. Рафторе, ки сабаби хира шудани табъи дигарон, боиси нохуш ва асабӣ шудани дигарон мегардад, бад аст ва ба муқобили он мубориза бурдан вазифаи муҳими ҳар як одам буданашро набояд фаромӯш кард.

*Хуршеда Отахонова*

## Савол ва супоришҳо

1. Матнро овоз набароварда хонда бароед.
2. Дар матн чӣ гуна муаммо бардошта шудааст?
3. Шумо ба рафтори он ду нафар хонанда чӣ гуна баҳо медиҳед?
4. Шумо ҳам чунин ҳодисаро мушоҳида кардаед ё не?
5. Матн чаро «Кори айб» ном гирифтааст? Ба он сарлавҳаи дигаре гузоред.

## Дарси 122.

### БИБИҶОНАМ



Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.
Аз раҳи дур меояд,
Зӯру базӯр меояд.
Бибем ояд, мо хурсанд,
Кисаҳояш пури қанд,
Мавизу мағз меорад,
Чизҳои нағз меорад.
Гапҳои бибем ширин,
Қанд барин, асал барин,
Бибем кони афсона!
Бибиҷонам ягона!

http://eduportal.uz

Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.
Равам, кӯрпача орам,
Болиши қу гузорам,
Чояки гарм биёрам,
Нонаки нарм биёрам,
Бибиҷона шинонам,
Хафа шудан намонам.
Бибиҷони хушрӯям,
Бибеки қиссагӯям.

*Гулчеҳра Сулаймонова*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар шеър кадом хислатҳои бибиҷонҳоямон тасвир гаштааст?
3. Шумо ҳам ба бибиатон дастёр мешавед-мӣ? Ба кадом корҳои онҳо ёрӣ мерасонед?

## Дарсҳои 123—124.

# ҶОНИ НОДОН ДАР АЗОБ

(*Афсона*)

Буд, набуд, як рӯбоҳаке буд. Дар қарибиҳои лонаи хирс лонаяке дошт он рӯбоҳак. Рӯбоҳак ҳар рӯз шишту хезу гашту гузору қаду қомати ҳамсояашро тамошо карда, ба андеша мерафт: қувваи бузурге дорад ин ҷонвари худо, чӣ хеле ки одамон мегӯянд, кӯҳро занад, талқон мекунад, аммо ӯ боре надидааст, ки ин қувва дар ҷойе истифода шуда бошад. «Гирду атроф

http://eduportal.uz

пур аз замин, кишту кор кунӣ, олам-олам ҳосил мегирӣ, — фикр кард рӯбоҳак, — равам пеши хирсу гӯям, ки биё, ҳамсоя, ягон чиз корему ҳосилашро ғундошта, зимистон хӯрда хоб кунем. Агар тӯқумашро гарм гирифта, дурустакак фаҳмонам, розӣ мешавад!». Рӯбоҳак ҳамин хел фикр карду пеши хирс рафт.

Хирс ба таклифи ӯ розӣ шуд. Замин шудгор карданду лаблабу коштанд. Об доданду нигоҳубин карданду мунтазир шуданд. Вақташ расиду лаблабу пухт. Рӯбоҳак аз хирс пинҳонӣ якта лаблабу кофта гирифту хӯрда дид, ки қанд барин ширин. Ҳирсаш боло гирифту рӯбоҳ дар фикри ҳила шуд. «Номи ман рӯбоҳ не! — Агар ин хирси соддаро фиреб дода, ҳосилро якта намонда, худам соҳибӣ накунам», — гуфт.

Рӯбоҳ хирсро ба сари замин даъват карду баргҳои сабзу тозаи лаблабуро бо шавқ нишон дода гуфт:

— Эй шарик, сар-сари сарашро мегирӣ ё бех-бехи бехашро.

— Сар-сари сарашро, — гуфт хирс ба барг-ҳои тару тоза бо ҳавас нигоҳ карда.

Хирс баргҳои лаблабуро якта намонда канда гирифту ба ҷувол андохта, ба хонааш бурд.

Рӯбоҳ бошад лаблабуро ба хонааш бурд ва ҳар гаҳ, ки дар дилаш завқи хӯрдани гӯшти мурғ пайдо мешуд, ба бозор бурда, фурӯхта, мурғ харида, хӯрда, кайф карда мегашт.

Рӯзҳо мегузаштанд, тирамоҳ охир шуду зимистон омад, баъд бӯи баҳор ба машоми

рӯбоҳак расид ва хирс ба ёдаш омад. Хирсро ба ёд оварда, пешаш рафту гуфт:

— Шарик боз айёми киштукор пеш омад, замин интизори мост.

Хирс гуфт:

— Аз он ҳосиле, ки мо соли гузашта гирифтем, ман баҳра набурдам, бемаза буду хӯрда нашуд, баровარда партофтам.

— Ин хел бошад, биё гандум мекорем, — гуфт рӯбоҳ, — аз гандум бомазатар хӯрдание дар олам нест. Нони ҳамин гандум насли одамизодро зинда нигоҳ медорад.

Хирс ба рӯбоҳ бовар кард. Ҳарду боз замин шудгор карданд, гандум коштанд. Гандум сабзид, неш дод, дона баст, пухт. Пухта буд, ки рӯбоҳ ба хирс гуфт:

— Сар-сари сарашро мегирӣ ё бех-бехи бехашро?

Хирс, ки соли гузашта «сар-сари сарашро» гуфта, фиреб хӯрда буд, гуфт:

— Ман ин навбат бех-бехи бехашро мегирам.

Ҳамин хел сараки гандум насиби рӯбоҳ шуду появу решааш ба хирс монд. Он чӣ ки ба хирс монд, ба ягон эҳтиёҷи вай ба кор нарафт. «Ҷони нодон дар азоб» гуфтаанд. Ҳоле, ки хирс баъди ғундоштану гирифтани коҳу решаи гандум дошт, далели ин ҳақиқат буд.

Лекин ин ҷо боз як ҳақиқати дигар ҳаст. Хирси фиребхӯрда қарор дод, ки дигар ҳеҷ

гоҳ ба рӯбоҳ шарик намешавад. Ошноии рӯбоҳу хирс бо ҳамин тамом шуд.

## Савол ва супоришҳо

1. Афсонаро бо диққат хонед ва аз рӯйи мазмунаш ба қисмҳо тақсим кунед.
2. Рӯбоҳ ба хирс чӣ таклиф кард ва хирс ба ӯ чӣ ҷавоб дод?
3. Соли аввал хирс чӣ хел фиреб хӯрд? Сабабашро аз матн ёфта хонед.
4. Соли дуюм рӯбоҳ боз чӣ найранг кард?
5. Сабаби бори дуюм фиреб хӯрдани хирс дар чист?
6. Аз афсона чӣ хулоса баровардед?

## *Дарси 125.*



### ЗАРБУЛМАСАЛҲО

1. Ҳусни духтар одоби ӯст.
2. Ҳусн ҳусн нест,
   Одоб ҳусн аст.
3. Дониш чароғи ақл аст.
4. Ҳар ҷавоне, ки беадаб бошад,
   Гар ба пирӣ расад, аҷаб бошад.
5. Нон ҳам нону нонреза ҳам нон.
6. Кори имрӯзаро ба фардо магузор.
7. Нодон сухан кунад, доно қиёс.
8. Дӯстон оинаи якдигаранд.
9. Ба як ҷавон чил ҳунар кам.
10. Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол.
11. Ҳунар аз дониш, дониш аз хониш.
12. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад.

http://eduportal.uz

## Савол ва супоришҳо

1. Зарбулмасалҳоро бо диққат хонед ва аз ёд кунед.
2. Кадоме аз зарбулмасалҳо ба Шумо бештар маъқул шуд?
3. Дар бораи одобу ахлоқ боз чӣ гуна зарбулмасалҳоро медонед?



## Дарси 126.

### ТАБАРИ ТИЛЛОӢ

*(Ҳикоя)*

Будааст, набудааст, як камбағали ҳезумкаше будааст. Рӯзе дар соҳили дарё ҳезум мебуридааст, ки табараш ба дарё афтодааст. Вай аз гум кардани боигарии асосӣ — яроқи ягонааш сахт хафа шудааст. Ҳамин вақт аз кимкуҷое овози маҳине ба гӯши ӯ расидааст.

— Ҳой, ҳезумкаш, ба шумо чӣ шуд?

— Аз табарам маҳрум шудам, — гуфтааст ҳезумкаш, — вай ба дарё афтод.

Ногоҳ дар пеши ҳезумкаш табари тиллоӣ пайдо шудааст.

— Ин табари шумост? — пурсидааст соҳиби овоз.

— Не, — гуфтааст ҳезумкаш.

Дар пеши чашми ҳезумкаш табари нуқрагин пайдо шудааст ва соҳиби овоз пурсидааст:

— Инаш буд?

— Не, табари ман ин хел набуд, — боз ҷавоб додааст ҳезумкаш.

http://eduportal.uz

Баъди ин соҳиби овоз як табари оддии дастааш чӯбинро нишон дода гуфтааст:

— Шояд, ин бошад?

— Ҳа, табари ман ҳамин аст, — хурсанд шудааст ҳезумкаш.

— Ман шуморо як санҷида дидам, шумо одами пок будаед. Барои ростгӯиятон ташаккур! — гуфтааст овози сеҳрнок ва ба ҳезумкаш табарҳои тиллоӣ ва нуқрагинро ҳам тӯҳфа кардааст.

### Савол ва супоришҳо

1. Ҳикояро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл карда диҳед.
2. Ҳезумкаш табарашро дар куҷо гум кардааст?
3. Вай чаро табарҳои тиллоӣ ва нуқрагинро нагирифт?
4. Чаро овози сеҳрнок ба ӯ дар баробари табари худаш табарҳои тиллоӣ ва нуқрагинро низ тӯҳфа намуд?
5. Аз ҳикоя чӣ хулоса баровардед?

## Дарси 127.

## РИСОЛАТ ДАР КУҶО БУД?

Рисолату Асолат
Бо ҳам дугона
ҳастанд.
Якҷоя сӯйи мактаб
Доим равона ҳастанд.

Шарифа дар танаффус
Асолатро тела дод.

Аз зарби ногаҳонӣ
Асолат гурсӣ афтод.

Якбора байни онҳо
Шуд ҷангу занозанӣ,
Кашмакашу паропар,
Рӯканию мӯканӣ...

http://eduportal.uz

Нохунашон, ки буд тез,
Шуд рӯйи ҳар ду хуншор.
Аз чашми ҳар ду мерехт
Ашки алам шашқатор...

Рисолати бепарво
Истода буд ҳамон ҷо,
Гӯё тамошо мекард
Ҷанги дугонаашро.

Рӯзи дигар пурсиданд
Аз Рисолат бачаҳо:
— Чаро халос накардӣ
Дугонаҳои худро?

Гуфто: — Миёни онҳо
Агар медаромадам,
Нохунашон мехалид
Ба сару рӯйи ман ҳам.

Нафаҳмидам, бачаҳо,
Аз рафтори Рисолат:
Дугонаи ҳақиқист
Оё ӯ ба Асолат?

*Алӣ Бобоҷон*

**Савол ва супоришҳо**

1. Чаро Шарифаю Асолат бо ҳам ҷанг карданд?
2. Рисолат чӣ кор кард?
3. Шумо ба ҷойи Рисолат мебудед чӣ кор мекардед?
4. Аз мазмуни шеър чӣ хулоса баровардед?



## Дарси 128.

## МУАЛЛИМИ МО

Ҳар гоҳ ки бар синф
По мегузорем,
Хизмати ӯро
Ба хотир орем:
— Дӯстӣ, рафоқат
Омӯхт моро
Шамъи садоқат
Афрӯхт моро
Муаллими мо,
Муаллими мо.

http://eduportal.uz

Моро ягона
Омӯзгор аст.
Омӯзгори
Боэътибор аст.
Ба мисли фарзанд

Мо бо муҳаббат
Хоҳем доимо
Бошад саломат.
Муаллими мо,
Муаллими мо.

*Убайд Раҷаб*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?
3. Шумо ҳам муаллими худро дӯст медоред?



## *Дарси 129.*

## ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ТЕСТҲО

**1. Қаҳрамони ҳикоячаи «Хайрия»-ро ёбед.**

А) Толиб;
Б) Муҳаммад;
В) Давлат.

**2. Дар кадом матн сухан дар бораи тозаю озода нигоҳ доштани хиёбони шаҳр сухан меравад?**

А) «Се рафиқ»;
Б) «Ҷони нодон дар азоб»;
В) «Кори айб».

http://eduportal.uz

**3. Ростгӯию ҳалолкорӣ дар кадом матн ифода гардидааст?**

А) «Ҷони нодон дар азоб»;
Б) «Оби талх»;
В) «Табари тиллоӣ».

**4. Муаллифи ҳикоячаи «Хайрия»-ро ёбед.**

А) Садриддин Айнӣ;
Б) Болта Ортиқзода;
В) В. Осеев.

**5. Дар кадом матн ёрӣ ба пиронсолон талқин шудааст?**

А) «Хайрия»;
Б) «Се рафиқ»;
В) «Оби талх».

**6. Кадом ҳикояи поёнӣ аз «Калила ва Димна» гирифта шудааст?**

А) «Хайрия»;
Б) «Се рафиқ»;
В) «Ҳикояти мор».

**7. Дар «Ҳикояти мор»-и Кошифӣ кадом ҳайвон ба одам ёрдам медиҳад?**

А) Говмеш;
Б) Паланг;
В) Рӯбоҳ.

http://eduportal.uz

**8. Дар ҳикоячаи шеърии «Гунҷишк, мор ва гаҳворачунбон» кадом қаҳрамон ҷасорат ва мардонагӣ нишон дода дӯстонашро аз дами марг халос мекунад?**

А) мор;
Б) гунҷишк;
В) гаҳворачунбон.

**10. Дар ҳикоячаи «Се рафиқ» рафтори кадоме аз дӯстон дуруст буд?**

А) Қосим;
Б) Ҳошим;
В) Карим.

**9. Дар ҳикояи «Писарон» кадом бача ҳамчун писари ҳақиқӣ рафтор кард?**

А) бачаи якум;
Б) бачаи дуюм;
В) бачаи сеюм.

# *Фасли 12.* ТОБИСТОНИ РӮҲАФЗО, АЙЁМИ ТАЪТИЛИ МО

## *Дарси 130.*

### ТОБИСТОН — РОҲАТИ ҶОН

Тобистон. Ин фасли зебою дилнишин моҳҳои июн, июл ва августро дар бар мегирад. Моҳҳои мазкур таътили тобистонаи мактаббачагон мебошад. Дар фасли мазкур ҳама ҷо — кӯчаву хиёбонҳои сердарахти шаҳрҳо, соҳили ҷӯйбору дарёҳо, саҳроҳои васеъ ва доманаи кӯҳу теп-

http://eduportal.uz



паҳо сабзу хуррам мешаванд. Дар боғҳо себҳои ҳархела, шафтолую зардолу, ноку ангури ранг ба ранги хушмаза мепазанд. Аз боғу дарахтзорҳо, бешаҳо хониши парандагон ба гӯш мерасад. Дар ин фасл ҳаво ниҳоят гарм мешавад. Одамон аз гармии офтоб гурехта ҷойи сояю салқинро ҷустуҷӯ мекунанд. Бачагон низ баъди футболбозӣ ва дигар бозиҳои тобистона, ки мондаю шалпар мешаванду зери обу арақ мемонанд, барои оббозӣ ҷойи муносиб меҷӯянд. Як гурӯҳ дар дарё оббозӣ кунанд, гурӯҳи дигар дар ҷӯю каналҳои зодгоҳашон оббозӣ мекунанд.



http://eduportal.uz

Бо шаст моҳӣ доштан завқи нотакрор дорад. Аз ин рӯ баъзе бачагон дар таътили тобистона бо падару модарашон тез-тез ба моҳигирӣ низ рафта меистанд. Умуман ҳар кас тобистонро мувофиқи хости худаш хубу соз мегузаронад.

### Савол ва супоришҳо

1. Тобистон чӣ гуна фасл аст?
2. Дар ин фасл табиат чӣ фазилатҳоро соҳиб мегардад?
3. Таътили тобистона чист? Вайро чӣ гуна гузаронидан маъқул аст?

## МОҲҲОИ ТОБИСТОН

### ИЮН

Баъди моҳи май
Меояд июн,
Гармии хуршед
Мешавад афзун...
Дар моҳи июн
Бар лалмикорон
Оби шифоест
Қатраи борон.
Дар ҷануб аммо, —
Гарм аст бисёр...
Деҳқони кордон
Марди забардаст,
Ба гармии рӯз
Одат намудаст.
Мепазад ангур
Себу зардолу,
Ҳандалаку тут
Тарбузу олу.
Коми шуморо
Дар дуру наздик,
Мекунад ширин
Меваи қандин.

http://eduportal.uz

## ИЮЛ

Июл июнро хоҳар...
Ҳар ду моҳи тобистон,
Сер аз нури хуршеданд,
Аз ҳарду розӣ деҳқон.
Ғалларову меваро
Дар вақташ мепазонад,
Ниҳолҳои пахтаро
Нағзакак мерасонад.
Дар водиҳои зархез
Гул мекунад пахтазор...



## АВГУСТ

Моҳи август дар ҳар ҷо
Охири тобистон аст.
Моҳи хурсандиовар
Аз баҳри деҳқонон аст...
Ба ғуну чини ҳосил
Якҷоя сар мекунанд.
Лекин аз рӯйи меҳнат
Мегиранд онҳо ҳосил,
Дар додани музди кор
Замини мост одил!

*Мирсаид Миршакар*

### Савол ва супоришҳо

1. Шеърро бо диққат хонда бароед.
2. Хусусиятҳои моҳи июнро номбар кунед.
3. Дар моҳи июл дар табиат чӣ гуна дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд? Деҳқон дар ин моҳ бо чӣ кор машғул мешавад?
4. Моҳи охири тобистон чӣ гуна аст?

*Дарси 131.*

## ШАРШАРА



Ту зебой̣, шаршара,
Пурҷилой̣, шаршара.
Аз шонаи кӯҳистон
Мефарой̣, шаршара.

Мӯятро печу тоб аст,
Мӯят тамошобоб аст.
Чил кокули кӯҳ барин
Менамой̣, шаршара.

Сӯйи ту по гузорам,
Намрезаи ту форам.
Дар гармии тобистон
Пурсафой̣, шаршара.

Таронаи хушоҳанг
Мехонӣ бе дафу чанг.
Чун ҳофизи табиат,
Хушнавой̣, шаршара.

Дорӣ ҷаҳони зебо,
Рангинкамони тилло.
Ту ҳусни дараҳоро
Мефизой̣, шаршара!

*Алӣ Бобоҷон*

**Савол ва супоришҳо**

1. Шеърро ифоданок хонед.



http://eduportal.uz

2. Дар шеър кадом хусусиятҳои шаршара акс ёфтааст?
3. Шумо шаршараро дидаед? Агар дида бошед, дар ин бора нақл карда диҳед.



## Дарсҳои 132—133.

# ЛАТИФАҲО

## 12 + 12

Духтарча:

— Муаллим ба ман гуфт, ки то 12 + 12-ро надонам, ба синф надароям.

Модар:

— Ҷамъ 24 мешавад, албатта.

Духтарча:

— Ман ҳатто 28 гуфтам, муаллим розӣ нашуду ба 24 розӣ мешавад?

## Мактаб

Падар: Кай мактаб сар мешавад?

Писар: Вақте ки таътили тобистона тамом мешавад.

Падар: Таътили тобистона кай тамом мешавад?

Писар: Вақте ки мактаб сар мешавад.

## Дурӯғгӯ

Раҳим рӯзе ба модараш гуфт:

— Муаллимамон дурӯғгӯ!

— Чаро? — пурсид модар.

http://eduportal.uz

Раҳим гуфт:

— Дина гуфтанд, ки севу чор ҳафт мешавад, имрӯз мегӯянд, ки чору се ҳафт мешавад!

## Писари наҷҷор

Пирамарде писари ҳамсояашро пойи луч дида гуфт:

— Айб нест, ки писари кафшдӯз пойи луч мегардад?

— Бародари шумо, амак, духтури дандон аст, аммо писарчааш бе дандон мегардад, — гуфт писарча.

## Баҳои 10

Донишомӯзи синфи якум хурсанд ба хона баргашт ва ба падараш гуфт:

— Дадаҷон, ман имрӯз баҳои 10 гирифтам.

— Аз кадом фанҳо?

— Аз математика — 2, аз ҳусни хат — 2, аз забони модарӣ — 3, аз одобнома — 3, — гуфт ӯ.

## Маъқул

Ҷавоне ба додараш гуфт:

— Барои чӣ боронии маро пӯшидӣ?

— Тарсидам, ки пиҷакат тар нашавад, — ҷавоб дод додараш.

## Кор омад кард

Писарбачаи хурдсоле аз мактаб хурсанд баргашт ва ба модараш гуфт:



http://eduportal.uz

— Имрӯз, очаҷон, кори ман омад кард.
— Чӣ хел омад кард?
— Муаллим хост, ки маро дар гӯшаи синф рост гузорад, лекин хушбахтона, гӯшаҳои синф банд буданд.

### Савол ва супоришҳо

1. Латифаҳоро бодиққат хонед.
2. Бо Шумо ё ҳамсинфонатон низ вақеаҳои латифамонанд рӯй додааст ё не?
3. Кадоме аз латифаҳо ба Шумо бештар маъқул шуд? Сабабашро гуфта диҳед.
4. Дар латифаҳо чӣ гуна рафторҳои ношоиста танқид шудааст?



## Дарсҳои 134—135.

### ДАР РӮЗАКИ ТОБИСТОН

— Мӯрча, эй мӯрча,
Майдаяки зӯрча,
Аз саҳар зери борӣ,
Чиро хона меорӣ?
— Аз пайи як-ду дона
Дона барам ба хона.
Дар рӯзи тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**2**

— Оруяк, эй оруяк,
Оруяки хушрӯяк,
Сафар аз саҳар дорӣ
Куҷо ту сафар дорӣ?

http://eduportal.uz

— Равам ба сӯйи саҳро,
Оварам шаҳди гулро.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**3**

— Санҷобак, эй санҷобак.
Санҷобаки камхобак,
Ин қадар мешитобӣ,
Ин қадар чӣ мекобӣ?
— Мағз барам ба хона,
Аз шоха як-ду дона.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**4**

— Калламушак, калламушак,
Калламушаки баҳуш,
Чаро замин мекобӣ
Чӣ аз замин меёбӣ?
— Хона бино мекунам,
Донаро ҷо мекунам.
Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**5**

— Харгӯшак, эй харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак,
Ту ҳам машғули корӣ,
Дар дастакат чӣ дорӣ?
— Сабзӣ дораму карам.
Ба хонаам мебарам.



http://eduportal.uz

Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**6**

— Булбулак, эй булбулак
Ошиқи рӯйи гулак.
Чаро ту беқарорӣ?
— Аз барои мӯрчаяк,
Майдаяки зӯрча.
Аз барои оруяк,
Оруяки хушрӯяк,
Аз барои санҷобак,
Санҷобаки бехобак,
Аз барои калламушак,
Калламушаки баҳуш,
Аз барои харгӯшак
Харгӯшаки хомӯшак.
Таронаҳо мехонам,
Мадҳу сано мехонам,
Ки мехӯрад тобистон
Ғами рӯзи зимистон.

*Убайд Раҷаб*

## Савол ва супоришҳо

1. Шеърро ба истҳо риоя намуда хонед.
2. Мӯрчаяк, оруяк, санҷоб, калламушак ва харгӯшак ғами зимистонро чӣ гуна мехӯранд?
3. Булбулак ба савол чӣ гуна ҷавоб медиҳад?
4. Чаро ҳайвонҳою парандагон дар тобистон ғами зимистонро мехӯранд?
5. Боз чӣ гуна парандаю ҳайвонҳоро медонед, ки ғами зимистонро мехӯранд?



http://eduportal.uz



## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Меҳнати тобистон — роҳати зимистон.

* * *

Кулӯхи тобистон — меваи зимистон.

* * *

Тобистон кӯшӣ — зимистон нӯшӣ.

### Савол ва супоришҳо

1. Зарбулмасалҳоро бо диққат хонед ва аз ёд кунед.
2. Дар зарбулмасалҳо кадом сифатҳои фасли тобистон таъкид гаштааст?
3. Дар бораи тобистон боз чӣ гуна зарбулмасалҳо медонед?



## *Дарси 136.* ҶАМЪБАСТ ВА МУСТАҲКАМКУНИИ МАВОДИ ФАСЛ



### ТЕСТҲО

**1. Фасли тобистон кадом моҳҳоро дар бар мегирад?**

А) июл, август, сентябр;
Б) июн, июл, август;
В) май, июн, июл.

**2. Байти зер аз кадом шеър гирифта шудааст?**

Сӯйи ту по гузоштам,
Намрезаи ту форам.

http://eduportal.uz

А) «Моҳҳои тобистон»;
Б) «Бибиҷонам»;
В) «Шаршара».

**3. Кадоме аз ин шеърҳо ба қалами Убайд Раҷаб тааллуқ дорад?**

А) шеъри «Бибиҷонам»;
Б) шеъри «Шаршара»;
В) шеъри «Дар рӯзаки тобистон».

**4. Байти зер ба қалами кадом шоир мансуб аст?**

«Дар рӯзаки тобистон,
Хӯрам ғами зимистон».

А) Убайд Раҷаб;
Б) Гулчеҳра Сулаймонова;
В) Алӣ Removing Бобоҷон.

http://eduportal.uz

## ЛУҒАТ

### А

Айёми баҳор — фасли баҳор.

Азм — майл, хоҳиш.

Алам — байрақ.

Алвон — гуногун, ранг ба ранг.

Андӯхтан — ҷамъ овардан, ҳосил намудан.

Анкабут — тортанак.

Араҳи ҷабин — араҳи пешонӣ.

Асад — моҳи панҷуми шамсӣ, ки ба тоҷикӣ Шер меноманд. Вай ба 21-уми июл — 20-уми август рост меояд.

Афзал — бартар, беҳтар.

Афзун — зиёдтар, бештар.

Афрӯхт — даргиронд.

Аҳсан — аз ҳама беҳтар, некӯтар, ташаккур.

Аҷнабӣ — хориҷӣ, бегона.

### Б

Ба ваҷд омадан — бисёр хурсанд шудан.

Барно — ҷавон.

Барҷаста — намоён, лоиқ, муносиб.

Басо — бисёр.

Безавол — абадӣ.

Бемавқеъ — бемаҳал, номуносиб.

Беминнат — инъом ва некии беғараз.

Бенаво — камбағал.

Бинни Ҳасан — писари Ҳасан.

Бок — тарс, хавф.

Бокарам — босаховат, кушодадаст, боҳиммат.

Болиши қу — болише, ки дар дарунаш пари қу (парандаи машҳури обӣ) андохта шудааст.

Бори гарон — бори вазнин.



http://eduportal.uz

Борут — омехтаи шӯра, гӯгирд ва ангишт, ки моддаи тарканда ба вуҷуд меоварад.

Бостонӣ — қадимӣ.

Боҷ — андоз, хироҷ.

Бузургвор — олиҷаноб, наҷиб, шариф.

Бӯрё — бофтаи най, ки дар хонаҳо аз таҳи палос паҳн мекунанд ва барои нагузаронидани нам ба кор меравад.

## В

Варзишгоҳ — машқгоҳ.

Ваҳм — воҳима, тарс, ҳарос.

Водиҳои зархез — водиҳои серҳосил.

Волидайн — падару модар.

Вопас — ақиб, пас.

Ворид — дохил.

## Г

Гавҳар — марворид, санги қиматбаҳо.

Ганҷ — хазинаи тилло, нуқра ва ҷавоҳирот, ки дар ҷое пинҳон карда шудааст.

Гармо — гармӣ.

Гетӣ — ҷаҳон, дунё.

## Ғ

Ғанӣ — бой.

Ғафлат — бехабарӣ, фаромӯшӣ.

Ғизо — хӯрок, таом.

Ғорат — толон, тороҷ.

Ғубор — гард, чанг.

Ғӯза — ғилофи болои баъзе наботот.



http://eduportal.uz

## Д

Дам — нафас.
Дафъа — бор.
Девонхона — маҳкама, идораи давлатӣ, вазоратхона.
Дурр — марвориди калон, санги қиматбаҳо.

## Ж

Жандапӯш — кӯҳнапӯш.

## З

Зарф — анҷом барои гузоштан ё нигоҳ доштани чизе.

Захира — чизе, ки барои эҳтиёт нигоҳ дошта мешавад, пасандоз.

Захм — ҷароҳат, яра.

Заҳмат — ранҷ, азоб, машаққат, ташвиш, сахтӣ.

Заъфи меъда — сустӣ, нотавонӣ, беқувватӣ, бемории меъда.

Зинҳор — ҳаргиз.

Зулмот — торикӣ.

Зӯри бозу — зӯри даст.

## И

Ибодат — парастиши Худо; иҷрои вазифаҳои динӣ.

Истиқлол — мустақил будан, мустақилӣ, соҳибихтиёрӣ.

Илми мантиқ — илмест доир ба қонунҳои тафаккур, хулосабарорӣ ва шаклҳои он.

Илми фиқҳ — илми қонуншиносӣ дар шариати ислом.

Илми ҳандаса — илмест, ки дар бораи геометрия баҳс мекунад.



http://eduportal.uz

Илми ҳикмат — илми фалсафа.
Илми ҳисоб — математика, як қисми риёзат.
Иқбол — бахт, саодат.

## К

Калоба — тӯпчаи ресмон.
Калом — сухан, гап, гуфтор.
Каррок — як навъ парандае, ки кур-кур гӯён овоз мебарорад.
Камар — миёни кӯҳ, тангнои кӯҳ, аға.
Качова — сабад ё сандуқе, ки мева пур карда, ба ду тарафи асп ё хар бор мекунанд.
Коза — хонае, ки дар киштзор ва полиз аз чӯбу шоху хас месозанд.
Козарӣ — шустагарӣ, чомашӯикунӣ.
Ком — мурод, мақсад, орзу.
Корвон — қатори уштур ва чорпоёни боркаш, ки савдогарон ва мусофирон дар сафар молу чизи худро бор мекарданд.
Коҳида — хароб шуда, лоғар шуда.
Кулфат — машаққат, сахтӣ, ранҷ, андӯҳ.
Куҳан — кӯҳна.

## Қ

Қабза — ченакест, ки баробари як каф (мушт) меояд.
Қавӣ — зӯр, пурзӯр, бақувват.
Қарин — наздик; ҳамнишин, ҳамсӯҳбат.
Қай кардан — аз меъда бо роҳи даҳон берун андохта шудани таом.
Қорихона — хонае, ки дар он қироаткунанда ва ёдкунандагони Қуръон мешинанд.
Қути лоямут — камтарин миқдори хӯрок, ки барои зинда мондан лозим аст.
Қутр — хатте, ки аз маркази доира гузашта, доираро ба ду ҳиссаи баробар тақсим мекунад, диаметр.



http://eduportal.uz

## Л

Лалмӣ — кишти ғаллаву дона, ки ба ғайри обёрӣ, танҳо ба воситаи барфу борон ба амал меояд.

Лаъл — санги қиматбаҳои сурхранги дурахшон.

Лочинҳо — лётчикҳо.

## М

Маёзурдан — озор надодан.

Манфиатнок — фоиданок.

Марҷон — навъе аз ҷонварони баҳрии дарахтшакл, ки онро барои сохтани асбоби зинат ба кор мебаранд.

Мафтун — диққати касеро ба худ кашидан, дили касеро бурдан.

Маҳзун — ғамгин.

Машрубот — об, шароб ва ҳар моеъи нӯшиданӣ.

Мақбара — қабр, қабристон.

Мино — обгина, шиша.

Минқор — нӯли мурғон, нӯли парандагон.

Муаззам — азим ва бузург шумурдашуда, касе, ки ӯро бузург мешуморанд.

Мукнат — молу давлат.

Муқаррар — муайяншуда, барқароршуда.

Мунтазир — интизор, нигарон.

Мусаффо — соф кардашуда, тоза кардашуда.

Мусоҳибон — сӯҳбаткунандагон, ҳамсӯҳбатон.

Мусоҳила — нармӣ, мулоиматӣ, сустӣ.

Мутаассир — таъсиркунанда.

Мутаҳҳид — якшуда.

Мутеъ — итоаткунанда, тобеъ.

Муҳаддис — донандаи илми ҳадис, ҳадисдон.

Муҳофизат — ҳимоя.

Муштипар — беозор, бечора.

Мушфиқ — меҳрубон, дилсӯз.

Мӯътадил — дар ҳолати миёна.

## Н

Навор — асбоби аксбардорӣ.

Надимон — ҳамнишинон, ҳамсӯҳбатон, махсусан ҳамнишину ҳамсӯҳбати амирону шоҳон.

Нағмапардоз — овозхон, хонанда, сароянда, мутриб.

Накӯаъмол — соҳиби феъли нағз, соҳиби кору кирдори нек.

Нафъ — фоида.

Наҷҷор — дуредгар, чӯбтарош.

Неъмат — мол, сарват, боигарӣ.

Нишебии кӯҳ — пастии кӯҳ.

Новашакл — ба нова (ғӯлачӯби миёнхолӣ) монанд.

Нопадид — аз назар пинҳон.

Нотиқ — шахси сухандон, дар сухангӯӣ моҳир.

## О

Оби арғувонӣ — оби сурхтоб.

Оқил — хирадманд, доно, боақл.

Осеб — озор, ранҷ, дард.

## П

Пардохт — иҷро кардан, адо намудан, ғун кардан.

Перор — пеш аз соли гузашта, соли пеш аз порсол.

Пойдор — мустаҳкам, барқарор.

Посух — ҷавоб.

Похсагин — аз лой рост кардашуда.

Пунбадона — тухми пахта, чигит.

## Р

Равон — ҷон, рӯҳ.

Радиф — ҳамсаф, ҳамсафар.

Ризоият — розигӣ.

Рӯҳафзо — ҷонбахш.



http://eduportal.uz

## С

Сабақ — таълим.

Савр — моҳи дуюми шамсӣ, ки ба тоҷикӣ Гӯсола меноманд. Вай ба 21-уми апрел — 20-уми май рост меояд.

Савор — касе, ки ба болои асп ва ё хар нишаста меравад.

Садақа — пул ва чизе, ки ба фақирон ва бенавоён чун хайрия дода мешавад.

Садаф — санги қиматбаҳо, гавҳар.

Садр — раис, сардор, пешво, олитарин унвони илмӣ дар Бухорои асри XIX.

Саисхона — молхона.

Сақф — шифти хона, шифти қаср.

Салиб — аломат ва рамзи дини исавӣ, ки пайравонаш онро муқаддас мешуморанд.

Саранҷом — охир, поён; охири кор; оқибат.

Сарват — боигарӣ, дороӣ, давлатмандӣ.

Сарватманд — шахси бой, шахси давлатманд.

Сард — хунук.

Сармо — хунукӣ, сардӣ.

Сахӣ — саховатманд, босаховат, кушодадаст.

Серун — хунук, салқин.

Сипас — пас, баъд, сонӣ.

Сипор — асбоби шудгоркунӣ, поза.

Султон — подшоҳ, шоҳ.

Суннатҳо — урфу одатҳо, расму қоидаҳо.

## Т

Тааҷҷуб — ҳайрон шудан; ҳайронӣ, ҳайрат.

Тайёра — самолёт.

Тақводор — шахси парҳезгор, порсо, худотарс.

Тамаддун — маданият.

Тамға — меҳр, нишона.



http://eduportal.uz

Тарсу — тарсанда, буздил, касе, ки беҳуда метарсад, тарсончак.

Таҳқир — ҳақорат кардан, паст задан.

Ташаккул — инкишоф, тараққӣ.

Тезӣ — оташинӣ, бадҷаҳлӣ.

Тифл — кӯдак, бачаи хурд.

Тоқатфарсо — тоқат карда нашаванда.

Тоқӣ — каллапӯш.

Тундур — ғурранда, раъду барқ.

Тӯша — хӯрокворӣ, захираи хӯрок барои роҳ, озуқаи роҳ.

Тӯъма — хӯрок, луқма.

## Е

Ӯғурча — кундаи дарунаш кофташуда, ки гандумро дар он андохта мекӯбанд.

## Ф

Фазои варзишгоҳ — саҳни варзишгоҳ.

Фақирона — камбағалона.

Фараҳбахш — хурсандибахш, хурсандиовар, шодкунанда.

Фаро гирифт — пӯшонд.

Фиғон — нола, зорӣ, фарёд.

Филфавр — зуд, дарҳол.

Фирӯзаранг — кабудранг, осмониранг.

Фозилон — олимон, донишмандон.

Фориғ — холӣ, озод аз чизе.

Фурудгоҳ — аэропорт.

## Х

Хазонрезӣ — тирамоҳ, баргрезӣ.

Харос — осиёе, ки ба қувваи хар, гов ё чорпои дигар мегардад.

Хоби гарон — хоби вазнин.

Хорича — беруна.

Хум — кӯзаи калони гилӣ (сафолӣ).

## Ҳ

Ҳадис — суханҳои пандомезе, ки аз Муҳаммад пайғамбар ба мо мерос мондааст.

Ҳайбат — бузургворӣ, шукӯҳ, виқор.

Ҳаловат — лаззат.

Ҳамал — моҳи якуми шамсӣ, ки ба тоҷикӣ Барра меноманд. Вай ба 21-уми март — 20-уми апрел рост меояд.

Ҳаммол — борбардор, борбар, боркаш.

Ҳамрадиф — баробар.

Ҳарам — ҳавлии дарун, сарои подшоҳон.

Ҳаҷ — зиёрати хонаи Каъба, ки дар шаҳри Макка ҷойгир аст.

Ҳилм — нармдилӣ, мулоимӣ.

Ҳиммат — саховат, хайру эҳсон.

Ҳисор — ҷойи мустаҳкам, қалъа, девори даври қалъа.

Ҳифз — муҳофиза, ҳимоя.

Ҳозиқ — моҳир, комил, устоди комил дар фанне, махсусан дар соҳаи тиб.

## Ч

Чакман — ҷомаи рӯйпӯшӣ, ки аз матои пашмина бофта ва дӯхта шудааст.

Чиллаи зимистон — чил рӯзи хунуки сахти зимистон.

Чобук — чусту чолок, чаққон, зудкор.

Чодар — парда, болопӯш.

Чоҳ — чуқурии рострафта дар замин, чуқурии росткanda барои кашидани об.

## Ҷ

Ҷавзо — моҳи сеюми шамсӣ, ки ба тоҷикӣ Дупайкар меноманд. Вай ба 21-уми май — 20-уми июн рост меояд.

Ҷосусӣ — хабар додан аз аҳволи мамлакате ба мамлакати дигаре.

## Ш

Шабзиндадор — бедорхоб, шабхез.

Шамшод — дарахте, ки баргҳои хурд дошта, чӯбаш сахт аст ва аз он асбоби гуногун месозанд.

Шафқат — меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ.

Шаҳд — асал.

Шиддат — сахтӣ, тангии аҳвол.

Шуғл — машғулият, кор.

Шурӯъ — оғоз, сар.

Шӯша — оби дар зимистон дар новадонҳо шоха-шоха яхбаста.

## Э

Эҳё — аз нав зинда гардонидан, ҳаёт бахшидан.



http://eduportal.uz

## МУНДАРИҶА

### *Фасли 1.* Эй Ватан, маъвои мо, кишвари зебои мо


Дарси 1. Якуми сентябр — иди истиқлол ............... 3
Дарси 2. Гимн (суруди миллӣ)-и Республикаи Ӯзбекистон ............... 6
Дарси 3. Байрақи давлатии Республикаи Ӯзбекистон ............... 8
Дарси 4. Герби давлатии Республикаи Ӯзбекистон 11
Дарси 5. Ватан. *Паймон* ............... 13
Дарси 6. Таронаҳои истиқлол. *Н. Каримзода* ............... 14
Дарси 7. Забони ман — ҷаҳони ман ............... 15
Дарси 8. Модар. *Э. Мирзо* ............... 17
Дарси 9. Модар — Ватан. *Ю. Акбаров* ............... 19
Дарси 10. Ӯзбекистон — ватани ягона ва зебои мо ............... 21
Дарси 11. Тешаи падар. *С. Искандаров* ............... 24
Дарси 12. Оҳангар. *Н. Розиқ* ............... 26
Дарси 13. Модари ман дӯзанда. *У. Раҷаб* ............... 27
Дарси 14. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи фасл ............... 28


### *Фасли 2.* Аз эҷодиёти халқ


Дарси 15. Суруд ва таронаҳои халқӣ ............... 32
Дарси 16. Соли нав. Мурода дод ............... 34
Дарси 17. Бале мурғак ............... 35
Дарсҳои 18—19. Оламм рангини афсонаҳо. Гунҷишки гапнодаро ............... 36
Дарси 20. Рӯбоҳ ва лаклак ............... 40
Дарси 21. Ҳосили ниҳоли нокишта ............... 42
Дарси 22. Латифаҳо ............... 44
Дарси 23. Чистон медонам, кӣ меёбад? ............... 45
Дарси 24. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи фасл. Тестҳо ............... 47




http://eduportal.uz

***Фасли 3.* Тирамоҳи заррин, фурсат ёбу ҳосил чин**

Дарси 25. Тирамоҳи заррин ........................................ 47
Дарси 26. Ангур ........................................................ 50
Дарси 27. Тирамоҳ. *Г. Сулаймонова* .......................... 52
Дарсҳои 28—29. Гург ва рӯбоҳ .................................. 53
Дарсҳои 30—31. Пахта — боигарии ватани мо... ...... 55
Дарси 32. Сӯҳбат бо пахта. *П. Мӯъмин* .................. 58
Дарси 33. Ҳунар чист? ............................................... 59
Дарси 34. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи фасл... ................................................... 61

***Фасли 4.* Дирӯзи халқаро бояд бидонӣ, таърихи онро бояд бихонӣ**

Дарси 35. Қаҳрамонии Шерак ..................................... 64
Дарси 36. Бухоро. *А. Гулзода* ................................... 66
Дарси 37. Шердори Самарқанд. *А. Пирӯзӣ* ............. 67
Дарси 38. Спитамен .................................................... 69
Дарси 39. Қаҳрамонии Муқаннаъ ............................... 71
Дарси 40. Маҳмуди Торобӣ ........................................ 73
Дарси 41. Имом ал-Бухорӣ ......................................... 75
Дарси 42. Зарбулмасалҳо ........................................... 79
Дарси 43. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи фасл. Тестҳо ....................................... 80

***Фасли 5.* Барфи нуқрафом ояд, ҳам субҳу ҳам шом ояд**

Дарси 44. Зимистони дилрабо ..................................... 81
Дарси 45. Январ. *М. Миршакар* ................................. 82
Дарси 46. Мӯрчаҳо ва чирчирак ................................. 83
Дарси 47. Аз ҳунари худ шодем. *М. Миршакар* ..... 84
Дарси 48. Пайраҳа. *А. Фафуров* ............................... 85
Дарси 49. Хуш омадӣ, Соли нав. *А. Гулзода* ......... 87
Дарси 50. Ҳикмати якдилӣ ......................................... 88
Дарси 51. Дар гирди арча. *А. Баҳорӣ* .................... 89




http://eduportal.uz

Дарсҳои 52—53. Чистонҳо ........ 90
Дарси 54. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи фасл. Тестҳо ........ 91

**Фасли 6. Мо ватанро посбонем, толиби сулҳи ҷаҳонем**

Дарси 55. Дар посбонии Ватан. *М. Миршакар* ........ 92
Дарси 56. Ватанам. *Г. Сулаймонова* ........ 94
Дарси 57. Бачаи зирак ........ 95
Дарси 58. Эй мулки хуррам. *А. Бобоҷон* ........ 96
Дарси 59. Орзуи Қодирбобо. *Т. Хайит* ........ 97
Дарси 60. Ўзбекистон. *Х. Худоназаров* ........ 100
Дарси 61. Дар одоби сухан гуфтан. Дар одоби салом додан. *Ҳусайн Воизи Кошифӣ* ........ 101
Дарси 62. Хоки Ватан. *М. Неъматзода* ........ 102
Дарси 63. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи фасл. Тестҳо ........ 102

**Фасли 7. Ҳамсоли ман — ҳамболи ман**

Дарси 64. Панди китоб. *А. Бобоҷон* ........ 103
Дарси 65. Дар одоби таом хўрдан ва об нўшидан. *Ҳусайн Воизи Кошифӣ* ........ 104
Дарси 66. Хати чалмоқӣ. *А. Бобоҷон* ........ 105
Дарсҳои 67—68. Киса. *Р. Файзӣ* ........ 106
Дарси 69. Вақт. *А. Бобоҷон* ........ 111
Дарси 70. Ҳасан ва моҳӣ ........ 112
Дарси 71. Касе нагуфт «Раҳмат». *Н. Бақозода* ........ 113
Дарси 72. Дум. *Қ. Муҳаммадӣ*. ........ 114
Дарси 73. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи фасл. Тестҳо ........ 115

**Фасли 8. Аз хирадмандон хирад омўхтам, аз бузургон ҳилму илм андўхтам**

Дарси 74. Абулқосими Фирдавсӣ ........ 116
Дарси 75. Пандҳои «Шоҳнома» ........ 119
Дарси 76. Абўисо Аттирмизӣ ........ 120
Дарси 77. Ибни Сино ........ 122

Дарси 78. Ҳикоятҳо дар бораи Ибни Сино ......... 124
Дарси 79. Амир Темур ........................................ 125
Дарси 80. Пандҳои Амир Темур ............................ 127
Дарси 81. Саъдии Шерозӣ .................................... 128
Дарси 82. Хикоятҳо аз «Гулистон» ......................... 129
Дарси 83. Абдураҳмони Ҷомӣ ............................... 131
Дарси 84. Хикоятҳои аз «Баҳористон» .................... 132
Дарси 85. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии
маводи фасл. Тестҳо .......................................... 134

## *Фасли 9.* Наврӯзи навбаҳорон, омад ба мулки моён

Дарси 86. Баҳор омад .......................................... 135
Дарси 87. Манзараҳои баҳор. *М. Миршакар* .......... 136
Дарси 88. Наврӯз ................................................ 137
Дарси 89. Сурудҳои баҳорӣ .................................. 140
Дарси 90. Чӯпонписар. *М. Миршакар* ..................... 141
Дарси 91. Суруди баҳорӣ. *Н. Бақозода* .................. 142
Дарси 92. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии
маводи фасл ...................................................... 143

## *Фасли 10.* Табиат дӯсти беминнати мост, табиат хостгори шафқати мост

Дарси 93. Табиатро дӯст доред ва ҳимоя кунед! . 145
Дарси 94. Шоҳи ҷонварон ...................................... 147
Дарси 95. Боғи мактабамон ................................... 149
Дарси 96. Савол ба навниҳол. *А. Шукӯҳӣ* ............ 150
Дарси 97. Садоқати саъба ..................................... 151
Дарси 98. Мурғаки шилшилапо. *А. Деҳотӣ* ............ 153
Дарси 99. Ҷайраи маккор ..................................... 154
Дарсҳои 100—102. Хайбар. *С. Айнӣ* ..................... 155
Дарсҳои 103—104. Сокини нав .............................. 159
Дарси 105. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии
маводи фасл. Тестҳо .......................................... 162



http://eduportal.uz

### Фасли 11. Ҷамоли одамӣ одоб бошад

Дарси 106. Дар вақти таҳсил. *А. Шукӯҳӣ* ............. 163
Дарси 107. Хайрия ........................................ 164
Дарси 108. Гов нашуда кал шуда монд.
*А. Шукӯҳӣ* ................................................ 165
Дарсҳои 109—110. Оби талх. *В. Осеев* .............. 166
Дарсҳои 111—112. Ҳикояти мор ......................... 168
Дарсҳои 113—114. Гунҷишк, мор ва гаҳвораҷунбон.
*У. Раҷаб* ................................................... 171
Дарси 115. Се рафиқ ....................................... 173
Дарсҳои 116—118. Писарон ............................... 174
Дарсҳои 119—121. Кори айб. *Х. Отахонова* .......... 176
Дарси 122. Бибиҷонам. *Г. Сулаймонова* ................ 178
Дарсҳои 123—124. Ҷони нодон дар азоб ............... 179
Дарси 125. Зарбулмасалҳо ................................ 182
Дарси 126. Табари тиллоӣ ................................ 183
Дарси 127. Рисолат дар куҷо буд? *А. Бобоҷон* ... 184
Дарси 128. Муаллими мо. *У. Раҷаб* ..................... 185
Дарси 129. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии
маводи фасл. Тестҳо ...................................... 186

### Фасли 12. Тобистони рӯҳафзо, айёми таътили мо

Дарси 130. Тобистон — роҳати ҷон ..................... 188
Дарси 131. Шаршара. *А. Бобоҷон* ........................ 192
Дарсҳои 132—133. Латифаҳо ............................... 193
Дарсҳои 134—135. Дар рӯзаки тобистон.
*У. Раҷаб* ................................................... 195
Дарси 136. Ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии
маводи фасл. Тестҳо ...................................... 198
Луғат ......................................................... 200



http://eduportal.uz

**Азимов Ю.** Китоби хониш: Китоби дарсӣ барои
А 54 донишомӯзони синфҳои 3-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ. (Ю. Азимов). — Т.: «O‘zbekiston», 2019. — 216 саҳ.

ISBN 978-9943-01-277-6

**УЎК 811.228.8(075)+372.41**
**КБК 81.2 Тад-2008**

*O‘quv nashri*

***Yunus Azimov***

**O‘QISH KITOBI**

3-sinf uchun darslik

Beshinchi nashr

(*tojik tilida*)

Original-maket «O‘zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlandi.
Toshkent, 100011, Navoiy ko‘chasi, 30.

Муҳаррир *Ҷ. Эшонқулов*
Муҳаррири бадеӣ *Ҳ. Қутлуқов*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Саҳифабанди компютерӣ *Ф. Хасанова*

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 25 январи соли 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70×90 1/16. Чопи офсетӣ. Гарнитураи «PragmaticTAD».
Кегли 14, 12. Бо усули офсет чоп шудааст.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,11. Ҷузъи чопии шартӣ 15,8.
Адади нашр нусха. Супориши № .

Дар ХЭТН «O‘qituvchi»-и Агентии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон, 100000, ш. Тошканд, Юнусобод кӯчаи Янги шаҳар, 1, А чоп шудааст.

http://eduportal.uz

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳ-бари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

## Ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз рӯи меъёрҳои зерин пур карда мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқоваааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навиштаҳо ба назар намерасад. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Дар муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор кардан ғайриимкон аст. |

http://eduportal.uz